**Доктор Ҳусайни МӮСАВӢ**

# АҲЛИ БАЙТ
## аз худ дифоъ мекунанд

***Талоши мухлисона дар ростои тасҳиҳи баъзе мафоҳим ва таҳкими ваҳдат байни уммати исломӣ***

Мутарҷим:
**Ҷаводи МУНТАЗИРӢ**

**ИН КИТОБ АЗ САЙТИ КИТОБХОНАИ «АҚИДА» ДОНЛӮД ШУДААСТ.**

**www.aqeedeh.com/ta/**

АДРЕСИ ИМАЙЛ**: book@aqeedeh.com**

**САЙТҲОИ МУФИД**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.shabnam.cc
www.kalemeh.tv
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.zekr.tv

www. mowahedin.com
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www. nourtv.net
www.videofarsi.com

Номи китоб: **Аҳли байт аз худ дифоъ мекунанд**
Таълифи: **Доктор Ҳусайни МӮСАВӢ**
Тарҷумаи: **Ҷаводи МУНТАЗИРӢ**

Баргардонӣ аз рӯи китоби **“Аҳли байт аз худ дифоъ мекунанд”** чопи аввали интишороти “Ҳақиқат” соли 1381 шамсӣ сурат гирифтааст.

**Эҳдо**

Ин асари ночизро ба тамоми ҳақҷӯён тақдим медорам, онҳое, ки ҳақро бар ботил, таҳқиқро бар тақлид, ваҳдатро бар нангу ор тарҷеҳ медиҳанд. Касоне, ки ба таъбири Қуръони карим: **“Тамоми суханонро мешунаванд ва он гоҳ беҳтарини онро пайравӣ мекунанд.”** Хушо ба саодату некбахтиашон.

*Ҷавод*

## Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон

## ПЕШ АЗ ДАРОМАД

***Хонандаи гиромӣ!***

Ҳамчунон ки медонед беш аз ҳазору чаҳорсад сол аст, ки аз умри Ислом ба унвони охирину комилтарин дини илоҳӣ мегузарад. Ин қаҳрамони навпо аз ҳамон аввалин рӯзҳои таваллудаш рӯи оромиро надид ва душманонаш ҳамвора чангу дандон тез мекарданд ва дар камин нишаста буданд.

Ҳарчи рӯзҳову солҳо бештар мегузашт, душманиҳо зиёдтар мешуд ва кинаву кудуратҳо амиқтар мегардид, дасисаҳову тавтиаҳо авҷ мегирифт ва ранг иваз мекард. Чеҳраҳои мухталиф ва ҷабҳаҳои гуногун гоҳе мустақил ва гоҳо бо ҳамоҳангӣ барои аз пой даровардани ин қаҳрамони ояндаи таърих дар такопӯ буданд, дар ҷабҳа ба навбати худ зӯрозмоӣ мекарданд. Мушрикин дар Макка, яҳуд ва мунофиқин дар Мадина, насоро дар Рум ва маҷус дар Форс тамоми нерӯи худро сарф карданд, аммо Ислом мисли пештара пирӯз мешуд ва рушду пешрафт мекард.

Ба дунболи вафоти ҳазрати хатми мартабат, Расули бузургвори Ислом (с) дини илоҳӣ беш аз ҳар замони дигаре дар маърази хатар қарор гирифт. Аз дохил баъзе қабилаҳои Араб, ки ҳанӯз Ислом дар қалбашон росих нашуда буд, бо

напардохтани закот эълони иртидод (муртад шудан) карданд ва аз хориҷ ҳар ду импротури бузург омодаи интиқом шуданд. Ба гумони ин ки бо вафоти Расули акрам (с) Ислом ятим шудааст ва дигар касе нест аз ӯ ҳимоят кунад, вале Худованди ҳаким ва тавоно мардонеро мусаххар кард, ки на танҳо аз ӯ ҳимоят карданд, балки доманаи онро аз ҳар сӯ то дуртарин нуқоти ҷаҳон густариш доданд. Ин ёрони бовафо ва шогирдони мухлиси мактаби рисолат дарахти пурбори Исломро бо хунашон обёрӣ карданд ва чунон дарсе ба душманони кинатӯзу тамаъгари дохилӣ ва хориҷӣ омӯхтанд, ки то абад аз шикасти ин қаҳрамон бузург (Ислом) ноумед гардиданд.

Оре, хонандаи азиз! Ин ҷо буд, ки душманони шикастхӯрдаи Ислом пас аз онки тамоман аз зарбаи мустақим задан ба дини илоҳӣ ноумед шуданд ва натавонистанд ҷилави интишору паҳншавии онро бигиранд, ба фикри он афтоданд, ки ба ҳар тарзе неши худашонро бизананд ва кинаашонро фурӯ нишонанд. Аз ин рӯ, дасисаҳову тавтиаҳо ранги дигаре ба худ гирифт ва бо шиддати ҳарчи тамомтар барои коштану парвариши микроби ихтилоф даст ба кор шуданд.

Аз он ҷое ки, ҳама уммати исломӣ чунончи бо худи Расули акрам (с) муҳаббат доранд, табиист, ки бо хонавода, балки бо якояки афроди хонавода ва оли байти эшон (с) муҳаббат доранд.

Онҳо саъю кӯшиш карданд аз ҳамин ҷо оғоз кунанд ва баҳонаи ҳубби аҳли байт (ъ) дар миёни уммат тухми тафриқа бипошанд. Таъкид мекунам, ки муҳаббати оли байт (ъ) ҷузъи имони ҳар мусалмон аст, вале онҳо гӯё чунин вонамуд карданд, ки иддаи махсусе аҳли байтро дӯст доранд ва боқимонда бо эшон душман ҳастанд.

Мутаассифона, ин дасисаву найранги онҳо то ҳадде дар миёни баъзе мусалмонони садаи он замон таъсир кард,

ки уммати муттаҳид ва якпорчаи исломӣ захми бузурге бардошт. Аз он ҷое, ки ин китоб талоше барои марҳам гузоштан бар ин захми чиркин ва гандидааст, банда саъю кӯшиш хоҳам кард, дар ин муқаддимаи кӯтоҳ чанд матлаберо ба тавр мухтасар арз кунам.

Матлаби аввал: ***Баёну тавзеҳи чанд истилоҳ ва калима:***

*Шиъа:* ба маънии пайрав, шиъаи Иброҳим, яъне пайравони Иброҳим, шиъаи Алӣ, яъне пайравони Алӣ.

*Аҳли суннат:* яъне пайравони суннати Паёмбар (с). Бинобар ин агар байни таърифу баёни калимаи шиъа ва аҳли суннат бингарем, ҳеҷ зиддияте вуҷуд надорад, мумкин аст як мусалмон ҳам шиъаи Алӣ бошад ва ҳам пайрави суннати Паёмбар (с), ҳам аҳли байти Расули акрам (с)-ро дӯст дошта бошад ва ҳам мувофиқи суннати Паёмбар (с) амал кунад. Аз ин рӯ, ҳеҷ таноқузу зиддият дида намешавад.

*Носибӣ:* Касе, ки бо оли байти Паёмбар (с) ибрози душманӣ кунад.

*Рофизӣ:* Касе, ки аҳли байтро тарк кунад.

*Сабоӣ:* Пайравони Абдуллоҳ ибни Сабо.

Пас мусулмон касе аст, ки илова аз пойбандӣ ба усули эътиқодӣ аз суннати Расули акрам (с) ва суннати асҳоб ва ёрони бовафояш (р) ва суннати аҳли байти атҳораш (ъ) ки айни суннати Паёмбар аст, пайравӣ ва тамоми онҳоро дӯст дошта бошад ва аз ҳеҷ фарди онҳо кина ба дил надошта бошад. Чунин шахсе ҳам шиъа, ҳам суннӣ ва ҳам мусалмони комил аст ва чунин мусалмоне на рофизӣ, на сабаӣ ва на носибӣ аст. Пас ҳар шиъаи хуб ҳам суннӣ ва ҳам мусалмон аст ва ҳар суннии хуб ҳам шиъа ва ҳам мусалмон аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин гуфтор на ҳеҷ суннӣ носибӣ ва на ҳеҷ шиъае рофизӣ ва сабаӣ аст, ба шарте, ки на суннӣ бо аҳли байт (ъ) кина дошта бошад ва на шиъа бо саҳобагон

(р), ҳатто ба як фарди онҳо кина дошта бошад, ӯ суннӣ нест, балки носибӣ аст. Ва агар шиъае дидем, ки бо асҳоби Паёмбар (с), ё ҳатто як фарди эшон кина дошта бошад, ӯ шиъа нест, балки рофизӣ ва сабаӣ аст.

Матлаби дуввум: ***Таҳқиқро ҷонишини тақлид кунем.***

Хонандагони азиз, ин мавзӯъи бисёр муфассале аст. Банда дар садади нақли қавлҳо нестам, ки вақти зиёде хоҳад гирифт, чанд нуктаро фишурда арз мекунам.

*Аввал:* дини илоҳӣ, хусусан, бахши эътиқодот хориҷ аз доираи тақлид аст, чунончи имом Содиқ (ъ) мефармоянд: "Ҳар ҳадисе, ки аз мо ба шумо расид бар Қуръон арза кунед, ҳарчӣ бо Қуръон мувофиқ буд, ба он амал кунед ва ончи бо Қуръон мухолиф буд, ба девор бизанед."

Пас ҳеҷ мусалмоне дар ҳеҷ асле аз усули эътиқодӣ набояд муқаллиди дигар кас бошад, масалан фалон шахсият, ки миллионҳо муқаллид ва иродатманд ҳам дорад ё ҳатто фарз кунед аз забони фалон имом матлабе гуфта шавад, ки мухолиф бо Қуръон ва суннати Паёмбар (с) бошад, ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қабул нест.

Зеро ҳеҷ шахсе ба шумули худи имомони атҳор (ъ) наметавонад матлабе бар хилофи Қуръон бигӯяд, агар чунин чизе ба мо расид, ҳатман дурӯғ аст, на ин ки он шахсият дурӯғ гуфта бошад, балки аз забони ӯ дурӯғ сохтаанд.

*Дуввум:* Таклифу масъулияти мо чист? Оё ҳамеша ва дар ҳама чиз, ҳатто эътиқодоти худамон муқаллид бошем? Мустақиман тарҷумаи Қуръон нахонем ва дар оятҳои он наяндешем?

Дар бораи садҳо ҳазор ривояте, ки ба мо расида таҳқиқ накунем? Ба китобҳо мурoҷиат накунем? Ривоятҳои мутаноқизро, ки бисёр вақтҳо ба Қуръон ва ақли солим низ зиддият дорад, баррасӣ накунем?!

Дар ҷавоби ин пурсишҳо арз мекунам, ки хушбахтона дар солҳои охир аз бемории тақлиди мутлақ коста шуда ва доираи ҷунбиши муҳаққиқон густариш ёфтааст, ҳатто дар миёни муҳассилон ва донишҷӯён. Ва ин бисёр ҷои хурсандӣ аст, балки доираи таҳқиқ аз донишгоҳҳо фаротар рафта ва кам-кам дорад по ба арсаи ҳавзаҳо мегузорад ва ин орзӯи деринаест, ки бисёре аз муҳаққиқон ва муслиҳон то кунун интизорашро доштаанд.

Ба иборати дигар ҷунбиши илоҳиталабии мазҳабӣ, ки аз даҳҳо сол пеш ҷаставу хеста ба талоши худаш идома медод, инак муваффақ шудааст сари пояш биистад.

Мо ба ҳамаи касоне, ки ба шакле дар ин маврид гом бардоштаанд ва ҳатто андешидаанд, табрик арз мекунем, барои онҳое, ки аз дунё рафтаанд, талаби омурзиш ва рафъи дараҷот мекунем ва ба пайравони онҳо ва идомадиҳандагони ин хати паёмбарона мужда медиҳем, ки ба умеди Худо шумо ба ҳар ҳол пирӯзед ва роҳи шумо, ки роҳи паёмбарон аст иншоаллоҳ ҳамеша пурри раҳрав хоҳад буд.

*Саввум:* Масъулияти ҳамаи мо ин аст, ки ба андозаи тавони худамон саъй кунем, мусалмононро ба меҳвар васл кунем ва равшан аст, ки меҳвар фақат Қуръони карим аст. Табиист, ки аз суннати Расули акрам (с) ва сирати оли атҳораш (ъ) ва асҳобу ёрони вафодораш, ки ҳошияи меҳвар ба ҳисоб меравaнд, ҳаргиз бениёз нахоҳем буд.

Аммо фақат он қисмат ривоёт ва аҳодисро мепазирем, ки бо Қуръони карим ва ақли солим созгор бошад ва тамоми он чи ки бо рӯҳи Қуръони карим ва ҳаёти Расули Худо (с) ва саҳобагони ҷонбоз ва аҳли байти атҳораш мухолиф бошад ва дар қолаби ақли солими башарӣ нагунҷад, на ҳадис аст ва на дин ва аз диди ҳар мусалмони оқил ва содиқе мардуд аст. Албатта иштибоҳ нашавад, ки меъёри ҳақшиносӣ фақат ақл нест, балки ваҳй аст ва

сӯҳбати мо аз ақлест, ки дар партави нури ваҳй битавонад роҳи худашро ташхис намояд.

*Чаҳорум:* Дар кори таҳқиқ бояд маҳз Қуръонро меҳвар қарор диҳем ва аз ривоятҳо барои он мисол, шоҳид, намуна ва таъйид биёварем, на ин ки аҳодис меҳвар бошад ва барои матлаби пеш таъйиншудае, ки тавассути ривоятҳои дурӯғин асосаш гузошта шудааст оёти Қуръонро, ҳар тавре ки лозим буд, қайчӣ кунем ва бо таъвил ва тафсири хилофи воқеъ ба он бичаспонем. Ин кор на танҳо таҳқиқ нест, ки бозӣ бо нусуси ваҳй, балки бозӣ кардан бо ақли инсонҳои озодманиш ва худоҷуст, ки ҳамеша бар қуввати истидлол такя доранд ва мехоҳанд барои ҳама эътиқодоташон аз Қуръон далели возеҳу равшан дошта бошанд.

*Панҷум:* Як қоидаи собити исломиро ҳам хидмати шумо арз кунам ва он ин ки ҳар асли эътиқодӣ ҳатман бояд дар Қуръон бо сароҳат собит шуда бошад. Мумкин нест, ки чизе ҷузъи усули эътиқодӣ бошад, вале дар Қуръон ошкор баён нашуда бошад.

Бинобар ин ҳар ончи ки дар Қуръон бо сароҳат наомада бошад, ақида нест, барои тавзеҳи бештар ба мисоли зайл таваҷҷӯҳ фармоед: Агар касе мункири нубувват (пайғамбарӣ) шавад, кофир мешавад, зеро он дар Қуръон бо сароҳат ва ошкор собит шудааст. Вале агар касе аз вилоят ё имоми замон ё исмати аима (ъ) мункир шавад, кофир намешавад, зеро собитшавии ин мавзӯъҳо (албатта барои касоне, ки ба онҳо муътақиданд) иҷтиҳодӣ аст ё ҳадди аксар ба василаи ривоятҳо собит шуда ва ривоятҳо ба баҳсу таҳқиқи муфассал ниёз доранд ва мутаассифона, аксари ин гуна ривоёт дастоварди душманони ислом аст, ки ба номи поки аимаи атҳор (ъ) бофта шудааст.

Шашум: Худованди муттаъол мефармояд: **“Ва мужда бидеҳ, эй Паёмбар, бандагонамро касоне, ки ҳар суханеро мешунаванд ва беҳтарини онро пайравӣ мекунанд.”**

Пас аз сифоти ҳар мусалмони содиқ ин аст, ки ҳар дидгоҳ ва назарияеро бишнавад беҳтарини онро пайравӣ кунад, бинобар ин барои шинохти ҳар мазҳаб ва гурӯҳ ва андешае бояд ба китобҳо ва навиштаҳои соҳибони худи он мазҳабу гурӯҳҳо руҷуъ кард, на ба таҳрифоти мусташриқон. Барои шинохти масиҳият ва ошноӣ бо таҳрифоти каломи илоҳӣ аз сӯи масиҳиён бояд ба китобҳои худи онҳо руҷуъ кард.

Барои шинохти ташайюъ ва тасаннун бояд ба навиштаҳои худи уламои шиъа ва суннӣ мурочиат кард, на он чи ки дигарон дар бораи онҳо навиштаанд. Пас барои шинохти ташайюъ бояд мустақиман ба манобеъу сарчашмаҳои аслии шиъа мурочиат кунем, то онро дақиқ бишносем, на ин ки ба фаҳми дигарон иктифо кунем.

Аз ҳамин ҷиҳат, банда аз хонандагони азизам хоҳиш мекунам ки барои шинохти дурусти ташайюъ ба "Усули кофӣ" мурочиат кунед, агар фурсат набуд, китоби "Ал-ҳуҷҷа", "Наҳҷу-л-балоға" тафсири "Маҷмаъу-л-баён"-ро ҳатман бихонед ва китобҳои муҳими дигар.

Ба ҳамин тартиб барои шинохти аҳли суннат тарҷимаи Қуръони карим, "Саҳиҳи Бухорӣ", "Саҳиҳи Муслим" ва тафсири Ибни Касирро бихонед. Агар тарҷумаи он дастрас нест "Тафсири нур" як ҷилд аз доктор Хурамдил ё ҳар тафсире аз аҳли суннат метавонед пайдо кунеду бихонед. Барои шинохти хулафои рошидин, "Сиҳрайн ва Шайхайн"-и Хатибро бихонед ва низ китобҳои дигар.

Пас нодуруст аст, ки мо бихоҳем мазҳаберо аз тариқе душманонаш бишносем. Хушбахтона, китобе, ки дар даст доред, фишурдае аз маъруфтарин китобҳои шиъа аст, бо вуҷуди ин барои итминони бештар метавонед ба манобиъи мазкур мурочиат фармоед.

*Матлаби саввум:* Кадом як, шиъа ё суннӣ? Исм муҳим нест, мӯҳтаво муҳим аст, як суннии боинсоф ва як шиъаи

боинсоф, агар аз хурофот дур бошанд ва сару корашон бо Қуръон ва суннат бошад ва аз ихтилофпароканӣ нафрат дошта бошанд ва аҳли байти атҳор (ъ) ва саҳобагони ахёр (р)-ро дӯст дошта бошанд, ҳеҷ фарқе бо ҳам надоранд.

Дар масоили фиқҳӣ ҳар кас аз ҳар мазҳабе, ки дӯст дорад, бо далели саҳеҳ ва бидуни таассуб пайравӣ кунад. Муҳим ин аст, ки Худоро ба яктоӣ бишносад, ҳеҷ сифате аз сифатҳои Парвардигори бузург, аз ҷумла илми ғайбро ба бандагонаш нисбат надиҳад.

Ин нукта возеҳу ошкор аст, ки паёмбарон, саҳобагони ҷонбоз ва аҳли байти атҳор (р) мухлистарину поктарини авлиёи Худо буданд ва дар бандагӣ ва убудияти Парвардигорашон ба авҷи камол расида буданд. Маҳол аст, ки касе аз онҳо барои худаш ё барои дигар кас иддиои илми ғайб карда бошад. Онҳо олимтарину моҳиртарин шахсиятҳо ба Қуръони карим буданд, онҳо медонистанд, ки ҷуз Худо ҳеҷ кас ғайб намедонад, онҳо хонда буданд ки:

قُل لَّآ أَمۡلِكُ لِنَفۡسِي نَفۡعٗا وَلَا ضَرًّا إِلَّا مَا شَآءَ ٱللَّهُۚ وَلَوۡ كُنتُ أَعۡلَمُ ٱلۡغَيۡبَ لَٱسۡتَكۡثَرۡتُ مِنَ ٱلۡخَيۡرِ وَمَا مَسَّنِيَ ٱلسُّوٓءُۚ إِنۡ أَنَا۠ إِلَّا نَذِيرٞ وَبَشِيرٞ لِّقَوۡمٖ يُؤۡمِنُونَ ﴿١٨٨﴾

**“Бигӯ, ки ихтиёри суд ва зиёне барои худ надорам, магар он чи Худо бихоҳад ва агар ғайб медонистам хайри фаровон барои худ касб мекардам ва ҳеҷ ногуворӣ ба ман намерасид”.**

*(Аъроф: 188)*

﴿ وَعِندَهُۥ مَفَاتِحُ ٱلۡغَيۡبِ لَا يَعۡلَمُهَآ إِلَّا هُوَۚ ﴾

**“Ва калидҳо (ганҷинаҳо)-и ғайб назди Ӯст, ки ҳеҷ кас ҷуз Ӯ онро намедонад”.**

*(Анъом: 59)*

Агар Паёмбари бузургворамон (с) ғайбро медонистанд, аз шаҳид шудани амакашон, ҳазрати Ҳамзаи қаҳрамон (р) бо ҳафтод нафари дигар аз саҳобаи азизашон дар Уҳуд ҷилавгирӣ мекарданд!

Агар ғайбро медонистанд, боз ҳам дар Уҳуд камини пеши пояшонро медиданд ва дар он намеафтоданд, ки дандони муборакашон шаҳид шавад ва чеҳраи нозанинашон захм бардорад!

Агар ғайбро медонистанд, тӯҳмате, ки мунофиқон ба ҳамсарашон, уммулмӯъминин Оишаи Сиддиқа (р) заданд ва обрӯяшонро дар чашми тамоми мардуми мусалмон ва кофир дар маърази хатар қарор доданд, ин тӯҳматро аз худашон дафъ мекарданд ва то панҷоҳ рӯз бо тамоми аҳли байти атҳор ва ёрони ҷоннисораш дар интизори ваҳй наменишастанд!

На танҳо ҳазрати Расули акрам (с), балки амирулмӯъминин Алӣ, имом Ҳасан, имом Ҳусейн ҳазрати Заҳро (ъ) ҳамагӣ ҳузур доштанд ва ҳама аз ин мусибати бузург нороҳат буданд.

Вале ғайбдонии ҳеҷ кадоми онҳо зоҳир нашуд, ки ғами Паёмбарро бартараф кунад ва байти тоҳира, соҳиби рисолатро аз омоҷи захми забонҳои мунофиқин наҷот диҳад.

То ин ки баъди панҷоҳ рӯз оятҳои маъруфу машҳури сураи Нур нозил шуд ва аз чеҳраи душманони Паёмбар (с) ва душманони уммулмӯъминин Оишаи Сиддиқа (р) парда

бардошт ва Худои олимулғайб бар иффату покии Ҳумайрои афифа (Оиша) мӯҳри ваҳй гузошт.

Агар ҳазрати имоми Муҷтабо (ъ) ғайб медонист, чаро масмум (заҳр хӯронда) шуд ва ба шаҳодат расид!

Агар ҳазрати имом Ҳусайн (ъ) ғайбро медонист, чаро нафаҳмид, ки аҳли Кӯфа мунофиқанд ва ба аҳду паймонашон вафо намекунанд ва ӯро танҳо мегузоранд!

Ва чаро тамоми хонаводаашро ба майдони Карбало бурд? Барояшон ҷиҳод фарз буд, кӯдакони ширхор чаро ба шаҳодат бирасанд? Шаҳодат ифтихор аст барои касе, ки мукаллаф аст, на барои кӯдакон, пас имом Ҳусайн (ъ) низ ғайбро намедонистанд. Агар имом Содиқ (ъ) ғайбро медонистанд, чаро Исмоъилро ба имомат баргузиданд, ки ӯ қабл аз худашон вафот кард, он гоҳ имом Козим (ъ)-ро таъйин фармуданд?! Агар имом Ризо (ъ) ғайбро медонистанд, чаро масмум шуданд ва ба шаҳодат расиданд?!

Ва агар имом Боқир ва имом Содиқ (ъ) ғайбро медонистанд, чаро ин ҳама зиндиқ (мулҳид) ва мунофиқро шинохта расво накарданд ва гузоштанд ба номи онҳо дурӯғ бисозанд ва сирати поки эшонро олуда кунанд!

Пас, ғайбдонӣ сифати Худост, ки Худованд онро ба касе нadодааст, бинобар ин ҳар мусалмоне, ки Худоро якто ва лошарик бидонад, яқинан ӯ мусалмони воқиъӣ аст, чӣ шиъа бошад ва чӣ суннӣ.

Аммо агар касе сифоти Худовандро ба ғайри Худо нисбат диҳад, ҳоҷаташро ба ғайри Худо арза кунад, дар мушкилоташ ба ғайри Худо рӯй орад, барои ғайри Худо забҳ ва назр кунад, ба аҳли байти атҳор ва саҳобагони ахёр тавҳину таҳқир кунад, чунин шахс на шиъа аст, на суннӣ, на аҳли байт чунин эътиқоде доштаанд ва на саҳобагон, ки зиндагии онҳо нусхаи зиндае аз Қуръони карим будааст.

Аз ин рӯ, мо замоне метавонем худро шиъа ва суннӣ ва мусалмон биномем, ки сад дар сад ба Қуръони карим ва мутобиқи сирати Паёмбари акрам (с) ва сирати аҳли байти атҳор ва саҳобаи ахёраш амал кунем, он вақт мо уммати муттаҳид ва нерӯманд хоҳем буд ва метавонем, ки аз Исломи азиз дифоъ кунем ва душманонашро саркӯб намоем.

Пас, биёем Исломро маҳкам бигирем, ки дар он ҳама ҷо доранд, ончи дар Ислом ҷо надорад, вале мутаассифона ба василаи душманони Ислом рахна карда ихтилоф аст, кина аст, душманӣ аст, тавҳину лаънат аст, нифоқасту дурӯғ, ширкасту хурофот, бидъатгароӣ аст ва суннатзудоӣ, бадгумонист ва...

Он чи мутаассифона аз ҷомеаи исломӣ рахт барбаста, ваҳдат аст, муҳаббату эҳтиром, садоқат асту самимият, дӯстдории тавҳиду суннат аст ва бадбинии ширку бидъат, талоши пайгир барои ислоҳ ва поксозии ҷомеа аст ва иҷро намудани масъулиятҳоест, ки асҳоби Паёмбар (с) ва аҳли байт (ъ) ба хотири он ҷон доданд ва ғайра.

Ҳадаф ин аст, ки мо мусалмонон бо якдигар хуб бошем ва ин орзу замоне таҳаққуқ хоҳад ёфт, ки бо авлиёи Худо муҳаббат дошта бошем ва ҳамчунон қаблан ишора кардам, пас аз анбиё (ъ) аз ол ва асҳоби Паёмбар (с) авлиёи поктар ва содиқтаре барои Худо на вуҷуд дошта ва на дар оянда пайдо хоҳад шуд.

Сифоти авлиёи Худо имон ва тақво аст. Ол ва асҳоби Расули акрам (с) ба авҷи имон ва тақво расида буданд ва Худованд дар ҳадиси қудсӣ мефармояд: **“Касе, ки бо валие аз авлиёи Ман душманӣ кунад, Ман бо ӯ эълони ҷанг мекунам.”**

Ва агар аҳли байти Паёмбар (с) ва асҳоби ӯ аз авлиёву дӯстони Худо набошанд, дигар Худо дӯсту валие надорад.

Худованди муттаъол пас аз ситоиши саҳобагони муҳоҷир ва ансор сифоти мӯъминонеро, ки баъд аз он покон хоҳанд омад, чунин баён мефармояд: **“Ва касоне, ки пас аз онҳо омадаанд, гӯянд: Парвардигоро, мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо сабқат доранд, биёмурз ва дар дилҳои мо нисбат ба мӯъминон кинае магзор. Парвардигоро, Туӣ, ки ниҳоят бораҳму меҳрубонӣ.”**

*(Ҳашр: 10)*

Ҳамчунин Аллоҳ таъоло мефармояд: **“Онҳо уммате буданд, ки даргузаштанд. Аъмоли онҳо ба худашон марбут аст ва аъмоли шумо марбут ба худи шумост ва шумо ҳеҷ гоҳ масъули аъмоли онҳо нахоҳед буд.”**

*(Бақара: 134)*

Матлаби чаҳорум: ***Дар бораи ин китоб.***

Китоби ҳозир дар воқеъ аввалин китобест, ки то кунун дар мавзӯъи мавриди назар навишта шудааст, агарчанде баъзе камбудиҳо дорад, вале дар умум намунаи бисёр ҷолибе барои муҳаққиқон, ба хусус насли ҷавон аст. Зеро муаллифи мӯҳтарам чунончи дар муқаддимаи китоб мулоҳиза хоҳед фармуд, барои таҳияи ин китоб солҳо заҳмат кашидааст.

Аз ҳамин ҷиҳат муҳимтарин хусусияти китоби ҳозир ин аст, ки хонандаи худашро дар муқобили донишманди бузург ва муҳаққиқи тавоное меёбад, ки аз худаш ҳарф намезанад, балки матолибашро бо санаду далел баён мекунад ва хонандаро дар баробари ҳақиқатҳои инкорнашаванда қарор медиҳад, ки маҷбур аст ё қабул кунад ва ё ба сурогҳи манобеъ биравад.

***Тарҷума:***

Дар ин робита чанд нукта қобили тазаккур аст, зеро дар тарҷимаи китоби мазкур тасарруфоти андаке кардаам, ки дар ҳамин ҷо ба нукоти муҳими он ишора хоҳам кард.

1. Номи арабии китоб "Лиллоҳи сумма ли-т-таърих, Кашфу-л-асрор ва табриъату-л-аимати-л-атҳор" аст, ки банда номи "Аҳли байт аз худ дифоъ мекунанд"-ро барои он интихоб кардам.

2. Ҷуз ҳафт унвони аслии китоб бақияи сарлавҳаҳову унвонҳои дохилӣ аз ҷониби мутарҷим изофа шудааст.

3. Бахшҳое аз китоб, ки мутарҷим онро бо завқи хонандагонаш созгор надониста ва ба ваҳдати мусалмонон кумак намекард, ҳазф кардааст.

4. Мутарҷим саъй карда истилоҳотеро ба кор барад, ки умуми хонандагонаш бо онҳо ошно ҳастанд, масалан ба ҷои (Абӯҷаъфар ва Абӯабдулло), ки ҷуз мутахассисони соҳаи таърих мардуми дигар бо онҳо ошно нестанд, исмҳои маъруфи имом Боқир ва имом Содиқ (ъ)-ро истифода кардааст. Ва низ истилоҳи (разияллоҳу анҳу), ки дар ривоятҳо омадааст, зеро имрӯз дар ҷомеаи ташайюъ истилоҳи (ъалайҳиссалом) маъруф аст. Аз ҳамин ҷиҳат мутарҷим ҳамин истилоҳро тарҷеҳ додааст.

5. Баъзе ҷумлаҳои ин китоб воқеан зананда, хилофи адаб ва бисёр вақтҳо мухолифи имон ва виҷдон аст, вале мутарҷим аз тарҷимаи онҳо ногузир будааст.

Бинобар ин масъулияти комили чунин мавридҳо ба дӯши муаллифони аслӣ ё дар воқеъ ҳадиссозон аст, на ба дӯши муаллифи мӯҳтарам ва мутарҷими он.

Аз ин рӯ, аз ин ки гоҳо бо алфози ракики худам дар маҷрӯҳ кардани эҳсосоти шумо хонандагони азиз шарик шудаам қаблан пӯзиш металабам.

***Муаллиф:***

Чунончи аз матни китоб мулоҳиза хоҳед фармуд, муаллифи мӯҳтарам аз бузургтарин чеҳраҳои илмии муосир дар ҳавзаи илмияи Нацафи ашраф аст, вале мутаассифона шароити душвори муҳит ба эшон ицоза надода, ки исми аслии худро ошкор кунанд. Бинобар ин номи дар пушти китоб ва ҳамчунин дар дохили китоб номи мустаъори (ғайри ҳақиқии) эшон аст.

Синни эшон акнун наздик ба навад сол аст, зеро эшон қабл аз вафоти аллома Ҳусайни Кошифулғито фориғуттаҳсил шуда ва аллома Кошифулғито дар ҳаждаҳуми зилқаъдаи соли 1373-и қамарӣ вафот намудааст. Албатта мартабаи илмии эшон оятуллоҳилузмо аст, вале азбаски унвони докторӣ ҳам доранд, мо фақат эшонро доктор хондем. Барои ошноии бештар бо муаллиф ба муқаддимаи худи эшон муроциат намоед. Сарафроз бошед.

***Мутарцим***

## МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ

*Алҳамду лиллоҳи раббилъоламин ва-с-салоту ва-с-салому ъало набийиламин ва олиҳи-т-тайибина-т-тоҳирин ваттобиъина бииҳсонин ило явмиддин.* Аммо баъд:

Ҳама медонанд ки зиндагӣ бо марг поён меёбад ва сипас масири ҳар кас мушаххас мешавад ё ба сӯи биҳишт ва ё ба сӯи дӯзах ва ҳар мусалмоне сахт орзу дорад, ки аз аҳли биҳишт бошад, бинобар ин маҷбур аст ки барои розӣ кардани Парвардигораш талош кунад ва аз ҳар чизе ки Худованд наҳй фармуда худашро боздорад. Ба ҳамин далел мебинем, ки мусалмон ҳамвора орзу дорад ба тоати Парвардигораш ва ҳама чизе, ки ӯро ба Ӯ наздик мекунад, машғул бошад.

Ин ҳоли умуми мардум аст, ки табиист аҳли хосса (уламову донишмандон) дар ин замина ҳирси бештаре доранд.

Ҳамчунин равшан аст, ки зиндагӣ печу хамҳои зиёде дорад ва сабабҳои фиребу лағжиш барои инсон фаровон аст, бинобар ин оқил касест, ки ҳамон роҳеро баргузинад, ки дар ниҳоят ӯро ба биҳишт мерасонад, гарчи душвор бошад ва роҳҳоеро, ки ӯро ба дӯзах мекашонад, тарк кунад, ҳарчанд ки ба зоҳир осону лаззатбахш бошад.

Достоне, ки инак мехонед, самараи талоши солҳо баҳсу тафаккур ва мутолиаву таҳқиқ аст ва орзуе ҷуз ин надорам, ки то зинда ҳастам ва дар кафан печонда нашудаам, Парвардигорам аз ман хушнуд гардида ва хоҳарону бародарони мусалмонам аз он баҳраманд гарданд.

***Шиноснома:***

Банда дар Карбало ва дар муҳити комилан шиъӣ таваллуд шудаам ва дар домани падару модари мутаддайин парвариш ёфтаам. То синни ҷавонӣ дар мадориси шаҳри худамон таҳсил кардам ва сипас падарам маро ба ҳавзаи илмияи Наҷафи ашраф, ки бузургтарин ҳавза дар ҷаҳон аст, фиристод, то аз маҳзари уламо ва мароҷиъи олиқадре ҳамчун имом Сайид Муҳаммад Ҳусайн оли Кошифулғито ва дигарон касби файз намоям.

Таҳсил дар Наҷафи ашраф ва дар ин ҳавзаи илмияи бисёр маъруф идома ёфт ва орзуям ин буд, ки рӯзе битавонам ба унвони як марҷаъи динии бориз риёсати ҳавзаро ӯҳдадор шавам ва ба дину умматам хидмат кунам ва мусалмононро бедор намоям. Ҳамчуноне орзу доштам, мусалмононро уммати воҳид ва миллати муттаҳид бубинам, ки аз як раҳбар итоат мекунанд ва кишварҳои кофириро дар муқобили уммати мусалмон сусту заъиф ва аз ҳам пошида бубинам ва дигар орзуҳои бисёре, ки ҳар ҷавони мусалмони ғайюр дар дил дорад.

Аз ин рӯ, ҳамеша аз худ мепурсидам, ки он чи боиси ин ҳама бадбахтӣ, ақибафтодагӣ ва ихтилофу чанддастагии мо мусалмонон гардида, чист? Чаро мо бо ҳам ихтилофу кашмакаш дорем? Чаро душманон моро ба ҳисобу эътибор намегиранд? Ва чаро ва...

Ва даҳҳо суоли дигаре, ки ҳамвора зеҳнамро ба худ машғул медошт, аммо ҷавобе барои он намеёфтам. Хулоса ин лутфу хости Худо буд, ки ман дунболи дарс ва талаби илм биравам.

***Васвасаҳо:***

Пас аз муддате таҳсил дар ҳавза эҳсос кардам, ки нусуси (ривоятҳои) зиёде маро ба худ машғул мекунад ва

масоили мухталифе маро ба ҳайрат ва шигифт вомедорад. Аммо ман ҳамеша худамро ба каҷфаҳмиву заъфи идрок муттаҳам мекардам.

Вақте дидам вазъият идома пайдо кард, тасмим гирифтам баъзе масоилро бо яке аз устодони бузурги ҳавза дар ҷараён бигзорам, вале ӯ марди зираке буду фаҳмид, ки ин бемории маро чӣ гуна муолиҷа кунад ва ин васвасаҳоро чи тавр дар нутфа буғӣ кунад!

Бисёр оддӣ ва бо калимаҳои кӯтоҳ ба ман хитоб карду фармуд: Дар ҳавза чӣ мехонӣ?

Гуфтам: табиист ки мазҳаби аҳли байт (ъ).

Фармуд: Оё дар мазҳаби аҳли байт (ъ) шак дорӣ!?

Гуфтам: маъозаллоҳ!

Фармуд: Пас ин васвасаҳоро аз худат дур кун, ту аз пайравони аҳли байтӣ ва аҳли байт (ъ) илмашонро аз бобояшон ҳазрати Муҳаммад (с) ва он ҳазрат (с) илми худро аз Парвардигораш гирифтааст.

Андаке хомӯш мондам, сипас гуфтам: хеле мутташаккирам, ки маро аз ин васвасаҳо наҷот додед. Он гоҳ ба дарси худам бозгаштам, вале саволҳову васвасаҳо боз ҳуҷум оварданд. Ҳарчанд дарсам пештар мерафт, пурсишҳову сардаргумиҳо бештар мешуд.

***Кунҷковӣ:***

Хулоса ин ки дарсамро ба поён расондам ва мадраки илмии худамро дар ба дастовардани дараҷаи иҷтиҳод ва аз шахси беназири асраш Сайид Муҳаммад Ҳусайн Оли Кошифулғито, раиси ҳавзаи Наҷафи ашраф ҳосил намудам.

Инак, ба таври ҷиддӣ дар ин мавзӯъ ба андешидан шурӯъ кардам, ки чи гуна мо умури шариъатро мехонем, то ин ки тавассути он Худоро бипарастем, вале дар ҳамин

китобҳо нусуси сареҳу ошкоре вуҷуд дорад, ки куфри ба Худоро собит мекунад?!

Оре, ба Худо савганд гич шудам, намедонам мо чӣ мехонем? Оё воқиан, мумкин аст мазҳаби аҳли байт (ъ) ҳамин бошад?!

Ин қазия инсонро дучори таноқузу сардаргумӣ мекунад, чӣ гуна мумкин аст, ки аз як сӯ Худо парастида шавад ва дар айни ҳол таксзибу инкор гардад?!

Чӣ гуна мумкин аст, ки ҳам аз Паёмбари акрам (с) пайравӣ шавад ва ҳам ба эшон таън ворид гардад?!

Чӣ гуна мумкин аст, ки шахсе аз аҳли байт пайравӣ кунад, бо онҳо муҳаббат дошта бошад ва мазҳабашонро биёмӯзад, дар ҳоле ки вай онҳоро дашном медиҳаду тавҳину таҳқирашон мекунад?!!

Худоё, раҳмату лутфи Туро мехоҳам, агар бо раҳмати худат маро дарнаёбӣ, ҳатман аз гумроҳон ва балки аз зиёнкорон хоҳам буд. Боз бармегардам ва аз худам мепурсам, ки мавқиъи ин ҳама олимони бузург ва раҳбарони гузаштаи мо дар ин бора чӣ будааст?

Оё чизе, ки ман алъон дорам мебинам, онҳо намедиданд? Он чи ман акнун хондаам, онҳо намехондаанд?!

Оре, на танҳо хондаанд, балки он чи ки бисёр дарднок ва таассуфовар аст, ин ки бисёре аз ин китобҳо навиштаи худи онҳост. Ин чизе буд, ки хело маро ранҷ медод, ман ба шахсе эҳтиёҷ доштам, ки бо ӯ дарди дил кунам ва ғаму парешонии худамро ба ӯ бозгӯям.

### *Огози таҳқиқ:*

Саранҷом тарҳи ҷолибе ба зеҳнам расид ва он ин ки он чи хондаам, боз онро бо диди муҳаққиқона бозхонӣ кунам, бинобар ин ҳамаи манобиъи муътабарро хондам.

Нусусу масоили зиёде таваҷҷӯҳи маро ҷалб мекард, ки эҳсос мекардам бояд чизе дар пои он бинависам. Ба ёддошту ҳошиянависӣ шурӯъ намудам. Вақте ки мутолиаи манобиъи муътабарро тамом кардам, дидам ёддоштҳои фаровоне дар китобхонаам анбошта шудааст, онҳоро ҷамъу ҷур кардам ва дар ҷое нигаҳдорӣ намудам, ба умеди он ки шояд Худованд шароите фароҳам биёрад, ки битавон аз онҳо истифода кард.

Равобити ман мисли пештара бо тамоми уламо ва мароҷиъи динӣ хуб буд ва бо ин умед бо онҳо нишасту хез мекардам, ки ба натиҷае бирасам, то агар рӯзе тасмими душворе гирифтам, ба ман кӯмак кунанд.

Масъалаҳо бисёр шуда буд, то ин ки дар охир сад дар сад қонеъ шудам, ки тасмими душвори худамро бигирам, вале фақат дар интизори фурсати муносибе будам.

***Ҳамфикрон:***

Дӯсти азизам аллома сайид доктор Мӯсо Мӯсавиро намунаи бисёр ҷолибе медидам, ки аз пазириши инҳирофе, ки дар мазҳаби шиъа ба вуҷуд омада буд, худдорӣ намуд ва ошкоро мухолифати худашро эълон кард ва талошҳое, ки эшон барои тасҳеҳи ин инҳирофот анҷом дод бисёр қобили таҳсин аст.

Чанде баъд китоби “Татаввуру-л-фикри-ш-шиъӣ” яъне “Рушди андешаи ташайюъ” аз бародари азизамон, муфаккири тавоно Сайид Аҳмад Котиб ба бозор омад. Пас аз мутолиаи он дарёфтам, ки инак фурсати он фаро расидааст, ки ҳақро зоҳир кунам ва бародарону хоҳарони фиребхӯрдаамро огоҳ намоям.

Зеро мо ба унвони уламо ва раҳбарони динии ҷомеа масъулияти азиме ба дӯш дорем ва дар рӯзи қиёмат аз мо

суол хоҳад шуд, аз ин рӯ, маҷбурем тавзеҳу равшан намоем ва ҳақро баён кунем, ҳатто агар талх бошад.

Услуби ман дар тарҳи андӯхтаҳоям бо услуби оқоён, Мӯсавӣ ва Котиб андаке тафовут ва фарқ дорад. Шояд сабабаш равиши мухталифе бошад, ки ҳар яке аз мо вақти таҳқиқу мутолиа дар пеш гирифтааст.

Инро ҳам арз кунам, ки шароити зиндагии дӯстони мазкур низ бо шароити ман фарқи куллӣ дорад, чунки ҳардуи эшон муваффақ шудаанд минтақаро тарк гӯянд ва дар яке аз кишварҳои ғарбӣ зиндагӣ кунанд ва корашонро аз он ҷо оғоз намоянд.

Вале банда ҳанӯз дар дохили Ироқ ва дар худи Наҷафи ашраф ба сар мебарам ва табиист, ки имкониятҳои ман бо имкониятҳову шароити эшон баробар нест.

Хеле фикр кардам, ки чӣ бояд кард? Оё ман ҳам роҳи ҳиҷратро дар пеш гирам, ё ин ки ҳамин ҷо бимонам?

Саранҷом тасмим гирифтам, ки бо таваккал ба Худо аз кишварам бирун наравам ва ҳамин ҷо кор кунам.

***Хӯшхабар:***

Инро низ бидонед, ки иддаи зиёде аз қишрҳои мухталифи мардуми мо, ба хусус дар миёни рӯшанфикрон ва донишгоҳиён ва ҳатто баъзе уламо ва толибилмон ба иллати он чи ки бар хилофи воқеъият мебинанду мешунаванд ва дар китобҳо мехонанд ва бар он сукут мекунанд, виҷдонашон сахт нороҳат аст ва ҳар кадоми онҳо дар интизори фурсати муносибе ба сар мебаранд.

Ҳамчуноне, ки иддаи зиёде аз онҳо саргарми мутолиаву таҳқиқ ҳастанд. Аз Худованди бузург масъалат дорам, ки ин китоби маро василае қарор диҳад, ки эшон битавонанд аз он истифода кунанд ва бар асоси таҳқиқу истидлол роҳи ҳудашонро интихоб кунанд, зеро умр кӯтоҳ

аст ва касе, ки ҳақро бишносад ва аз пазириши он сар печад, ҳуҷҷат бар ӯ тамом шудааст ва дигар узре надорад.

Ин хушхабарро ҳам ба самъи муборакатон бирасонам, ки иддае аз мароҷиъ ва устодони мӯҳтараме, ки бо онҳо робитаи наздиктаре дорам, биҳамдиллоҳ даъватамро пазируфтаанд ва ҳақоиқе, ки ман бад-онҳо даст ёфтаам, аз диду мутолиаи эшон гузаштааст ва мудатест, ки онҳо машғули даъват ва тавзеҳу бозгӯӣ ҳастанд.

Аз Худованди маннон масъалат дорам, ки ба ҳамаамон тавфиқи мазид иноят фармояд, то ин ки битавонем мардуми азизамонро ба ҳақиқат ва роҳи шинохти он аз тариқи таҳқиқу мутолиа ошно кунем. Омин!

***Пешбинӣ:***

Бо вуҷуди ин ки медонам ин китоби банда сару садои зиёде ба по хоҳад кард ва иттиҳомоти бисёре ба сӯи ман сарозер хоҳад шуд, вале банда ҳамаи инҳоро дар назар гирифтаам ва ҳеҷ боке надорам.

Табиист, ки нӯкари Исроил ва Амрико муаррифӣ шавам ва ин ки дину виҷдонамро ба маблағи андаке аз дунё фурӯхтаам.

Ин чизи тааҷҷубоваре нест, қаблан ба дӯстамон аллома доктор Мӯсо Мӯсавӣ низ чунин иттиҳомоте ворид кардаанд, то ҷое ки оқои Алӣ Ғаравӣ мефармуд: “Подшоҳи Арабистони Суъудӣ ба доктор Мӯсавӣ қавл додааст, ки зани зебое аз Оли Суъуд дар ихтиёраш бигзорад ва ҳолати моддиашро беҳбуд бахшад. Бинобар ин дар баробари пазируфтани мазҳаби “Ваҳҳобият” маблағи бисёр бузурге дар яке аз бонкҳои Амрико ба суратҳисоби ӯ рехта шудааст!!!”

Ин намунае аз дурӯғҳову тӯҳматҳо ва шоиъапароканиҳое буд, ки роҷеъ ба доктор Мӯсо Мӯсавӣ

гуфта шуд, то бубинем, ки саҳми мо дар ин миён чӣ хоҳад буд.

***Масири ислоҳталабон:***

Шояд ҳам инак дар паи қатли банда бошанд, ҳамчунон ки касони дигариро, ки қаблан забон ба ҳақ кушоданд, куштаанд.

Яке аз чеҳраҳои бисёр муҳим ва маъруфе, ки ба қатл расондаанд, фарзанди рашиди имоми роҳил оятуллоҳулузмо Сайид Абулҳасани Мӯсавии Исфаҳонӣ (падари дӯсти мазкурамон, доктор Мӯсо Мӯсавӣ) буд. Ба ростӣ, ки оятуллоҳи бузурги шаҳидгашта ба иттифоқи ҳама нури чашми ҳамаи уламои шиъа маҳсуб мешуд. Бо вуҷуди ин вақте ки тасмим гирифт мазҳаби шиъаро ислоҳ кунад ва хурофотро аз домани ташайюъ бизудояд, таҳаммулаш накарданд ва барои он ки ӯро аз барномаи ислоҳияш боздоранд, фарзанди азизашро монанди гӯсфанде дар дохили меҳроб сар буриданд.

Чунончӣ пеш аз он оқои Аҳмад Кисравиро, ки ӯ безории худашро аз инҳирофу каҷравӣ эълон карда буд ва дар паи тасҳеҳи мазҳаби ташайюъ баромада буд, куштанд ва тика-тика карданд. (Оятуллоҳи бузург Сайид Абулфазли Бурқаъиро дар вақти намозхонӣ парронданд ва чӣ тавре ки худи ӯ мегуфт: “600 нафар аз рӯҳониҳо баёнияеро имзо карданд, ки дар он чунин омада: Бурқаъӣ яҳудӣ аст”.

Ва низ доктор Алӣ Музаффариёни Шерозӣ, устод Ризо Занганаи Исфаҳонӣ ва дигар шахсоне, ки ба сарнавишти ҳаммонанде гирифтор шудаанд, ададашон кам нест. Ҳар кас ки аз пазириши хурофот ва ақоиди ботиле, ки ба мазҳаб рахна карда сар печид, дар фурсати мумкин тасфия ва террор шудааст.

Бинобар ин банда ҳам баъид ва маҳол намедонам, ки қурбони чунин тавтиаи кӯру таассубомезе шавам!

***Омодагӣ:***

Албатта банда ҳеч воҳимаи надорам, барои ман ҳамин ифтихор кофист, ки бародарон ва хоҳаронамро насиҳат кунам ва роҳи ҳақ ва ҳақиқатро ба онон нишон диҳам ва дигар ҳеч орзуе надорам. Банда агар орзуҳои дунёро дар назар медоштам, сиға ва хумс бароям кофӣ буд. Ҳамчунон ки оқоёни дигар аз ҳамин роҳ тавонистанд сармояҳои ҳангуфте ҷамъ кунанд ва мошинҳои охирин муделро савор шаванд.

Аммо банда биҳамдиллоҳ пас аз ин ки ҳақро шинохтам, нахостам ҷайби мардумро бештар холӣ кунам ва инак хароҷоти зарурии худ ва хонаводаамро ба қадри кофӣ аз роҳи ҳалол ва пешаи шарифи тиҷорат ба даст меоварам.

Банда саъй кардам дар ин китоб матолиби мушаххасеро унвон кунам, то бародарон ва хоҳаронам битавонанд ҳақиқатро он гунае ки ҳаст, дарёбанд ва барои ҳеҷ кас мушкиливу номафҳумӣ боқӣ намонад ва иншоаллоҳ тасмим дорам китобҳои дигаре низ дар заминаҳои мухталиф ба риштаи таълиф дароварам, то ин ки ҳамаи мусалмонон ҳақиқатро дарёбанд ва ҳар кас огоҳона роҳи худашро интихоб кунад.

***Умедворӣ:***

Мутмаинам, ки ин китоби банда аз сӯи толибони ҳақ ва ошиқони ҳақиқат, ки ададашон Худоро шукр бисёр аст, ба гармӣ истиқбол хоҳад шуд. Сухани мо ҳам бештар ба ҳамин навъ одамон равона гардидааст, вале оқоёне, ки зиндагии борафоҳият ва мавқеъу мақоми дилпазире

доранд ва ба далели доштани имома ва лақабҳои баланд хумс ва сиғаашон мураттаб мерасад ва мошинҳояшон ҳар сол иваз мешавад, табиист агар нахоҳанд гӯш фаро диҳанд ва мондани бар ботилро тарҷеҳ диҳанд, пас мо ҳам бо онҳо сухане надорем. Билахира худи онҳо хоҳанд буд, ки бояд дар додгоҳи адли илоҳӣ ҳозир шаванд ва дар он рӯз, ки ҳеч молу фарзанде ҷуз қалби солим ва холӣ аз ширк ба дарди касе нахоҳад хӯрд, ҷавоби ҳама корҳое, ки анҷом додаанд, пас медиҳанд.

## ФАСЛИ АВВАЛ

## Абдуллоҳ ибни Сабо афсона ё ҳақиқат?

Ончи дар назди мо шиъаён роиҷ аст, ин аст ки Абдуллоҳ ибни Сабо як шахсияти хаёлӣ аст, ки ҳеч ҳақиқате надорад ва аҳли суннат барои ворид кардани таън бар шиъа ва муътақадоти онҳо ин афсонаро ихтироъ кардаанд ва оғози ташайюъро ба ӯ нисбат медиҳанд, то ин ки мардумро аз шиъаён ва мазҳаби аҳли байт (ъ) боздоранд.

Банда аз аллома Муҳаммад Ҳусайн Оли Кошифулғито дар бораи Ибни Сабо пурсидам. Эшон фармуданд: “Ибни Сабо афсонаест, ки уммавиҳо ва аббосиҳо ба хотири кинае, ки бо аҳли байти атҳор (ъ) доштаанд, ихтироъ карданд, бинобар ин шахси оқил набояд худашро бо ин гуна афсонаҳо машғул созад.”

Аммо дар китоби маъруфи эшон “Аслу-ш-шиъа ва усулуҳо” (саҳ. 40-41) матлабе дидам, ки бар вуҷуди ин шахсият далолат мекунад, мефармояд: “Ва аммо Абдуллоҳ ибни Сабо, касоне, ки ӯро ба шиъа ва шиъаро ба ӯ мечаспонанд, бояд бидонанд, ки ҳамаи китобҳои шиъа ба таври куллӣ лаъни худашонро бар ӯ ва безорӣ аз ӯро эълон мекунанд...”

Бидуни шак ин эътироф ба вуҷуди ин шахсият аст. Вақте аз худашон тавзеҳ хостам, фармуданд: “Он чи ман

гуфтам, тақия (фиребу найранг) аст, чунки китоби мазкур мухотабонаш аҳли суннат ҳастанд, бинобар ин дар идомааш навиштаам: Баъид ба назар намерасад, гуфтаи касе, ки даъво дорад Абдуллоҳ ибни Сабо ва амсоли он ҳама афсонаҳоест, ки достонсароён ва хаёлбофон ихтироъ кардаанд.”

Оқои Муртазо Аскарӣ китобе таълиф карда ба номи “Абдуллоҳ ибни Сабо ва афсонаҳои дигар”, ки дар он вуҷуди чунин шахсиятеро инкор кардааст. Чунончи оқои Муҳаммад Ҷаводи Муғанния дар муқаддимааш бар китоби мазкур аз вуҷуди шахсияти Ибни Сабо мункир шудааст.

Вале китобҳои мӯътабари худамонро варақ бизанем, мебинем, ки Ибни Сабо як шахсияти ҳақиқӣ аст, гарчанде уламои мо теъдоде аз онҳо вуҷудашро мункир шаванд, инак мулоҳиза намоед:

***Ибни Сабо дар умқи ривоятҳо:***

1. Касе аз имом Боқир ривоят мекунад, ки фармуданд: Абдуллоҳ ибни Сабо муддаъии нубувват буд ва ақида дошт, ки наъузубиллоҳ амиралмӯъминин худаш Худо аст. Вақте ба амиралмӯъминин хабар расид, ӯро фаро хонданд ва дар мавриде аз вай пурсиданд, эътироф кард ва гуфт: Оре, ту Худоӣ дар дилам омадааст, ки ту Худоӣ ва ман паёмбарам. Амирулмӯъминин фармуданд: Ҳалокат бар ту бод, шайтон туро масхара кардааст. Модармурда! Баргарду тавба кун. Вай инкор кард, ӯро зиндон карданд ва се рӯз ба ӯ мӯҳлат доданд, ки тавба кунад, вале тавба накард. Бинобар ин амирулмӯъминин ӯро ба оташ андохтанд ва фармуданд: Шайтон ӯро фиреб дода буд ва чунин куфриётеро дар дилаш васваса мекард.

*(Риҷоли Кашӣ, ҷ.1, саҳ.70)*

2. Ва аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки фармуданд: “Худованд лаънат кунад Абдуллоҳ ибни Саборо, ки дар бораи амирулмӯъминин (ъ) иддаъои рубубият мекард ва ба Худо савганд, ки амирулмӯъминин (ъ) ҷуз бандаи фармонбардоре барои Худо набуд. Ҳалокат бод бар касе, ки бар мо дурӯғ мебандад, иддае дар бораи мо чизҳоеро иддаъо мекунанд, ки худамон дар бораи худ иддаъо накардаем. Аз онҳо безорем ва ба Худо паноҳ меҷӯем.”

*(Риҷоли Кашӣ, ҷ.1, саҳ.71)*

3. Момқонӣ мефармояд: “Абдуллоҳ ибни Сабаъ касест, ки ба куфр бозгашт ва изҳори ғулув намуд ва мефармояд: “Ғолӣ матъунест, ки амирулмӯъминин (ъ) ӯро бо оташ сӯзонд. Вай мӯътақид буд, ки Алӣ (ъ) Худо ва худаш паёмбараст.”

*(Танқиҳу-л-мақол, ҷ.2, саҳ.182-183)*

4. Навбахтӣ мефармояд: “Сабоиҳо ба имомати Алӣ (ъ) қоил буданд ва эътиқод доштанд, ки имомат фарз аст ва аз сӯи Худо таъин мегардад, онҳо пайравони Абдуллоҳ ибни Сабо ҳастанд. Ибни Сабо аз касоне буд, ки бар Абӯбакр, Умар, Усмон ва дигар саҳобагон ошкоро таън ворид мекард ва аз онҳо безорӣ меҷуст ва муддаъӣ буд, ки Алӣ (ъ) ӯро ба ин кор мукаллаф кардааст.

Амирулмӯъминин аз вай дар ин бора тавзеҳ хостанд, ӯ эътироф намуд. Бинобар ин дастур ба қатлаш доданд. Мардум саросема назди амирулмӯъминин рафтанду гуфтанд: оё касеро мекушӣ, ки ба муҳаббати шумо, аҳли байт даъват мекунад ва ба сӯи вилояти шумо ва безорӣ аз душманони шумо мехонад. Бинобар ин ӯро ба Мадоин табъид карданд.”

5. Низ мефармояд: “Иддае аз аҳли илм ҳикоят кардаанд, ки Абдуллоҳ ибни Сабо марди яҳудӣ буд, ки мусалмон шуд ва бо Алӣ (ъ) дӯстӣ кард. Ӯ қаблан, ки ҳанӯз яҳудӣ буд, дар бораи Юшаъ ибни Нӯҳ, ки пас аз Мӯсо (ъ) омад, ҳамин суханро мегуфт. Вақте ки мусалмон шуд, дар бораи Алӣ (ъ) ибни Абӯтолиб (ъ) низ чунин иддаъое кард. Ӯ аввалин касе буд, ки аз фарз будани имомати Алӣ (ъ) ва изҳори безорӣ аз душманонаш сухан гуфт. Аз ин ҷост, ки касоне, ки бо шиъа мухолифанд, мегӯянд: асли рафз аз яҳудият аст.

*(Фирақу-ш-шиъа, саҳ.32-44)*

6. Саъд ибни Абдуллоҳи Ашъарии Қумӣ дар оғози суханаш аз сабоият мефармояд: “Сабоиҳо пайравони Абдуллоҳ ибни Сабо ҳастанд, ӯ Абдуллоҳ ибни Ваҳби Росибии Ҳамадонӣ аст. Абдуллоҳ ибни Харсӣ ва Ибни Асвад, ки аз мӯътамадтарин ёронаш буданд, ӯро дар ин кор ёрӣ карданд. Вай аввалин касе буд, ки бар Абӯбакр, Умар, Усмон ошкоро таън ворид кард ва аз онҳо эълони безорӣ намуд.

*(Алмақолот ва-л-фирақ, саҳ.20)*

7. Ибни Абилҳадид тасреҳ карда, ки дар ҳоле, ки Алӣ (ъ) хутба мехонд, Абдуллоҳ ибни Сабо баланд шуду гуфт: туӣ, туӣ, чандин бор ин ҷумларо такрор кард. Ҳазрати Алӣ (ъ) фармуданд: нафрин бар ту бод, ман кистам? Гуфт: ту Худоӣ. Амирулмӯъминин дастур доданд, ки ӯро бо пайравонаш дастгир кунанд.”

*(Шарҳи Наҳҷу-л-балоға, ҷ.5, саҳ.5)*

8. Оқои Неъматуллои Ҷазоирӣ мефармояд: Амирулмӯъминин гуфт: ту Илоҳи бар ҳаққӣ, амирулмӯъминин ӯро ба Мадони табъид карданд. Ӯ аз

яҳудият мусалмон шуда буд ва монанди он чи ки ба ҳазрати Алӣ (ъ) гуфт, дар яҳудият ба Юшаъ ибни Нӯҳ ва Мӯсо (ъ) мегуфт.

*(Ал-анвору-н-нӯъмония, ҷ.2, саҳ.234)*

***Натиҷагирӣ:***

Ин буд чанд ривояте аз китобҳои муътабар ва муътамад дар улуми риҷол, фиқҳ ва фирақ буд. Ба хотири он ки матлаб зиёд тӯлонӣ нашавад аз ривоятҳои бешумори дигаре, ки дар китобҳои мухталиф вуҷуд дорад, сарфи назар кардем, ки ҳамаи онҳо шахсиятеро собит мекунанд, ки номаш Абдуллоҳ ибни Сабо аст. Баъд аз ин дигар мумкин нест, ки аз вуҷуди ӯ мункир шавем, хусусан ин ки амирулмӯъминин (ъ) ӯро ба хотири сухани куфромезе, ки гуфта буд, азоб дод. Маънии ин сухан он аст, ки ҳазрати амирулмӯъминин Абдуллоҳ ибни Сaборо дидааст ва ин худ барои исботи шахсияти ӯ кофист, ки дигар ҷои инкор боқӣ намемонад.

Он чӣ аз нусуси (ривоятҳои) гузашта бармеояд, ин аст:

1. Исботи шахсияти Ибни Сабо ва вуҷуди фирқае, ки ӯро ёрӣ мекарданд ва ҳарфи ӯро мезаданд, ки фирқаи мазкур “Сабоият” ном дорад.

2. Ибни Сабо, марди яҳудӣ буд, ки муддаъии Ислом шуд. Агарчанде ӯ исломи худро вонамуд кард, вале ҳақиқат ин аст, ки ӯ бар дини яҳудияташ боқӣ монд ва бар асоси он заҳрпошӣ кард.

3. Ӯ аввалин касе буд, ки бидъати таън бар Абӯбакр, Умар ва дигар саҳобагон (р)-ро ихтироъ намуд.

4. Вай аввалин касе буд, ки аз имомати амирулмӯъминин (ъ) сухан гуфт.

5. Ва ӯ аввалин касе буд, ки васии Паёмбар (с) будани амирулмӯъминин (ъ)-ро даъво кард.

Воқеан, ӯ ин суханро аз яҳудият нақл карда буд ва чунин вонамуд мекард, ки гӯё бо аҳли байт (ъ) муҳаббат дорад, аз ин рӯ ба вилояти онҳо ва безорӣ аз душманонашон, ки гӯё саҳобаи Паёмбар (с) буданд, даъват мекард.

Бинобар ин Абдуллоҳ ибни Сабо як шахсияти ҳақиқӣ аст, ки наметавон инкораш кард ва на аз канораш ба осонӣ гузашт. Аз ҳамин ҷиҳат бо сароҳат дар китобҳову манобеъи мӯътабари мо аз ӯ сухан рафтааст. Барои иттилоъу ошноии бештар ба Ибни Сабо метавонед ба китобҳои зайл мурочиат кунед:

*Ғорот*-и Сақафӣ, *Риҷол*-и Тӯсӣ, *Риҷол*-и Ҳиллӣ, *Қомусу-р-риҷол*-и Тастарӣ, *Доирату-л-маориф*-и Аъламии Ҳоирӣ мавсус ба *Муқтабасу-л-асар*, *Ал-куно ва-л-алқоб* аз Аббоси Қумӣ, *Ҳаллу-л-ишкол*-и ибни Товус, *Риҷол*-и бин Довуд, *Таҳрир*-и Товусӣ, *Маҷмаъу-р-риҷол*-и Қаҳбоӣ, *Нақду-р-риҷол*-и Тафришӣ, *Ҷомиъу-р-рувот*-и Мақдиси Ардабилӣ, *Миръоту-л-анвор*-и Муҳаммад ибни Тоҳири Омилӣ ва *Маноқиби Оли Абӯтолиб* аз ибни Шаҳрошӯб.

Инҳо ки албатта намуна аст, на таъйини номгӯҳо, зеро илова бар ин теъдоди зиёди манобеъи дигари мо ҳамагӣ иттифоқ доранд, ки Ибни Сабо як шахсияти воқеъӣ аст, ки ҳаргиз наметавон аз таърих ҳазфаш (маҳв) кард.

Вале тааҷҷуб мекунам, ки уламои муосири мо, амсоли Муртазо Аскарӣ ва Муҳаммад Ҷаводи Муғанния ва дигарон чаро исрор доранд, ки аз вуҷуди Ибни Сабо мункир шаванд, дар ҳоле, ки иддаъои онҳо комилан беасос аст.

## ФАСЛИ ДУВВУМ

## Ташайюъ ва мазҳаби аҳли байт (ъ)

Дар назди мо шиъаён маъруф аст, ки фақат мо пайравону дӯстдорони аҳли байт (ъ) ҳастем ва мазҳаби шиъа ба иддаъои мо ба таври куллӣ бар муҳаббати аҳли байт (ъ) устувор аст. Чунки безорӣи мо аз омма (аҳли суннат) ба баҳонаи муҳаббати аҳли байт (ъ) аст, безорӣи мо аз саҳобагон ба хусус се халифаи Расули Худо (с) ва уммулмӯъминин Оиша бинти Абӯбакр (р) ба баҳонаи муҳаббати аҳли байт (ъ) аст ва он чи дар зеҳну хаёли ҳама шиъаён, хурду калон, олиму ҷоҳил ва марду зан ҷои гирифта мустаҳкам шуда, ин аст, ки асҳоби Расули акрам (с) ба аҳли байт (ъ) зулм карда ва хунашонро рехтаанд ва ин ки ҳамеша дар баробари аҳли байт (ъ) мавқеъгирии душманона доштаанд.

Аз ҳамин ҷиҳат хеле табиӣ менамояд, ки мо онҳоро навосиб лақаб диҳем ва ҳамеша барои он ки эҳсосоту авотифи мардумро гарм нигаҳ дорем, аз мазлумияти аҳли байт (ъ) ва шиъаён сухан биронем ва аз шаҳодати мазлумонаи имом Ҳусайн (ъ) нола кунем ва равза бихонем ва ашк бирезем!

Аммо китобҳои муътабаре, ки дар даст дорем, ҳақиқатро дигар хел баён мекунанд ва собит месозанд, ки

аҳли байт (ъ) чӣ гуна аз шиъаёнашон ранҷ мебурданд ва шиъаёни нахустин бо аҳли байт (ъ) чӣ гуна рафтор мекарданд ва чӣ мусибатҳое бар сарашон овардаанд ва равшан мекунанд, ки кадом ашхос хуни аҳли байт (ъ)-ро рехта, боиси шаҳодати онҳо гардиданд ва ҳурмати эшонро пос надоштаанд.

## Ташайюъ аз дидгоҳи аҳли байт (ъ)

***Раъйи амирулмӯъминин (ъ):***

***Лофи газоф:*** "Агар шиъаёни худамро ҷудо кунам, онҳоро ҷуз лофи занон ва худситоёне нахоҳам ёфт ва агар имтиҳонашон кунам, ҷуз муртадоне нахоҳам ёфт ва агар ғирболашон кунам аз ҳазор нафар як нафари холис нахоҳам ёфт!"

*(Равзату-л-кофӣ, ҷ.8, саҳ.338)*

***Шумо мардуми дун:*** Эй на мардони ба сурати мард, эй камхирадони нозпарвард! Кош шуморо надида будам ва намешинохтам, ки ба Худо поёни ин ошноӣ надомат буд ва дастоварди он андӯҳу ҳасрат, Худоятон (шуморо) бимиронад, ки дилам аз дасти шумо пурхун аст ва синаам моломоли хашм. Шумо мардуми дун (паст), ки паё-пай ҷуръаи андӯҳ ба комам мерезед ва бо нофармонӣ ва фурӯгузории ҷонибам корро ба ҳам дармеомезед, то он ҷо ки Қурайш мегӯяд, писари Абӯтолиб далер аст, вале илми ҷанг намедонад... Аммо онро, ки фармон набаранд, сариштаи кор аз дасташ берун аст."

*(Наҳҷу-л-балоға, хутбаи 27. Тарҷумаи Шаҳидӣ)*

***На бародарони якранг:*** "Гирифтори шумо шудаам, ки се чиз доред ва ду чиз надоред, каронед бо гӯшҳои шунаво, гунгонед бо забонҳои гӯё, кӯронед бо чашмҳои бино.

Ноозодагонед дар рӯзи ҷанг ва на ба ҳангоми бало. Бародарони якранг,... писари Абӯтолибро вогузоред, чун зан, ки вақти зодан миёни рони худ кушояд.”

*(Наҳҷу-л-балоға, хутбаи 97, Тарҷумаи Шаҳидӣ)*

Ангезаву сабаби чунин суханоне, ин буд, ки онҳо аз ҳимояти эшон даст кашиданд ва ба вай ғадру хиёнат карданд. Эшон (Алӣ) суханони зиёде дар бораи шиъаёнаш фармуда, ки воқиан ибратангез аст.

***Раъйи имом Ҳасан (ъ):***

***Равоншиноси муваффақ:*** “Ба Худо қасам, ман Муовияро барои худам аз инҳо беҳтар мебинам, онҳо даъво доранд, ки шиъаёни мананд, дар ҳоле ки дар пайи куштани ман ҳастанд ва чашм ба моли ман доранд. Ба Худо қасам, агар битавонам бо Муовия ҷӯр биёям ва хунам ва хонаводаамро ҳифз кунам беҳтар аз ин аст, ки маро бикушанд ва аҳли байтам зоиъ шавад. Ба Худо савганд, агар бо Муовия биҷангам инҳо маро зинда бо дасти худашон ба ӯ таслим хоҳанд кард ва боз ба Худо савганд, агар иззатманд бо Муовия сулҳ кунам, беҳтар аз ин аст, ки дар асорат маро бикушад.”

*(Иҳтиҷоҷи Табрисӣ, ҷ.2, саҳ.10)*

***Раъйи имом Ҳусайн (ъ):***

***Дуои хайр:*** “Парвардигоро! Агар ба онҳо то муддате мӯҳлат додӣ, ба чандин гурӯҳ парокандаашон кун, то ин ки бо якдигар биҷанганд ва ҳаргиз авлиёи умурашон (сардоронашон)-ро аз онҳо хушнуд магардон. Зеро онҳо моро даъват карданд, ки нусрату ёриамон диҳанд, вале бар мо зулму ситам раво доштанд ва моро куштанд.”

*(Ал-иршод, аз Муфид, саҳ.241)*

***Нафрин бар тогут:*** "Аммо шумо дар байъати мо ҳамчун паррандаи (ад-дабоъ) аз аҷалаву шитобзадагӣ кор гирифтед ва ҳамонанди парвона шитобзада шудед ва билофосила аҳдатонро шикастед. Пас нафрин ва ҳалокату нобудӣ бод бар тоғутҳои он уммат ва гурӯҳҳои дигар ва онон, ки китобро ба фаромӯшӣ супурданд ва шумо ҳам, ки доред моро хор мегузореду мекушед. Ҳон, лаънати Худо бар ситамгарон бод."

*(Ихтиҷоҷ, ҷ.2, саҳ.42. Табрисӣ)*

Ин суханони дарднок ба хубӣ бароямон равшан мекунанд, ки қотилони ҳақиқии имом Ҳусайн (ъ) шиъаёни Кӯфа буданд, пас чаро масъулияти шаҳодати эшонро бар дӯши дигарон мегузорем?!

***Аз худи онҳо шоҳиде гувоҳӣ дод:*** "Бист ҳазор нафар аз мардуми Ироқ бо имом Ҳусайн (ъ) байъат карданд, вале ба ӯ хиёнат намуданд ва алайҳи ӯ шӯриданд ва дар ҳоле, ки байъати вайро ба гарданашон доштанд, эшонро ба шаҳодат расонданд."

*(Аъёну-ш-шиъа, қисмати аввал, саҳ.34)*

***Раъйи имом Зайнулобиддин (ъ):***

***Аз уммати ман нестанд:*** "Оё медонед, ки шумо ба падарам нома навиштед ва ӯро фиреб додед. Бо вуҷуди ин ки шумо бо ӯ аҳду паймон баста будед, ӯро куштед ва хор кардед. Ба кадом рӯ ба чеҳраи нозанини Паёмбар (с) нигоҳ хоҳед кард, ҳангоме ки ба шумо бигӯяд: аҳли байтамро куштед ва ҳурмати маро пос надоштед, пас аз уммати ман нестед."

*(Иҳтиҷоҷ, 2/32)*

***Заранг бояд буд:*** “Инҳо бар мо гиря мекунанд! Магар моро, ҷуз онҳо кадом ашхос куштааст?”

*(Иҳтиҷоҷ, 2/29)*

### *Раъйи имом Боқир (ъ):*

***Худоро шукр:*** “Агар ҳамаи мардум ҳам шиъаи мо мебуданд, ҳатман сеяки онҳо дар бораи мо шаккок (дудила) ва чаҳоряки дигарашон аҳмақ буданд.”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.79)*

### *Раъйи имом Содиқ (ъ):*

***То ин ҳад:*** “Ба Худо савганд агар се нафар мӯъмин аз миёни шумо биёбам, ки сирри маро китмон кунанд, ҳеҷ суханеро аз онҳо пинҳон нахоҳам дошт.”

*(Усули Кофӣ, ҷ.1, саҳ.496)*

### *Раъйи Фотимаи Суғро (с):*

Ин ҳам ифтихор буд!? Эй аҳли Кӯфа, эй аҳли ғадру макр ва такаббур! Худованд мо аҳли байтро бо шумо ва шуморо бо мо гирифтор кардааст ва моро хуб дар озмоиш қарор додааст. Моро такзиб кардеду такфир намудед, ҷанги бо моро ҳалол дониста, молҳоямонро тороҷ кардед. Ҳамчунон ки дирӯз “Бобии” моро (Ҳусайнро) ба шаҳодат расондед, хуни мо аз шамшерҳои шумо чакида истодааст. Ҳалокат бод бар шумо, мунтазири лаънат ва азоб бошед, гӯё ин ки азобу иқоб бар шумо лозим шудааст. Худованд шуморо танбеҳи сахте хоҳад дод, дар азоби дардноки рӯзи қиёмат ҳамеша хоҳед монд. Ин ба сабаби зулмест, ки бар мо раво доштед. Ҳон, лаънати Худо бар ситамгарон бод, ҳалокат бод бар шумо, эй аҳли Кӯфа! Чӣ қадар... сипас ба

бародараш Алӣ ибни Абӯтолиб ва ҷаддам ҳазрати Ҳусайн ва фарзандонаш ва аҳли байти атҳораш хиёнат кардед.

Яке аз аҳли Кӯфа ифтихоркунон гуфт: Оре, Алӣ ва фарзандонашро мо бо шамшерҳои ҳиндӣ ва сарнайза куштем ва занонашонро каниз гирифтем!"

*(Иҳтиҷоҷ, ҷил.2, саҳ.28)*

### *Раъйи ҳазрати Зайнаб (с):*

***Ҷавоб доред:*** "Аммо баъд: эй аҳли Кӯфа, эй аҳли макру ғадру хузлон! Мисоли шумо монанди зане аст ки бо заҳмат нах мересад ва бо дасти худаш харобаш мекунад. Оё дар шумо ҷуз такаббуру худхоҳӣ ва кинатӯзиву дурӯғ вуҷуд дорад? Шумо барои бародарам гиря мекунед, тааҷҷуб аст! Пас зиёдтар гиря кунед ва камтар бихандед, магар шумо намедонед ки нанги талаф кардани ӯро шумо бар пешонӣ доред? Чи гуна ба худ иҷоза додед ки набераи Хотаму-л-анбиёро ба шаҳодат бирасонед?!"

*(Иҳтиҷоҷ, 2/29-30)*

### *Натиҷагирӣ:*

Ривоятҳо бисёранд ки аз рӯи маҷбурӣ онро ихтисор намудем, аз он чи накл намудем чунин бармеояд:

1. Хастагиву дилсардии амиралмӯъминин ва фарзандонаш аз шиъаёнашон ба сабаби макру хиёнат ва зиллате ки ба онҳо раво доштанд.

2. Ин ки хузлону хиёнати аҳли Кӯфа боиси рехтани хуни аҳли байт (ъ) ва низ обрӯрезии эшон гардид.

3. Ин ки аҳли байт (ъ) масъулияти шаҳодати ҳазрати имом Ҳусайн ва ёронашро мустақиман (рӯи рост) бар дӯши шиъаёнашон мегузоранд. Чунончи яке аз онҳо эътироф мекунад ки онҳо Алӣ ва фарзандонашро кушта ва занонашонро каниз гирифтаанд.

4. Ин ки аҳли байт бар шиъаёнашон дуои бад карданд ва онҳоро ташбиҳ карданд ва ба касоне ки Китобро пушти сар меандозанд. Илова бар он фармуданд: Ҳон, лаънати Худо бар ситамгарон бод.

## “Худо шуморо рофиза номид!”

Бинобар ҳамин далелҳо буд ки назди имом Содиқ (ъ) омаданду гуфтанд: чӣ кунем мо ба лақабе муттаҳам шудем ки пушти моро сангин кард ва дилҳои мо дорад метаркад ва ҳокимон хуни моро ба хотири он ҳалол медонанд?

- Фармуданд: Аррофиза?! (манзур рофиза аст?)

- Гуфтанд: Бале.

- Фармуданд: на, валлоҳ фақат онҳо нестанд ки номи шуморо рофиза гузоштанд, Худованд шуморо рофиза хондааст!”

*(Усули Кофӣ, ҷ.5, саҳ.34)*

***Сабри аҳли байт (ъ):***

Ин ривоятҳоро чандин бор хондам ва дар онҳо фикр кардам ва дар айни ҳол ин гуна ривоётро дар дафтарҳои алоҳидае ёддошт менамудам. Шабҳои тӯлонӣ менишастам ва дар онҳо нигоҳ мекардам ва меандешидам ва гич мешудам. Ногоҳ медидам ки беихтиёр аз забонам ҷумлаҳое радиф мешавад ва бо садои баланд дорам бо худам такрор мекунам: Эй аҳли байти Паёмбар, эй чеҳраҳои поку муқаддас! Дар баробари ин ҳама мусибатҳое ки аз шиъаёнатон таҳаммул кардед, Худоятон подош диҳад.

Мо ҳама медонем, ки анбиё (ъ) чӣ қадар мушкилоти фаровоне аз дасти ақвомашон таҳаммул карданд ва

Паёмбарамон (с) чи ранҷҳову мусибатҳо кашиданд, вале ман аз ду ҷараён хеле тааҷҷуб мекунам:

*Яке:* Аз Мӯсо (ъ) ва сабри ҳайратангезе, ки дар баробари бани Исроил аз худаш нишон дод, бинобар ин мебинем, ки Қуръони карим аз миёни ҳамаи паёмбарон (ъ) аз Мӯсо (ъ) бештар сухан мегӯяд, ки чи гуна тавонист, ки дар баробари найрангҳову дасисаҳои гуногуни бани Исроил сабру муқовимат нишон диҳад.

*Дуввум:* Аз аҳли байт (ъ) хеле дар тааҷҷубам, ки чӣ гуна дар баробари ин ҳама ситаму аҳдшиканӣ, ғадру хиёнат ва куштору ҷинояти аҳли Кӯфа сабр карданд, Кӯфае, ки дар он замон маркази ташайюъ ба ҳисоб мерафт ва он чи бештар ҷои тааҷҷуб дорад, ин аст, ки мо шиъаён масъулияти ҳама бадбахтиҳое, ки бар сари аҳли байт овардаем, ба дӯши дигарон мегузорем ва онҳоро маломат мекунем. Вақте китобҳои муътабарамонро мехонам, тааҷҷуб мекунам ва бисёр вақтҳо инсон наметавонад бовар кунад, ки китобҳои мо шиъаён ба аҳли байт (ъ) ва ба Паёмбари азизамон (с) то ин ҳад иҳонату таҳқир мекунанд, мулоҳиза намоед:

## Тавҳину таҳқир ба Паёмбар (с)

***Хар ва ҳадис!***

Аз амиралмӯъминин (ъ) ривоят аст, ки Ғафир (номи хари Паёмбар (с) ба эшон гуфт: (Падару модарам фидоят бод) эй Расули Худо, падарам аз падарбузургам ва ӯ аз падараш ва ӯ аз падарбузургаш (бибиаш) ривоят мекунанд, ки ӯ бо Нӯҳ (ъ) дар киштӣ буд. Нӯҳ (ъ) пушти ӯро даст кард ва фармуд: аз насли ин хар, харе пайдо хоҳад шуд, ки

сарвару хотами паёмбарон бар ӯ савор мешавад. Пас Худоро сипос мегӯям, ки ин ифтихорро ба ман бахшид...

*(Усули Кофӣ, ҷ.1, саҳ.237)*

***Натиҷагирӣ:***

1 - Хар гап мезанад!

2 - Хар ба Паёмбар (с) хитоб мекунад: Падару модарам фидоят бод, дар ҳоле, ки ин мусалмонон ҳастанд, ки падару модарашонро фидои Расули Худо (с) мекунанд, на харҳо!

3 - Хар мегӯяд: Аз падарам то боби чаҳорумаш мерасонад, дар сурате, ки байни Нӯҳ ва Паёмбарамон (с) ҳазорон сол аст. Пас чӣ гуна хар мегӯяд, ки боби чаҳорумаш бо Нӯҳ (ъ) дар киштӣ будааст, магар хар чӣ қадар умр мебинад!?

***Мӯъҷизаи Нӯҳ (ъ):*** Боре бо чанд нафар аз дӯстони донишҷӯям дар назди имом Хӯӣ “Усули Кофӣ” мехондем. Эшон дар шарҳи ҳадиси мазкур фармуданд: Ин мӯъҷизаро бубинед, ки Нӯҳ (ъ) ҳазорон сол пеш аз таваллуди Паёмбарамон (с) ба эшон ва нубувваташон башорат медиҳад!

Ин суханони имом Хӯӣ то ҳануз дар зеҳнам мавҷ мезанад, ки ин чи гуна метавонад мӯъҷиза бошад, дар ҳоле ки хар ба Паёмбарамон (с) мегӯяд, падару модарам фидоят бод?! Ва чӣ гуна амиралмӯъминин чунин ривояте нақл кунад. Вале он рӯз банда мисли бақияи толибилмони дигар аз канори он гузаштам.

***Ҳатто Паёмбар?!:***

***Писар амаки ноз:*** Аз амиралмӯъминин (ъ) ривоят аст, ки хидмати Расули Худо (с) омадам. Дидам Абӯбакр ва Умар назди эшон нишастаанд. Байни он ҳазрат (с) ва Оиша нишастам. Оиша гуфт: ҷуз рони ман ва рони Расули Худо

(с) ҷое наёфтӣ? Расули акрам (с) фармуданд: Оиша, хомӯш бош!”

*(Ал-бурҳон фи тафсири-л-Қуръон 4/225)*

***Маро озурда макун:*** Бори дигар ҷое наёфт, Паёмбар (с) ишора карданд: Ин ҷо яъне пушти сарашон ва Оиша дар ҳоле, ки чодаре бар сар дошт, пушти сари он ҳазрат (с) истода буд. Алӣ омад ва байни Расули Худо ва Оиша нишаст. Оиша дар ҳоле, ки нороҳат шуда буд, гуфт: ҷуз бағали ман ҷое наёфтӣ, ки биншинӣ?! Расули Худо (с) нороҳат шуданду фармуданд: Ҳумайро, бо озурдани бародарам маро озурда макун.”

*(Китоби Сулайм ибни Қайс, саҳ.179)*

***Ҳаққи ходим:*** Бо Расули Худо (с) ба сафар баромадем, ҷуз ман ходими дигаре надоштанд ва як лиҳоф ҳам бештар набуд. Оиша низ ҳамроҳ буд, Расули Худо (с) байни ман ва Оиша хобид. Дар рӯи ҳар сеямон ҳамон як лиҳоф (кӯрпа) буд. Ҳар гоҳ барои таҳаҷҷуд баланд мешуданд, бо дасташон лиҳофро байни ман ва Оиша пойин мезаданд ки ба фарши пойинӣ мерасид.”

*(Биҳору-л-анвор, 40/3)*

Оё Расули Худо (с) дар бораи номусашон нангу ғайрат нишон намедиҳанд, ки розӣ мешаванд писарамакашон, ки номаҳрам аст, дар бағали ҳамсарашон биншинад, ё бо ӯ дар як бистар бихобад?! Ва он гоҳ амиралмӯъминин чӣ гуна тан ба чунин ҳаракати ғайриахлоқӣ медиҳад.

Ҳамчунон ки мулоҳиза мекунед, дар ин ёвагӯиҳо иҳонату таҳқири ошкоро ба Паёмбари Худо (с) аст. Ба ҳамин шаш ривоят дар робита бо Расули акрам (с) иктифо мекунем ва ба мавзӯъи баъдӣ мепардозем.

## Тавҳину таҳқир ба амиралмӯъминин (ъ)

***Коршиносии қазоӣ:*** Аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки фармуд: Як зан, ки ба марде аз ансор ошиқ шуда буд, назди Умар оварда шуд. Зан барои бадном сохтани марди ансорӣ тухми мурғе шикаста ва сафедии онро ба либосҳо ва байни ронҳояш молида буд. Ҳазрати Алӣ, ки машваратчии қазоии Умар буд, баланд шуд ва миёни ронҳои зани мазкурро нигоҳ кард ва ӯро (он марди ансориро) муттаҳам намуд.

*(Биҳору-л-анвор, ҷ.4, саҳ.303)*

Оё воқеан, мумкин аст амиралмӯъминин миёни ронҳои зани номаҳрамеро нигоҳ кунанд ва оё бо ақли солим ҷур меояд, ки имом Содиқ (ъ) чунин ривоятеро нақл кунанд? Оё касе, ки бо аҳли байти Паёмбар (с) муҳаббат дошта бошад, чунин сухане мегӯяд?!

***Омӯхтани дашном аз минбар:*** Аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки фармуд: Боре амиралмӯъминин (ъ) бар сари минбар буд ва хутба мехонд, ки зани бадахлоқе баланд шуду гуфт: ин қотили дӯстон аст. Ҳазрати амиралмӯъминин ба тарафи вай нигоҳ карду фармуд: эй зани бебоку пуррӯ! Эй безабону шабиҳи мардон! Эй касе, ки монанди занон ҳайз намебинӣ! Эй касе, ки бар фарҷаш (андомаш) ошкоро чизе овезон аст!

*(Биҳору-л-анвор, ҷ.41, саҳ.293)*

Оё мумкин аст амиралмӯъминин (ъ) чунин суханони зиште аз даҳонашон берун кунанд? Ва имом Содиқ (ъ) чунин сухани пӯчеро нақл мекунад. Агар ин гуна ривоятҳои масхара дар китобҳои аҳли суннат мебуд, ғавғо ва сару

садо барпо мекардем ва онҳоро расво менамудем, вале мутаассифона дар китобҳои худи мо шиъаён аст!

***Таноб андохтанд:*** Табрисӣ дар *Иҳтиҷоҷ* ривоят мекунад, ки Умар ва касоне, ки дар гирду атрофи ӯ буданд ба гардани амиралмӯъминин (ъ) таноб андохтанд ва кашон-кашон ӯро назди Абӯбакр burdанд, то ҷое ки ӯ фарёд мекашад: *Ё ибна, уммӣ, инна-л-қавма истазъафунӣ ва кодӯ яқтулӯнанӣ"*. Оё амиралмӯъминин то ин ҳад буздил ва тарсӯ буданд?!

## Муттаҳам кист?

Ҳамчунин дар *Иҳтиҷоҷ*-и Табрисӣ омадааст, ки Фотима (с) ба амиралмӯъминин (ъ) фармуд: "Эй фарзанди Абӯтолиб! Хулқу хӯи инсон дар ту нест ва инак муттаҳам ва ғайри қобили эътимод ҳастӣ!"

***Фақат хандарӯ:***

Ва низ аз забони Фотима (с) мегӯянд: Занони Қурайш дар бораи ӯ ба ман мегӯянд: "Ӯ мардест бо шиками бузург, дастони дароз, пайвандҳои дурушт, мӯҳои ду тарафи пешонияш рехта, чашмони бузург, шонаҳояш ҳамчун кӯҳони шутур боло баромада ва хандарӯ, аммо молу сарвате надорад."

*(Тафсири Қумӣ, ҷ.2, саҳ.336)*

***Пирмарди ҳуққабоз:***

Дурӯғи дигареро мулоҳиза намоед: "Падарам рӯзи ҷумъа маро бо худашон ба масҷид бурданд, дидам, ки Алӣ бар болои минбар хутба мехонад; пир марди качал, бо

пешонии баромада, шонаҳои паҳн, ҳуққабозӣ аз чашмонаш намоён буд!”

***Чашмони хира:*** “Ӯ (ъ) сабзинаи чаҳорпаҳлӯ буд, ки ба кӯтоҳӣ наздиктар буд, шикамкалон, ангуштони борик, бозуҳои кулуфт, соқҳои борик, чашмони хира, риши бузург, мӯи сари рехта ва пешониашон боло омада буд.”

Тавре, ки оқоён даъво доранд, агар амиралмӯъминин (ъ) дорои ҳамин сифатҳо мебуд, ҳазрати Заҳро (Фотима) (ъ) чӣ гуна ба эшон розӣ шуд?!

## Тавҳин ба ҳазрати Фотима (с)!

***Қаҳрамонӣ:*** Абӯҷаъфари Кулайнӣ дар *Усули Кофӣ* ривоят мекунад ки “Фотима аз шонаҳои Умар гирифт ва ӯро ба тарафи худаш кашид.”

***Баҳсу ҷидол:*** “Дар китоби Сулайм ибни Қайс омадааст, ки “ӯ (Фотима) (с) дар қазияи Фадак назди Абӯбакр ва Умар рафт ва бо онҳо баҳсу ҷадал кард ва дар миёни мардум фарёд кашид, то ин ки мардум дар гирдаш ҷамъ шаванд!”

*(Китоби Сулайм ибни Қайс, саҳ.253)*

Оё ҳазрати Заҳро (с) духтари гиромии Расули акрам (с) мумкин аст, чунин коре бикунанд?!

***Норозигӣ:*** Оқои Кулайнӣ дар *Фурӯъ* овардааст, ки ҳазрати Заҳро (с) аз издивоҷаш бо Алӣ розӣ набуд! Чун падараш дохили хона гардид, дид, ки (Фотима) гиря мекунад, фармуд: чаро гиря мекунӣ, ба Худо қасам, агар дар фомили ман беҳтар аз ӯ касеро пайдо мекардам, ӯро домодам мекардам. Ман туро ба зании ӯ (Алӣ) надодаам, Худованд туро ба зании ӯ додааст.”

***Шикоят:*** Пас аз издивоҷ, ки он ҳазрат (с) бо Бурайда назди Фотима (с) рафтанд, то падарашро дид, чашмонаш ашколуд шуд. Он ҳазрат (с) фармуданд: Духтарам, чаро гиря мекунӣ? Фармуд: Ба далели камии таъом ва бисёрии нороҳатиҳо ва шиддати ғамҳо.

Ва дар ривояти дигаре чунин омада, ки фармуд: ба Худо қасам, нороҳатиам шиддат гирифта, тангдастиам зиёд шуда ва бемориам тӯлонӣ гардидааст."

## Тавҳин ба имом Ҳусайн (ъ)!

***Ҳусайн намехоҳем:*** Оқои Кулайнӣ дар *Кофӣ* нақл мекунад, ки ҳазрати Ҷабраил (ъ) бар Муҳаммад (с) фуруд омаду гуфт: эй Муҳаммад! Худованд туро ба фарзанде мужда медиҳад, ки аз Фотима таваллуд хоҳад шуд, уммати ту ӯро пас аз ту хоҳад кушт.

Фармуд: эй Ҷабраил, ба Парвардигорам салом бирасон ва бигӯ ман чунин фарзанде намехоҳам, ки аз Фотима таваллуд шавад ва умматам пас аз ман ӯро бикушад. Ҷабраил (ъ) боло рафту баргашт ва сухани аввалро бозгӯ намуд.

Ин гуфтугӯ ду бор такрор шуд, бори саввум Ҷабраил (ъ) фармуд: эй Муҳаммад! Парвардигор салом мегӯяд ва туро мужда медиҳад, ки имомат, вилоят ва васиятро дар насли ӯ қарор хоҳад дод. Фармуд: пас ман розӣ шудам!

***Ман ҳам намехоҳам:*** Он гоҳ назди Фотима фиристод ва фармуд: Худованд туро ба фарзанде мужда медиҳад, ки аз ту таваллуд мешавад ва уммати ман ӯро пас аз ман хоҳад кушт. Гуфт: ман ба чунин фарзанде эҳтиёҷ надорам. Дубора фиристод ва фармуд: Имомат, вилоят ва васиятро дар зуррияи ӯ қарор дода.

Гуфт: пас ман розӣ ҳастам.

***Ҳусайн шир нахӯрд:*** Бо дили нохоста ҳомила шуд ва ӯро таҳаммул кард ва бо дили нохоста ӯро зод ва ҳаргиз Ҳусайн (ъ) аз Фотима (с) шир нахӯрд ва на аз ҳеҷ зани дигаре. Ӯро назди Паёмбар (с) меоварданд, эшон ангушти ибҳоми худро дар даҳонаш мегузоштанд ки ӯ мемакид ва то ду-се рӯз барояш кофӣ буд!"

***Аҷабо:*** Ман нафаҳмидам муждае, ки Худованд ба Паёмбараш медод, эшон чӣ гуна онро рад мекарданд? Ва намедонам он чи ки барои ҳазрати Заҳро дар тақдир навишта буд ва Худованд ба вай мужда медод, эшон чӣ гуна он тақдир ва он башоратро рад мекард ва мегуфт ман эҳтиёҷ надорам? Оё ҳазрати Заҳро бо дили нохоста ҳомила шуд ва нӯҳ моҳ Ҳусайнро дар шикам нигоҳ дошт?! Ва оё бо дили нохоста ӯро зод?! Оё аз шир доданаш рӯй метофт!?

Наъузубиллоҳ, сайиду мавлои мо ҳазрати Ҳусайн (ъ) шаҳиди ҳамосаофарини таърих хеле бузургтар ва поктар аз ин аст, ки чунин суханони ёва ва беҳуда дар бораи эшон гуфта шавад. Занҳои дунё орзу мекунанд, ки ҳар кадоми онҳо даҳҳо Ҳусайн биёваранд, – вонгаҳе ҳазрати Фотимаи Заҳро (с), он тоҳираи афифа (покдоман) чӣ гуна аз ифтихори фарзанде, ҳамчун Ҳусайн сарпечӣ мекунад ва нохоста ҳамлаш мекунаду мезояд ва шираш ҳам намедиҳад?

*Наъузу биллоҳ ба Худо паноҳ мебарем аз ин бӯҳтони бузург!*

## Тавҳин ба Уммикулсум (ъ)

***Чорае набуд:*** Вақте ки амиралмӯъминин (ъ) духтарашон Уммикулсумро ба никоҳи Умар ибни Хаттоб доданд, чаро душманӣ бо аҳли байтро мониъи ин хешовандӣ надонистанд!?

Абӯҷаъфари Кулайнӣ аз имом Содиқ (ъ) нақл мекунад, ки эшон дар бораи он издивоҷ фармуданд: “Он фарҷе буд, ки аз мо ғасб шуд.”

*(Фурӯъи Кофӣ, ҷ.2, саҳ.141)*

Аз гӯяндаи ин сухан мепурсем: Оё Умар бо Уммикулсум издивоҷи шаръӣ карданд ё ин ки ӯро ба зӯр ғасб намуд?

Каломи Содиқ (ъ) маънояш возеҳу ошкор аст, оё мумкин аст Абӯабдуллоҳ чунин сухани пӯче дар бораи байти тоҳираи ҳазрати Алӣ (ъ) бигӯянд? В-онгаҳе, агар Умар Уммикулсумро “ғасб намуд, падараш, Асадуллоҳ (шери Худо), соҳиби Зулфиқор” ва қаҳрамони Қурайш чӣ гуна ба ин зиллат тан дод ва аз номусаш дифоъ накард?

***Фармони муҳаббат бо кӣ:*** Магар дар ҳадиси Абӯбусайр намехонем, ки зане хидмати имом Содиқ (ъ) омад ва дар бораи Абӯбакр ва Умар пурсид. Фармуданд: “он нафарро дӯст дошта бош.” Зан мегӯяд: пас дар рӯзи қиёмат, ки ман бо Парвардигорам рӯ ба рӯ шавам, бигӯям, ки ту маро ба дӯстии онҳо амр кардӣ? Фармуданд: “Бале.”

*(Равзату-л-Кофӣ, ҷ.8, саҳ.101)*

***Таноқуз куҷост:*** Ҳоло диққат кунед, ки имом Содиқ(ъ) чӣ гуна аз як тараф мефармоянд: Он фарҷе буд, ки аз мо аҳли байт ғасб шуд, тавассути кӣ, тавассути Умар ва аз тарафи дигар мефармоянд: Бо он ду нафар дӯстӣ кунед,

кадом ду нафар? Абӯбакр ва Умар, ин муамморо чи гуна бояд ҳал кард?!

Вақте ки аз имом Хӯӣ дар бораи ин фармудаи имом Содиқ (ъ) пурсидам, ки фармуданд: “Бо Абӯбакр ва Умар дӯстӣ кунед” ҷавоб ин буд, ки имом Содиқ аз рӯи тақия (найранг) чунин фармудаанд!!!

***Инҷост:*** Эй Хӯии бузургвор, зани саволкунанда аз шиъаёни аҳли байт (ъ) ва Абӯбусайр аз асҳоби имом Содиқ (ъ) буд, пас ин ҷо ба тақия чӣ зарурате дошт?! Бинобар ин иҷоза бифармоед, ки бигӯям: ин тавҷиҳи оятуллоҳулузмо Абулқосими Хӯӣ нодуруст аст.

## Тавҳин ба имом Ҳасани Муҷтабо (ъ)

***Бидуни либос:*** “Аҳли Кӯфа чунон эшонро муҳосира карданд ва доираро бар эшон танг намуданд, на танҳо либосҳояшро, ҳатто ҷойнамозро аз зери пояш кашиданд. Саранҷом ҳазрат маҷбур шуд, шамшерашро ҳамоил кунад ва бидуни либос биншинад!”

*(Иршоди муфид, саҳ.190)*

Оё шоиста аст, ки имом Ҳасани Муҷтабо (ъ) то ин ҳад мавриди зулму ситам қарор гирад, ки маҷбур шавад, ки лӯчи модарзод дар пеши мардум биншинад, ин аст муҳаббати аҳли байт!?

***Хоркунандаи мӯъминон:*** Суфён ибни Абилайло хидмати имом Ҳасани Муҷтабо дар манзили эшон рафт ва гуфт: “салом арз мекунам, эй хоркунандаи мӯъминон!”

Фармуд: аз куҷо фаҳмидӣ, ки мӯъминонро хор кардам?

Гуфт: масъулияти умматро ба ту супурданд ва ту аз он шона холӣ кардӣ ва ба ин саркаш супурдӣ, ки ба ғайри қонуни Худо ҳукм кунад?”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.103)*

Оё имом Ҳасани Муҷтабо хоркунандаи мӯъминон буд, ё ин ки иззатдиҳандаи мӯъминон, ки ҷилави хунрезиро гирифт ва бо мудирияти ҳакимона ва дидгоҳи зераконааш дар он шароити бӯҳронӣ уммати Исломро муттаҳид гардонид?

Агар ҳазрати Муҷтабо (ъ) бо Муовия бар сари хилофат меҷангид, чӣ дарёҳое аз хун ҷорӣ мешуд ва Худо медонад ки чӣ қадар мусалмон аз дами теғ мегузашт!?

## Тавҳину таҳқир ба имом Содиқ (ъ)!

Эшон озору азиятҳои фаровоне дида ва ҳеҷ кори зиште набуда, ки ба эшон нисбат надода бошанд.

***Санади расвоӣ:*** Аз Зурора ибни Аъюн ривоят аст, ки гуфт: “Аз Абӯабдуллоҳ дар бораи ташаҳҳуд пурсидам, фармуд: Аттаҳиёту вассалавоту... Бори дигар дар бораи ташаҳҳуд пурсидам, фармуд: Аттаҳиёту вассалавоту. Ҳангоме ки хориҷ шудам, ба ришаш гӯзидам ва гуфтам: Ҳаргиз растагор нахоҳад шуд!”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.142)*

Эй ситамгарон ва эй Худобехабарон! Ба мо ҳақ бидиҳед, ки ба ҳоли имом Содиқ (ъ) хун бигирйем, чӣ тавр ба он улгӯи донишу тақво ва чеҳраи дурахшони хонадони нубувват чунин алфози қабеҳу зиште истеъмол мекунед? Оё бо шахсияте, ҳамчун имом Содиқ (ъ) бояд чунин бархӯрд шавад?! Ин аст муҳаббати оли байт?!!

Мутаассифона, ҳудуди ҳазор сол аст, ки аз таълифи китоби Кашӣ мегузарад ва тамоми уламои шиъаи мо дар ҳар замон онро дидаву хондаанд, вале надидам, ки яке аз онҳо бар ин санади расвоӣ эътироз карда бошад!

***Лағжиши олим:*** Ҳатто имом Хӯӣ, ҳангоме ки ба таълифи китоби бузургаш *(Мӯъҷаму риҷолу-ш-шиъа)* шурӯъ кард, банда яке аз ҳамкорони эшон дар таълифи ин китоби калон будам ки ривоятҳоро аз миёни китобҳо ҷамъоварӣ мекардам. Вақте ки ба ин ривоят расидам ва онро барояшон хондам, андаке фикр карду фармуд: "Ҳеҷ олиме аз лағжиш холӣ нест!" Ҳамину бас як калимаи дигар изофа накард!

Аммо чӣ бигӯям эй имоми бузургвор! Лағжиш он аст, ки бидуни ихтиёру қасд анҷом гирад, вале вақте эшон фаҳмид, ки фалон кор ё андешааш ғалат аст, дигар дуруст нест, ки хомӯш бимонад!

Агар банда барои шумо ба манзалаи фарзанд ва шумо барои ман ба ҳақиқат як падар набудед, ҳаргиз ин сукути шуморо таҳаммул намекардам!

Сукут дар баробари ин иҳонати бузурге, ки ба имоми бузургворамон, имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) раво дошта шудааст.

***Аз ҳамон зиндиқ:*** Сиқатулислом Кулайнӣ мефармояд: Ҳишом ибни Ҳакам ва Ҳамод аз Зурора нақл мекунанд, ки гуфт: Дар дилам гуфтам: пирмардест, ки дар бораи хусумат ҳеҷ илме надорад (манзур имом Содиқ (ъ) аст).

***Мақоми баланд:*** Дар шарҳи ин ҳадис навиштаанд, ки "ин шайх пирмардест, ки ақл надорад ва равиши сӯҳбат кардан бо рақибро балад нест!" Оё имом Содиқ (ъ) ақл надорад? Эй ситамгарон ва аз Худобехабарон! Эй касоне, ки санги муҳаббати оли байтро ба сина мезанед! Охир, чӣ бигӯям?!! Дилам аз ғаму дард ва андӯҳ дорад, хун мечаконад, оё ин гуна дашномҳову иҳонатҳо ва

ҷасоратҳову бепардагиҳо шоистаи аҳли байти кknown аст?! Бидонед, ки мақоми шомихи (баланди) аҳли байт (ъ) бисёр болотар аз ин беадабиҳост!

## Тавҳин идома дорад!

***Ҳазрати Аббос (ъ):***

Кашӣ ривоят мекунад, ки ин иршоди Худовандӣ **(Фалабиъса-л-мавло ва лабиъса-л-ъашир)** дар бораи ӯ, яъне Аббос (ъ) нозил шудааст.

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.54)*

Ва ин иршоди Худованд **(Ман кона фӣ ҳозиҳи аъмо фаҳува фи-л-охирати аъмо ва азаллу сабило)** ва **(ва ло янфаъукум нусҳӣ ин арадту анансаҳа лакум)** ҳам дар бораи ӯ нозил шудааст.

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.52-53)*

***Фарзандони Аббос (ъ):***

Ва ҳамчунин Кашӣ аз амиралмӯъминин (ъ) ривоят мекунад, ки эшон барои Абдуллоҳ ибни Аббос ва бародараш Убайдулло дуои бад фармуданд: “Парвардигоро, ду фарзанди Аббос (Абдуллоҳ ва Убайдуллоҳ)-ро лаънат ва чашмонашонро кӯр гардон, чунончи дилҳояшон кӯр шудааст... ва кӯрии чашмашонро далеле бар кӯрии дилашон бигардон!”

***Ҳазрати Ақил (ъ):***

Сиқатулислом Абӯҷаъфари Кулайнӣ аз имом Боқир (ъ) ривоят мекунад, ки дар бораи амиралмӯъминин фармуд:

“Бо ӯ ду марди заъифу залил (хор), тозамусалмон (навмусалмоншуда) боқӣ монда буд, Аббос ва Ақил.”

*(Фуруъи Кофӣ, 8/235)*

***Кӯрдил кист?!*** Оятҳои сегонае, ки Кашӣ эътиқод дорад, ки дар бораи Аббос (ъ) нозил шуда, гӯё наъузу биллоҳ ӯро кофир медонанд, ки ҳамеша то абад дар оташи ҷаҳаннам боқӣ хоҳад монд ва илло чӣ маънӣ дорад (фаҳува фи-л-охирати аъмо ва азаллу сабило)?!

Ва ин дуое, ки гӯё амиралмӯъминин дар бораи Абдуллоҳ ва Убайдуллоҳ фарзандони Аббос (ъ) фармуданд: ки Худованд онҳоро лаънат кунад ва чашмҳову дилҳояшонро кӯр намояд. Низ далолат бар он дорад, ки онҳо кофиранд!!! Наъузубиллоҳ.

Абдуллоҳ ибни Аббосро омма (аҳли суннат) “муфассири Қуръон ва донишманди уммат” лақаб медиҳанд, пас мо чӣ гуна ӯро лаънат мекунем ва муддаъии муҳаббати аҳли байт (ъ) ҳам ҳастем?!! Аҷабо! Ва оё Ақил, (ъ) ки бародари амиралмӯъминин (ъ) аст, залилу тозамусалмон буд?!!

***Имом Зайнулобиддин (ъ):***

Кулайнӣ ривоят мекунад, ки Язид ибни Муовия аз имом Зайнулобидин (ъ) хост, ки ғуломи ӯ бошад. Ӯ пазируфт ва дар ҷавобаш фармуд: “Он чӣ аз ман хостӣ, қабул кардам, ман акнун ғуломи бе ихтиёри туам, агар хостӣ маро нигаҳ дор ва агар хостӣ бифрӯш!!!”

*(Равзату-л-Кофӣ, ҷил.8, саҳ.235)*

Аҷиб! Оё шахсияте ҳамчун имом Зайнулобидин (ъ) ба Язид мегӯяд: Ман ғуломи беихтиёри туам, агар хостӣ аз ман кор гир, агар нахостӣ, маро бифрӯш?!

Агар хоста бошем ҳама он чи ки дар бораи аҳли байт омада, ҷамъоварӣ кунем, сухан бисёр ба дарозо мекашад, чун фарде аз онҳо нест, ки калимаи зишт ё кирдори баде ба ӯ нисбат дода нашуда бошад.

Манобиъ ва сашчашмаҳои бузургамон мутаассифона аз ин гуна иҳонату таҳқирҳо ва алфози пӯч ва беҳуда дар бораи аҳли байти атҳор (ъ) пур аст, ки боз ҳам қисмате аз онро мулоҳиза фармоед:

***Чӣ мехоҳанд:*** Аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки "Расули Худо (с) то рӯи Фотимаро намебӯсиданд, намехобиданд."

*(Биҳору-л-анвор, саҳ.43-44)*

"Он ҳазрат (с) рӯяшонро байни пистонҳои ӯ (Фотима) мегузоштанд."

*(Биҳору-л-анвор 43/87)*

Фотима (с) зани болиғае буд оё бо ақли солим ҷур меояд, ки Паёмбари Худо (с) рӯяшонро байни пистонҳои ӯ бигзоранд?!

Агар ин ҳоли Паёмбар (с) ва Фотима бошад, пас дигарон бояд чӣ кор кунанд?!!

## Тавҳин ба имом Ризо (ъ)!

Бузургони мо дар насаби Муҳаммад Қониъ шак кардаанд ки оё вай фарзанди имом Ризо аст ё ин ки фарзанди (...)!!! Мулоҳиза фармоед:

***Як достон як ҷиноят:*** Аз Алӣ ибни Ҷаъфари Боқир ривоят аст, ки ба ҳазрати Ризо (ъ) гуфта шуд: Дар миёни мо (аҳли байт) ранги сиёҳ набудааст. Фармуд: Ӯ писари ман аст. Гуфтанд: Расули акрам (с) ҳангоми зарурат аз

қиёфашинос кор мегирифтанд, бинобар ин беҳтар аст қиёфашинос байни мову шумо қазоват кунад...

Ҳамаи моро дар боғ ҷамъ карданд ва хоҳарону бародарон ва писарамакҳояшро дар саф шинонданд. Он гоҳ ҳазрати Ризо (ъ)-ро дар ҳоле ҳозир карданд, ки абои пашмӣ бар тан, кулоҳе бар сар ва беле ҳам бар китф дошт. Ба эшон гуфта буданд, худро коргаре нишон диҳад, ки дар боғ кор мекунад. Он гоҳ Абӯҷаъфарро оварданду гуфтанд: падари ин писарро бишинос.

Гуфт: падараш дар миёни ҳозирин нест, ин амаки падараш ва он як амаки дигар ва он дигарӣ аммааш ҳастанд. Агар падараш дохили ин боғ шуд, ҷуз ин боғбон каси дигаре нест, чунки поҳои ҳарду комилан монанди ҳам аст. Онгоҳ қабул карданд, ки ҳазрати Ризо падари Муҳаммад Қониъ аст.”

*(Усули Кофӣ, ҷ.1, саҳ.322)*

### *Тақлид аз мунофиқин:*

Пас шиъаёни ҳазрати Ризо шак карданд, ки Муҳаммад Қониъ фарзанди эшон бошад ва бо вуҷуди ин ки ҳазрат мефармоянд: Ӯ фарзанди ман аст, онҳо бовар намекунанд ва барои исботи муддаои худ даст ба домани қиёфашинос меандозанд!

Ҷои шакку тардиде нест, ки ин бархӯрд таъни возеҳу ошкор дар обрӯву ҳайсияти ҳазрати Ризо (ъ) аст, гӯё ҳамсарашро ошкоро муттаҳам карданд ва дар иффату покии ӯ шак намуданд (Чӣ тавре, ки мунофиқин ба обрӯи Расули акрам (с) ҳамла карданд ва ҳамсарашро муттаҳам намуданд).

Мумкин аст дар бораи дигар кас чунин иттиҳоме гуфта шавад, шояд ҳам мардум онро бовар кунанд, вале ба аҳли

байт (ъ) чунин тӯҳмати золимонае раво доштан, ниҳояти пастӣ ва разолатро нишон медиҳад.

Аммо мутаассифона, манобеъи илмии мо, ки мо муддаъӣ ҳастем улуми аҳли байт (ъ)-ро бароямон нақл кардаанд, аз ин гуна суханони ботил ва хурофотӣ пур мебошанд.

***Таҳлили шохдор:*** Ҳангоме ки дар ҳавза ин ривоятро хондем, уламо ва марочеъи уззом (фақиҳони бузург) бо камоли хунсардӣ аз канори он гузаштанд. Ҳанӯз таҳлили оқои Хӯиро ба ёд дорам, ки вақте аз эшон дар бораи ин ривоят ҷӯё шудем, ба нақл аз оқои Кошифулғито фармуданд: "Онҳо ба ин далел чунин гумони баде ба ҳазрати Ризо (ъ) намуданд, то ин ки наслашон ҳамеша пок бимонад!"

***Боз ҳам тӯҳмат:*** Балки илова бар он ҳазрати Ризо (ъ)-ро муттаҳам карданд, ки ба духтари амаки Маъмун ошиқ буд ва ӯ низ ба ҳазрат ошиқ шуда буд."

*(Уюну ахбори-р-ризо, саҳ.153)*

## *Тавҳин ба Ҷаъфар (ъ):*

Ҳазрати Ҷаъфарро, ки бародари имом Ҳасани Аскарӣ (ъ) аст, ба ҷаъфари каззоб (дурӯғгӯ) лақаб карданд ва ӯро дашному ҳақорат намуданд. Оқои Кулайнӣ мефармояд: "Ӯ фоҷире буд, ки фисқашро ошкор мекард. Шаҳватрон, ки ба шиддат ба шаробнӯшӣ одат карда буд. Дар миёни мардон мисли ӯ касеро надидам, ки худаш обрӯи худро бирезад ва дар ботин хештанро ҳақиру сабук бишморад."

*(Усули Кофӣ, ҷ.1, саҳ.504)*

Оё воқеан, дар миёни аҳли байт (ъ) чунин шахсе вуҷуд дошта, ки фосиқу фоҷир ва шаҳватрону арақхор бошад?!

***Қотили аҳли байт кист?!:***

Агар хоста бошем дар ин замина тафсили бештаре бидонем, бояд марочиъи муътабари худамонро бихонем, то ин ки бидонем дар ҳаққи боқимондаи аҳли байт (ъ) чӣ зулму ситаме раво дошта ва зуррияи поки онҳо чи гуна ба шаҳодат расидаанд ва қотили онҳо киҳо ҳастанд?!

Иддаи зиёде аз эшон (аҳли байт) дар манотиқи шиъанишин ба дасти худи шиъаён ба шаҳодат расидаанд. Агар тарси он набошад, ки китоб аз ҳаҷми муайяншуда бузургтар шавад, номҳои касоне, ки аз аҳли байт ба шаҳодат расидаанд ва низ номҳои касонеро, ки онҳоро ба шаҳодат расондаанд, дар ин ҷо дарҷ мекардам, вале хонандаи мӯҳтарамро ба китоби "Мақотилу-т-толибин"-и Исфаҳонӣ ҳавола менамоям, зеро китоби мазкур ин матлабро ба қадри кофӣ баён кардааст.

Дар поёни ин фасл ёдовар мешавам, ки имом Муҳаммади Боқир ва имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) беш аз дигар афроди аҳли байт мавриди таъну тамасхур қарор гирифтаанд ва аксари масоил, монанди тақия, мутъа, ливотат бо занон ва иъораи (кироя додан) фарҷ ва ғайраро ба онҳо нисбат додаанд, дар ҳоле ки соҳати муқаддаси онҳо ба тавр куллӣ аз ин гуна тӯҳмату суханони бофтаву сохта пок аст.

## ФАСЛИ САВВУМ

### Издивоҷи муваққат

Дӯст доштам унвони ин фаслро “Зан аз дидгоҳи ташайюъ” бигзорам, вале аз ин раъй гаштам. Зеро вақте дидам ҳама ривоятҳое, ки китобҳои мо нақл кардаанд, ба Расули акрам (с) ва амиралмӯъминин ва имом Содиқ (ъ) ва дигар имомон (ъ) нисбат дода шудааст, бинобар ин нахостам, ки онҳо мавриди таън қарор гиранд.

Чунки дар ривоятҳо он қадар зиштиву қабоҳат ба чашм мехӯрад, ки ҳатто фарде аз мо ҳозир нест онро барои худаш раво дорад, чи расад ба ин ки ин гуна суханони зиштро ба Паёмбари Худо (с) ва имомони пок нисбат дода шавад?!

Аз сиға ё издивоҷи муваққат бисёр сӯъиистифода шудааст ва аз ин роҳ бадтарин иҳонатҳову таҳқирҳоро ба зан раво доштанд. Бинобар ин мебинам, ки бисёриҳо хоҳишоти шаҳвонии худро дар зери пардаи издивоҷи муваққат (никоҳи вақти муайяншуда) ва ба номи дин розӣ мегардонанд, гӯё ба гумони худашон ба ин ояти карима амал мекунанд ки **(фамастамтаътум биҳи минҳунна, фаотуҳунна уҷураҳунна фаризатан).** Ва занеро, ки аз онҳо лаззат мегиред, воҷиб аст, ки маҳрашонро бтдиҳед.

*(Сураи Нисо: 24)*

Ривоятҳои зиёде дар тарғибу ташвиқи сиға овардаанд ва подошу савоби бисёре сохтаву бофтаанд ва барои касе, ки ба он амал накунад, азоби уқубати сахте дар назар гирифтаанд, балки чунин шахсро мусалмон ҳам ҳисоб намекунанд. Мулоҳиза фармоед:

***Шарти имон:*** Садуқ аз имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) ривоят мекунад ки фармуданд: "Сиға дини ман ва дини падарони ман аст, касе, ки ба он амал кунад ба дини мо амал карда ва касе, ки онро инкор кунад, дини моро инкор карда ва ба дини дигаре ғайр аз дини мо мӯътақид шудааст."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ, 3/366)*

Мулоҳиза намоед, ки бинобар ин ривоят ҳар кас мутъа накунад ё онро қабул надошта бошад, кофир аст!

***Савоби сиға:*** Аз имоми Содиқ (ъ) пурсида шуд: оё сиға савоб дорад? Фармуд: "агар мақсудаш аз он ризои Худо бошад, дар баробари ҳар калимае, ки бо ӯ сӯҳбат кунад, як некӣ барояш навишта мешавад ва ҳар боре, ки ба ӯ наздик шавад, Худованд гуноҳеро аз ӯ мебахшад ва ҳар гоҳ ғусл кунад, ба андозаи қатраҳои обе, ки бар баданаш рехта Худованд гуноҳонашро меомурзад."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ, 3/366)*

Паёмбари Худо (с) фармуданд: "Касе, ки як бор бо зани мусалмоне сиға кунад, гӯё ҳафтод бор хонаи Каъбаро зиёрат кардааст!"

Диққат кунед, оё воқеан, як бор сиға кардан савоби ҳафтод зиёрати Каъбаро дорад?! Расули акрам (с) фармуданд: "Касе, ки якбор сиға кунад аз ғазаби Худои ҷаббор дар амон мемонад ва касе, ки ду бор сиға кунад, бо

аброр (накӯкорон) маҳшур мегардад ва касе, ки се бор сиға кунад, дар биҳишт дӯшодӯши ман хоҳад буд.”

*(Ман лояҳзуруҳу-л-фақиҳ, 3/366)*

***Баландшавии дараҷа:*** Оқои Фатҳуллоҳи Кошонӣ дар тафсири Манҳаҷу-с-содиқин аз Паёмбари гиромӣ (с) ривоят мекунад, ки фармуданд, ки касе, ки як бор сиға кунад, ба мақоми имом Ҳусайн (ъ) мерасад ва касе, ки ду бор сиға кунад, ба мақоми имом Ҳасан (ъ) мерасад ва касе, ки се бор сиға кунад ба дараҷаи Мавло Алӣ (ъ) мерасад ва касе ки чор бор сиға кунад, ба дараҷаи ман мерасад.”

Диққат кунед, ки тибқи ин ривоят агар як инсони палиде як бор сиға кунад, дараҷааш баланд шуда, ба мақоми шомихи имом Ҳусайн (ъ) мерасад ва агар ду-се ва чор бор сиға кунад, ба тартиб дараҷоти имом Ҳасан ва амиралмӯъминин ва Расули акрам (с)-ро касб мекунад?!

Оё мақому манзилати Расули акрам (с) ва имомони атҳор (пок) то ин ҳад осон аст, ки бо чунин феъли пасте ба даст ояд, ҳатто агар ин сиғакунанда аз назари имонӣ ба мартабаи баланде расида бошад, оё мумкин аст дараҷаи ӯ ба имом Ҳусайн ё бародар ё падар ё бобии бузургвораш бирасад?!

Манзалати Расули акрам (с) ва аимаи атҳор (ъ) бисёр болотар ва арзишмандтар аз он аст, ки касе битавонад ба он дастрасӣ пайдо кунад, ҳарчанд ки аз назари имон ва амал тараққӣ кунад.

Ҳатто сиға кардан бо занони Ҳошимӣ, яъне занони аҳли байт (ъ)-ро ҷоиз шумурдаанд!

*(Таҳзиби Тӯсӣ, ҷил.2, саҳ.193)*

Хуб диққат кунед: занони Ҳошимие, ки сулолаи тоҳираи нубувват ва аз аҳли байти Паёмбар (с) ҳастанд, аз ин ҳуҷум дар амон намондаанд, дар ҳоле ки маҳол аст аҳли байти атҳор ба чунин амали зиште тан дар диҳанд.

Оқои Кулайнӣ сиға карданро, ҳатто барои як бор музоҷиъат (ҳамбистаршавӣ) низ ҷоиз шумурдааст.

*(Фурӯъи Кофӣ, ҷ.5, саҳ.460)*

***Синни сиға:*** Инро ҳам бидонед, ки барои зани сиғашаванда шарт нест, ки ба синни булуғ расида бошад, балки духтари даҳсоларо низ метавон сиға кард!

Аз имом Содиқ (ъ) пурсида шуд: духтари хурдро ҳам метавон сиға кард?

Фармуданд: бале, магар ин ки хеле хурд бошад, ки фиреб бихӯрад. Пурсида шуд, дар чӣ синне фиреб намехӯрад? Фармуд: дар даҳсолагӣ."

*(Фурӯъи Кофӣ, ҷ.5, саҳ.463) ва (Таҳзиб, ҷ.7, саҳ.255)*

Дар ин ривоят, ки ба имом Содиқ (ъ) нисбат дода шуда ҳадди ақалли синни сиға даҳ сол дар назар гирифта шудааст, вале банда мегӯям: баъзеҳо мӯътақиданд, ки духтари ширхорро низ метавон сиға кард!

***Фатвои имом Хумайнӣ (р):*** Имом Хумайнӣ, ҳатто сиға кардан бо духтари ширхорро низ ҷоиз медонистанд, бинобар ин фармудаанд: "Агар духтари ширхореро бағал кунад ё дохили ронҳояш бигзорад ишколе (гуноҳе) надорад!"

*(Таҳриру-л-васила, ҷ.2, масъала 12)*

***Қасам хӯрдам:*** Боре дар дафтари оқои Хӯӣ хидмати эшон нишаста будам, ки ду то ҷавон, ки гӯё бо ҳам ихтилофе доштанд ва қарор шуда буд, оқои Хӯиро довар қарор диҳанд, вориди дафтар (утоқи корӣ) шуданд. Яке аз

онҳо пурсид: оқо, назари шумо дар бораи сиға чист? Ҳалол аст ё ҳаром? Эшон, ки гӯё эҳсос карданд, ки ин суол манзуре дорад, пурсиданд: шумо сокини куҷо ҳастед? Ҷавон гуфт: банда сокини Мавсил ҳастам ва инак ҳудуди ду-се моҳе аст, ки дар Наҷаф сукунат дорам.

Оқо фармуданд: пас шумо суннӣ ҳастед?

Ҷавон гуфт: Бале. Оқо фармуданд: сиға аз назари мо ҳалол аст, вале дар назди шумо ҳаром аст. Ҷавон гуфт: Ман дар ин шаҳр ғариб ҳастам, мумкин аст аз шумо хоҳиш кунам, то муддате ки ин ҷо ҳастам, бо духтари шумо сиға кунам?

Оқо нигоҳе ба ҷавон карданду фармуданд: Ман сайид ҳастам ва ин кор бар сайидҳо ҳаром аст, ин чиз фақат барои умуми шиъа ҳалол аст. Ҷавон нигоҳе ба оқои Хӯӣ карду лабханд зад, нигоҳаш мегуфт, ки гӯё фаҳмида буд, ки оқо тақия кардааст. Он гоҳ он ду ҷавон худоҳофизӣ карданду рафтанд.

Ман ҳам аз оқои Хӯӣ иҷоза гирифтам ва худамро ба он ду ҷавон расондам. Акнун барои ман асли воқеа равшан шуд ки якеашон суннӣ буд ва дигаре шиъа, ки дар бораи сиға ихтилоф карда буданд, ки ҳалол аст ё ҳаром.

Вақте бо онҳо сӯҳбат кардам ҷавони шиъа ба шиддат бар ман хашм гирифт ва шурӯъ ба носазо гуфтан кард: эй муҷримон (ҷинояткорон), чи гуна ба худ иҷоза медиҳед, ки бо духтарони мо сиға кунед ва фатво медиҳед, ки ҳалол аст ва гӯё онро ибодат мешуморед ва дар айни вақт мегӯед духтарони шумо барои мо ҳаром аст?!

Ҳарчи дилаш хост, гуфт ва қасам хӯрд, ки дигар шиъа нахоҳад буд, аз ин пас суннӣ мешавад. Саъю кӯшиш кардам, ӯро ором кунам ва савганд хӯрдам, ки сиға ҳаром аст ва далелҳои онро барояш тавзеҳ додам.

***Таҳрими сиға:*** Воқеият ин аст, ки сиға дар асри ҷоҳилият мубоҳ будааст. Вақте ки Ислом омад, то муддате

онро бар ҳукми ибодаташ боқӣ гузошт ва он гоҳ дар ҷанги Хайбар барои ҳамеша ҳаром гардид. Вале он чи дар назди мо шиъаён, авом ва фуқаҳоямон маъруф аст, ин аст, ки сиғаро Умар ибни Хаттоб ҳаром кардааст, дар ҳоле, ки худи он ҳазрат (с) дар ҷанги Хайбар ҳаром будани онро эълон фармудаанд.

***Ҳадиси аввал:*** Амиралмӯъминин (ъ) мефармоянд: "Паёмбари Худо (с) дар рӯзи ҷанги Хайбар гӯшти харони хонагӣ ва никоҳи мутъа (сиға)-ро ҳаром гардонидаанд."

*(Таҳзиб, 2/186. Истибсор 3/142. Васоилу-ш-шиъа, 14/441)*

***Ҳадиси дуввум:*** Аз имом Содиқ (ъ) пурсида шуд "Оё мусалмонон дар замони Расули Худо (с) бидуни шоҳид издивоҷ мекарданд? Фармуданд: На хайр".

*(Таҳзиб, 2/189)*

Тӯсӣ дар тавзеҳи ин ривоят мефармояд: Манзур аз суол никоҳи доим нест, балки издивоҷи муваққат аст, бинобар ин ривояти мазкурро дар боби мутъа овардааст.

Бидуни шак ин ду ривоят барои насхи ҳукми мутъа ва ботил намудани он ҳуҷҷати қотеъ ба шумор меояд ва амиралмӯъминин (ъ) ҳукми таҳрими онро аз худи Расули акрам (с) нақл кардааст. Пас амиралмӯъминин низ аз рӯзи Хайбар ҳукми ҳаром будани сиғаро дониста ва ба дигарон расондааст ва бақияи имомони атҳор низ баъд аз эшон ин ҳукмро дониставу нақл кардаанд. Ин ҷост, ки миёни ду амри мутазод (бо ҳам зид) қарор мегирем, аз як сӯ ривоятҳои сареҳ ва равшан, ки ҳурмати мутъаро собит мекунанд ва аз сӯи дигар, ривоятҳое, ки боз ҳам ба аимаи атҳор мансуб аст, ки амал, балки тарғиб ба онро собит месозанд, пас мусалмон бояд чӣ кунад?!

Ҳақиқат ин аст, ки мутъа ҳаром аст, чунончи нақли сареҳи амиралмӯъминин онро ҳаром собит мекунад. Вале ривоятҳои мутаноқизе, ки ба аимаи атҳор мансуб аст, саҳеҳу дуруст нест, балки ҳамаи инҳо ривоятҳое аст, ки ба номи онҳо бофтаву сохта шудааст.

Чи гуна мумкин аст чизе, ки Расули Худо (с) онро ҳаром фармуда ва амиралмӯъминин ин ҳукмро нақл карда, онҳо бо ӯ мухолифат кунанд, дар ҳоле, ки аима илми худашонро аз ҳамин манбаъ гирифтаанд, насл ба насл ин илм ба онҳо нақл шуда омадааст, пас мумкин нест, аима ба чизе амр кунанд, ки Расули Худо (с) аз он манъ кардааст. Агар имом Содиқ (ъ) ҳукми ҳаром будани мутъаро намедонист, намефармуданд: “Никоҳи бидуни шоҳид дуруст нест” ба вижа суол хос дар бораи мутъа аст ва Абӯҷаъфари Тӯсӣ чунончи зикр кардем, онро дар боби мутъа овардааст.

***Бидъатгузор кист:*** Пас номумкин аст, ки имом Содиқ (ъ) ва аимаи қабл ва баъд аз эшон чизеро ҳалол кунанд, ки Расули акрам (с) онро ҳаром кардааст ё наъузубиллоҳ бадиъате падид оваранд, ки дар аҳди Расули Худо набудааст.

Бинобар ин мушаххас шуд, ки ривоёте, ки ба мутъа ё сиға тарғиб мекунанд, як ҳарфи он аз аимаи атҳор (ъ) собит нест, балки нирӯҳои сутуни панҷум ва душманон қасамхӯрдаи Ислом, ки манзурашон бадном кардани аҳли байт (ъ) ва тавҳин ба онон будааст, ин гуна ривоётро бофтаанд.

Ва илло чӣ гуна бояд тафсир кард, ки ҳар кас мутъа накунад, кофир аст. Дар ҳоле ки ҳатто аз яке аимаи атҳор ва ҳатто як бор ҳам собит нест, ки мутъа карда бошанд ё ин ки ба ҳалол будани мутъа ҳукм дода бошанд.

Оё наъузубиллоҳ онҳо дини дигаре ғайр аз дини Ислом доштаанд? Пас дидем, ки бофандагони ин ривоёт ҷуз

душманони аҳли байт наметавонанд бошанд ва агар чунин набошад наъузубиллоҳ аз ин ривоёт такфири аҳли байт собит мешавад! Хуб диққат кунед.

***Як ривояти мутаноқиз:*** Оқои Кулайнӣ аз имом Содиқ (ъ) ривоят мекунад, ки зане назди Умар ибни Хаттоб омад ва гуфт (ман зино кардаам, Умар дастур дод сангсор шавад. Ба амиралмӯъминин (ъ) хабар расид, пурсид чӣ гуна зино кардӣ? Ба саҳро рафта будам хеле ташна шудам. Аз як аъробӣ об хостам, гуфт, то маро розӣ накунӣ об намедиҳам. Чун ташна шудам ва тарсидам ҳалок шавам, маҷбуран ба хостаи ӯ тан додам, амиралмӯъминин фармуд: (қасам ба Парвардигори Каъба ин издивоҷ аст)

*(Фуруъи Кофӣ, ҷ.2, саҳ.198)*

Ҳамчунон ки равшан аст, мутъа ё сиға бо ризояту хушнудии тарафайн анҷом мегирад, вале дар ин ривоят зан маҷбур аст ва барои он ки ҷони худашро наҷот диҳад, ба чунин коре тан дар медиҳад. Бинобар ин дар ҳукми зино нест, ки аз Умар бихоҳад ӯро сангсор кунад, Умар ҳам дар ҳол дастур содир кунад!

Ҷолиб ин ҷост, ки ривояти таҳрими мутъаро дар Хайбар худи амиралмӯъминин (Алӣ (ъ) аз Расули Худо (с) нақл кардаанд, боз чӣ гуна ин ривоятро ба эшон нисбат додаанд?!

***Баъзе мафосиди (табоҳиҳои) сиға:***

1. Мухолиф бо нусуси шаръӣ аст, зеро ин ба манзалаи ҳалол кардани чизест, ки Худованд онро ҳаром кардааст.

2. Ин дидгоҳ боис шуда, ки ривоятҳои дурӯғине сохта шавад ва ба аимаи атҳор (ъ) нисбат дода шавад, дар ҳоле ки дар ин ривоёт он қадар тавҳин нисбат ба онҳо раво

дошта шуда, ки агар касе заррае имон дар дил дошта бошад, ҷуръати чунин иҳонатҳоро ба онҳо надорад.

3. Дар ин ривоятҳо ҳатто сиға бо зани шавҳардор, ки шавҳараш зиндаву мавҷуд аст, ҷоиз донист шуда, ки ин худ барои решакан кардани бунёди хонавода кофӣ аст. Дар ин сурат ҳеҷ марде наметавонад ба ҳамсараш эътимод кунад, чун ҳар замоне мумкин аст ӯ бо марди дигаре сиға кунад. Ин ҷиноят он қадар бузург аст, ки абъоду ҷузъиёти онро наметавон тасаввур кард, агар марде бидонад, ки ҳамсараш бо марди дигаре сиға карда аксуламали ӯ чӣ хоҳад буд?!

4. Падарон ва дигар сарпарастони хонавода низ наметавонанд бар духтарони бокираашон мутмаин бошанд, зеро имкон дорад, ки онҳо бидуни иттилоъ ва ризоияти хонавода бо касе сиға шаванд ва бисёр вақтҳо падар (ногаҳон) мефаҳмад ки духтараш қабл аз издивоҷ ҳомила аст, чаро ва чӣ гуна намедонад. Он чи мушаххас аст, ин аст, ки аз як мард ҳомила шуда, аммо ӯ гузоштаву рафта! Зеро бо чунин вазъе эҳсоси масъулият надорад.

5. Аксар оқоёне, ки сиға мекунанд, барои худашон иҷоза медиҳанд бо обрӯи мардум бозӣ кунанд, вале агар касе барои сиға кардан бо духтар ё яке аз наздиконашон бо онҳо сӯҳбат кунад, ҳаргиз мувофиқат нахоҳанд кард ва розӣ нахоҳанд шуд. Чунки ин издивоҷро мисли зино медонанд ва онро барои худашон боиси нангу ор мепиндоранд. Агар воқеан сиға ҳалол ва то ин ҳад боиси аҷру савоб ва балки шарти имон аст, пас чаро ҳозир намешаванд дигарон бо духтарони онҳо сиға кунанд?!

6. Сиға на гувоҳ дорад ва на эълон ва на розигии сарпарасти зан шарт аст ва на зан аз марде, ки ӯро сиға карда мирос мебарад, балки ӯ маҳз як матоъи кироя аст, чи тавре ки ин дидгоҳро ба имом Содиқ (ъ) нисбат додаанд.

7. Сиға роҳро барои занон ва мардони авбош боз карда, то ин ки ҳар фисқу фуҷур ва гуноҳеро ба дин бичаспонанд, ки дар натиҷа обрӯи дин ва диндорон ба тороҷ рафтааст.

Аз мазмуни он чи зикр кардем, ба зарарҳову фасодиҳои динӣ, иҷтимоъӣ ва ахлоқии сиға метавон пай бурд, ба ҳамин далел сиға ҳаром гардидааст. Агар дар он хайру некӣ ва фоидае мебуд, ҳаром намешуд, зеро Расули акрам (с) ва амиралмӯъминин (ъ) онро ҳаром кардаанд. Ин аст он мафосид ва зарарҳое, ки ошкоро дар сиға ба чашм мехӯрад.

***Таъвили бедалел:*** Аз имом Хӯӣ пурсидем, ки дар бораи фармудаи амиралмӯъминин дар таҳрими мутъа дар рӯзи Хайбар чӣ мефармоед? Гуфтанд: фармоиши амиралмӯъминин (ъ) ҷанбаи ихтисосӣ дорад, яъне таҳрим дар ҳамон рӯзи мақсуд аст, на таҳрими доим?

Боз пурсидам ки дар бораи фармоиши имом Содиқ (ъ) чӣ мефармоед? (издивоҷи бидуни шоҳид, оё дар аҳди Паёмбар (с) роиҷ будааст?) Фармуданд: Ҷавобе, ки эшон ба саволкунанда доданд, аз рӯи тақия будааст, ҳамаи фуқаҳо бар ин амр иттифоқи назар доранд.”

Банда ҷасорат мекунам ва ба худам иҷоза медиҳам, ки бигӯям бо камоли таассуф раъйи фуқаҳои мо соиб (дуруст) набудааст, ба далели ин ки мутъа ҳамзамон бо гӯшти хар ҳаром шуда ва гӯшти хар аз рӯзи Хайбар то абад ҳаром шуд.

Бинобар ин аз ҳамон рӯз шунида нашуда, ки касе гӯшти хар хӯрда бошад ва то қиёмат ҳам ҳаром хоҳад буд.

Аз ин рӯ, иддаъои ин ки таҳрими мутъа ба рӯзи Хайбар ихтисос дошта даъвои бидуни далел аст, илова бар он агар таҳрим ихтисосӣ мебуд, бояд насхи (беэътиборсозии) он аз Паёмбар (с) собит мешуд ва дигар ин ки набояд фаромӯш кард, ки иллати ибоҳати сиға ҷангу сафар будааст, пас чи

гуна дар ҷангу сафари бисёр шадиде, ки ҳеҷ кас дастрасӣ ба ҳамсараш надорад, мутъа ҳаром шавад ва сипас дар ҳолати оддӣ мубоҳ мегардад?!

Пас биёем ҳақиқатро ба хотири Худо бипазирем, ки оғози ҳаромшавии мутъа аз Хайбар тавассути Расули акрам (с) ва нақли он тавассути амиралмӯъминин будааст ва тавҷиҳоту таъвилоти фуқаҳои мо ба камоли эҳтироме, ки ба онҳо дорем ҳеҷ арзиши динӣ, ахлоқӣ ва ҳеҷ мустанади шаръӣ надорад ва чизе ҷуз бозӣ кардан бо нусус ва ривоёт нест.

***Дузди роҳ:*** Ва боздоштани ин дузди роҳи хатарнок (мутъа) василае қарор гирифта, ки одамҳои паст ва шаҳватпараст ҳамвора барои розӣ сохтани хоҳишоти худ дар ҷустуҷӯи занони авбоше монанди худ ҳастанд ва бисёр вақтҳо хонаводаҳои шарифу мутадайине низ фиреб мехӯранд ва ба исми дин мавриди ҳамла ва сӯъистифодаи ин гургони дар либоси меш ва дуздони динӣ қарор мегиранд!

Ва аммо ин ки фармудаи имом Содиқ (ъ) дар ҷавоби саволкунанда аз рӯи тақия будааст, (бо арзи маъзарат) хандаовар аст, зеро саволкунанда худаш аз шиъаёни имом Содиқ (ъ) будааст. Далеле вуҷуд надорад, ки ин ҷо тақия кунад, ба хусус ин ки ин фармоиши имом Содиқ бо ривояти таҳрими мутъа аз амиралмӯъминин мувофиқ аст.

Аҷиб ин ҷост, ки ин мутъа ё сиғае, ки барои он фазоили бешуморе бофтаанд ва фуқаҳои азизи мо ҳам ба доми он гирифтор омадаанд, ба як мард иҷоза медиҳад, ки дар як вақт ҳар чи қадар мехоҳад, сиға кунад, ҳатто ҳазорто зан ҳам ба як вақт дар сиғаи марде бошад, ишколе надорад ва бисёр вақтҳо чунин рух дода, ки як мард бидуни он ки хабардор шавад, бо модар ва духтар ё ба дуто хоҳар ҳамзамон сиға мекунад!

***Хотираи як хонум:***

Зане аз воқеае, ки барояш рух дода буд, аз ман назар ва раъй хост, мегуфт: оқои Сайид!... бист сол пеш бо ӯ сиға карда ва аз ӯ ҳомила шудааст. Муддате баъд аз сиғаи ҳоҷиоқо бо ӯ духтаре таваллуд мешавад. Қасам хӯрд, ки ин духтар аз ӯст, чун дар он рӯзҳо каси дигаре бо ӯ сиға накардааст. Солҳо баъд, ки духтар калон мешаваду болиға мегардад, рӯзе модараш эҳсос мекунад ки духтар ҳомила аст. Вақте иллатро мепурсад, мегӯяд, ки оқои Сайид!... бо ӯ сиға карда ва аз ӯ ҳомила шудааст. Модар, ки ҳайратзадаву ҳавосашро бохта буд, намедонист чӣ кор кунад. Достонро барои духтараш боз гуфт, ӯ (духтар) бештар гич ва гаранг шуда буд, ки чӣ гуна падараш бо ӯ сиға кардааст?!

Ӯ аз ман мепурсид, ки акнун робитаи ӯ бо оқои мазкур бар чӣ асос бояд бошад?!

Ин қабил иттифоқот зиёд пеш меояд, яке бо духтаре сиға мекунад, баъд хабардор мешавад ва мебинад, ки ӯ хоҳараш аз сиға аст. Яке бо ҳамсари падараш сиға кардааст, чунин иттифоқоту ҳолатҳое, ки пеш меоянд, бешумор ҳастанд!

***Раъйи Қуръон чист:***

Воқеан, ин саҳнаҳои такондиҳанда инсонро илова аз ҳайрату тааҷҷуб ба тафаккур ва тадаббур вомедорад, ки оё ислом барои ин мушкил илоҷе дар назар нагрифтааст? Аз Қуръон бипурсем, ки дар ин бора чӣ мефармояд:

***Ояти аввал:***

وَلْيَسْتَعْفِفِ الَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا حَتَّىٰ يُغْنِيَهُمُ اللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ

**“Касоне ки ба издивоҷ дастрасӣ надоранд, бояд сабр кунанд ва худашонро пок нигоҳ доранд, то вақте ки Худованд аз фазли худаш онҳоро бениёзӣ бахшад.”**

*(Нур: 23)*

Пас илоҷ ин аст, ки инсон сабр кунад ва худашро аз олуда кардан ба чизҳои дигар пок нигаҳ дорад, то Худованд шароити издивоҷашро муяссар кунад. Агар сиға ҳалол мебуд дигар зарурате надошт, ки ба истиъфоф (покӣ) ва интизор амр кунад, ошкоро мефармуд сиға кунед.

***Ояти дуввум:*** Ҳамчунин Худованди ҳаким мефармояд:

﴿٢٤﴾ وَمَن لَّمۡ يَسۡتَطِعۡ مِنكُمۡ طَوۡلًا أَن يَنكِحَ
ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ فَمِن مَّا مَلَكَتۡ أَيۡمَٰنُكُم مِّن
فَتَيَٰتِكُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتِۚ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِإِيمَٰنِكُمۚ بَعۡضُكُم مِّنۢ
بَعۡضٖۚ فَٱنكِحُوهُنَّ بِإِذۡنِ أَهۡلِهِنَّ وَءَاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ
بِٱلۡمَعۡرُوفِ مُحۡصَنَٰتٍ غَيۡرَ مُسَٰفِحَٰتٖ وَلَا مُتَّخِذَٰتِ
أَخۡدَانٖۚ فَإِذَآ أُحۡصِنَّ فَإِنۡ أَتَيۡنَ بِفَٰحِشَةٖ فَعَلَيۡهِنَّ نِصۡفُ
مَا عَلَى ٱلۡمُحۡصَنَٰتِ مِنَ ٱلۡعَذَابِۚ ذَٰلِكَ لِمَنۡ خَشِيَ
ٱلۡعَنَتَ مِنكُمۡۚ وَأَن تَصۡبِرُواْ خَيۡرٞ لَّكُمۡۗ وَٱللَّهُ غَفُورٞ رَّحِيمٞ

**“Ва ҳар кас аз шумо тавоноии молӣ надошта бошад ки бо занони озоди мӯъмин издивоҷ кунад *(беҳтар аст),* бо мулки яминҳоятон аз канизони мӯъминатон издивоҷ кунад ва Худованд ба имони шумо донотар аст. Ҳама аз якдигаред, пас бо иҷозаи сарпарасташон бо онҳо издивоҷ кунед ва маҳрҳояшонро ба тарзи писандида ба эшон бидиҳед, дар ҳоле ки покдоманон ғайри палидкор бошанд ва дӯстгирони ниҳонӣ набошанд. Он гоҳ чун издивоҷ карданд, агар муртакиби ношоиста *(зино)* шуданд, муҷозоти онҳо ба андозаи нисфи муҷозотест ки бар занони озод муқаррар аст. Ин ҳукм *(издивоҷ бо канизон)* барои касе аз шумост, ки аз олоиши гуноҳ битарсад ва шикебоӣ (ва покдоманӣ) пеша кардан бароятон беҳтар аст ва Худованд омурзгору меҳрубон аст.”**

*(Нисо: 20)*

Пас Худованди ҳаким дар каломи покаш касонеро, ки ба иллати камбуди имконот ба издивоҷ дастрасӣ надоранд, дастур дода бо канизҳо издивоҷ кунанд, агар ба он ҳам дастрасӣ надоштанд, сабр кунанд. Агар мутъа ҳалол мебуд, чаро дар ин ҷо ба унвони осонтарин роҳи ҳал, ки ҳар кас дар ҳар шароите метавонад ба он дастрасӣ дошта бошад, тарҳ нагардид?!

***Раъйи имом Содиқ (ъ):*** Аимаи атҳор (ъ) ин воқеиятро ба хубӣ медонистанд ва дар партави ҳамин воқеият ва фаҳми амиқе, ки аз Қуръон доштанд, иршодоту фармоишоташон дар таҳрими мутъа сариҳу равшан аст, мулоҳиза фармоед:

Абдуллоҳ ибни Синон мегӯяд: аз имом Содиқ (ъ) дар бораи мутъа пурсидам, фармуданд: “Нафси худро бо он касиф (олуда) магардон.”

*(Биҳору-л-анвор 100/318)*

Агар мутъа ҳалол мебуд ва ин қадар фазилат медошту шарти имон мебуд, чаро имом Содиқ (ъ) аз он чунин таъбире бинамоянд? Ҳазрат (с) ба ин низ иктифо накарданд, балки бо сароҳат ҳукми ҳаром будани онро баён фармуданд: Аз Аммор ривоят аст, ки гуфт: имом Содиқ (ъ) фармуданд: "Ба таҳқиқ мутъа бар шумо ҳаром шудааст."

*(Фурӯъи Кофӣ, 2/48. Васоилу-ш-шиъа, 14/450)*

Илова бар он имом Содиқ (ъ) асҳоби (ёрони) худашонро ҳамеша сарзаниш мекарданд ва аз сиға кардан барҳазар медоштанд, аз ин ҷиҳат мефармуданд: "Оё яке аз шумо хиҷолат намекашад, ки дар ҷои пинҳон ва шармоваре дида шавад, он гоҳ ин кирдори announcer нописанди ӯ ба ҳисоби бародарон ва ёрони солиҳу накӯкораш гузошта шавад?!"

*(Фурӯъи Кофӣ, 2+44. Васоилу-ш-шиъа, 14/450)*

***Раъйи имом Ризо (ъ):*** Ҳангоме ки Алӣ ибни Яқтин аз имом Ризо (ъ) дар бораи мутъа пурсид, ҷавоб доданд: "Туро бо мутъа чӣ сарукоре аст, Худованд туро аз он бениёз кардааст."

*(Фурӯъи Кофӣ, 2/43. Васоилу-ш-шиъа 14/449)*

Оре, Худованд мардумро бо издивоҷи шаръӣ аз мутъа бениёз кардааст. Аз ин рӯ, собит нашуда, ки касе бо зане аз аҳли байт (ъ) сиға карда бошад, агар ҳалол мебуд ва ин қадар фазилату савоб медошт, онҳо ҳам ин корро мекарданд.

***Раъйи имом Боқир (ъ):*** Вақте Абдуллоҳ ибни Умайр ба имом Боқир (ъ) гуфт: "Оё хушҳол мешавӣ, ки ҳамсарон,

духтарон, хоҳарон ва духтарони амаат ин корро бикунанд?! Яъне мутъа кунанд. Имом Боқир (ъ) вақте инро шуниданд, чеҳраи худашонро баргардонданд (аз он шахс рӯй тофтанд)".

*(Фурӯъи Кофӣ, 2/42. Таҳзиб, 2/186)*

***Хулоса:*** Пас ҳар мусалмони оқиле ба дурустӣ медонад, ки сиға ҳаром аст ва ба далели мафосид ва зарарҳои бисёре, ки дар пай дорад ва низ ба далели мухолифаташ бо Қуръон ва суннат ва сирату ақволи имомони атҳор (ъ) ба ҳеҷ унвон қобили таҳаммул ва тавҷиҳу таъвил нест. Бо таваҷҷӯҳ ба он чи арз кардем, нусусе, ки гӯё аз фазоилу савоби мутъа сухан мегӯянд, ҳама сохтаву бофта аст, ки ҳеҷ арзиши шаръӣ наметавонанд дошта бошанд, чунки бо сареҳи Қуръон ва суннати Расули акрам (с) ва амали аимаи атҳор (ъ) ва ақлу фитрати солим тазоди ошкор доранд ва паёмадҳову оқибати зишти он ки ба баъзе аз онҳо ишора кардем, фақат тасаввури он барои нафрату дурӣ аз чунин амали палид кофӣ аст.

Дини ислом омадааст ба фазоилу корҳои ҳамида тарғиб кунад ва аз разоилу корҳои паст боздорад ва масолеҳу манфиатҳоеро, ки зиндагии инсонҳо бар асоси он устувор гардида, равнақ меёбад, тарсим ва тақвият кунад ва сиға бидуни шак на танҳо бар қиёму тавонмандии пояҳои зиндагӣ кумак намекунад, балки онро сусттару заифтар мекунад ва фаразан, агар як манфиати лаҳзаӣ барои як фард таъмин кунад, мафосиду табоҳиҳои зиёдеро падид меоварад, ки паёмадҳои манфии он тамоми ҷомеаро дучори сустивуواршикастагӣ мегардонад.

### ***Ҳадис бихонем:***

Масалан, Тӯсӣ ривоят мекунад, ки аз имом Боқир (ъ) пурсида шуд: "Оё мумкин аст касе фарҷи (андоми)

канизашро барои бародараш ҳалол кунад? Фармуд: Бале, ишколе надорад, ҳарчи барои ӯ аз он (каниз) ҳалол буда, барои бародараш низ ҳалол аст.”

*(Ал-истибсор, ҷил.3, саҳ.136)*

Кулайнӣ ва Тусӣ аз Муҳаммад ибни Музориб ривоят мекунад, ки гуфт: имом Содиқ (ъ) ба ман фармуданд: “Ин каниз дар ихтиёри ту бошад ҳам хидмати туро мекунад ва ҳам худро бо ӯ розӣ мекунӣ! Ҳар вақт хостӣ биравӣ, ӯро ба мо баргардон!”

*(Фуруъи Кофӣ 2/200. Истибсор 3/136)*

***Шумо ихтиёр доред:*** Агар инсонҳои руи замин ҷамъ шаванд ва қасам бихӯранд, ки имом Боқир ва имом Содиқ (ъ) чунин чизе гуфтаанд, ман ҳеҷ касе аз онҳоро бовар нахоҳам кард. Имомони атҳор бисёр азизтару бузургвортар аз онанд, ки чунин суханони ботилу ёва бар забон оваранд ё чунин амали зиштеро, ки бо ахлоқи исломӣ ва фитрати солими башарӣ мухолифат дорад, ҷоиз бишморанд ва тавҷиҳу тафсир кунанд.

Ин кор айни дайюсӣ ва беномӯсӣ аст, он зотони муқаддас (ъ), ки илмашонро аз сарчашмаи нубувват фаро гирифтаанд, магар мумкин аст чунин суханони беҳуда ва сафсатае маъозаллоҳ, аз эшон содир шавад?!

Нисбат додани ҳар сухане ба онҳо ба манзалаи нисбат додан ба Расули акрам (с) аст ва нисбат додани сухане ба Расули акрам (с) ба манзаллаи ташриъи илоҳӣ аст, яъне ин ташриъу қонуни Худованд аст?!

Худоё, ба Ту паноҳ меҷӯем ва аз ин гуна ифтироот ва дурӯғҳои муқаддасмаобона безорем!

Дар сафаре, ки ба Ҳинд доштем ва мулоқотҳое, ки бо уламои бузурги шиъа, ба вижа оқои Нақавӣ анҷом додам, гурӯҳҳои зиёдеро аз наздик дидему мутолиа кардам:

ҳиндуҳо, сикҳо, говпарастон ва дигар пайравони адёни ботилу бутпарастӣ, дар ҳеҷ дини ботиле надидам, ки чунин амали зиштеро барои пайравони худаш ҷоиз бишморад!

Пас чи гуна мумкин аст, ки Ислом ба унвони охирину комилтарин дини осмонӣ, чунин амали пасту зидди ахлоқиеро, ки бо одитарин ғояҳои ахлоқ зиддият дорад, барои пайравонаш ҷоиз бишморад?!

***Машруъияти (ҷавози) ливот:***

Қазия то ҳамин ҷо тамом намешавад, ливотро низ ҷоиз шумурдаанд ва ривоятҳое низ бофтаву ба аҳли байт (ъ) нисбат додаанд.

Тӯсӣ аз Абдуллоҳ ибни Яъфур ривоят мекунад, ки аз имом Содиқ (ъ) пурсидам: агар марде аз дубур (мақъад) бо зан наздик шавад, чӣ ҳукме дорад? Фармуданд: “Агар зан розӣ бошад, ишколе надорад!”

Гуфтам: пас маънии ояти карима **“Аз ҳамон роҳе, ки Худованд ба шумо дастур дода ба онон наздик шавед”** чист? Фармуданд: “Ин дар сурате аст, ки фарзанд хоста бошанд. Фарзанд аз ҷое бихоҳед, ки Худованд ба шумо дастур додааст, аз ҳамин ҷиҳат Худованд мефармояд: **“Ҳамсарони шумо барои шумо киштзоранд, ҳар тавре ки хостед, метавонед ба киштзори худ наздик шавед”.**

*(Бақара: 223)*

***Қуввати исдидлол:*** Тӯсӣ аз Мӯсо ибни Абдулмалик аз марде ривоят мекунад ки гуфт: “Аз имом Ризо (ъ) пурсидам, ки агар марде аз ақиб дар дубури (мақъади) зан ҷимоъ (алоқаи ҷинсӣ) намояд, чӣ ҳукме дорад?

Фармуданд: “Ояте аз китоби Худо онро ҳалол кардааст.” Аз қавли ҳазрати Лӯт (ъ) ки фармуд: **(Ҳоъулоъи**

**банотӣ ҳунна атҳару лакум)**, ӯ медонист ки онҳо фарҷро намехоҳанд!”

*(Ал-истибсор, 3/243)*

Ва Тӯсӣ аз Алӣ ибни ал-Ҳакам ривоят мекунад, ки гуфт: Аз Сафвон шунидам, ки мегуфт: ба имом Ризо (ъ) гуфтам: яке аз мухлисони шумо мехоҳад аз шумо масъалае бипурсад, вале хиҷолат мекашад. Фармуд: Масъала чист? Гуфт: Оё ҷоиз аст, ки касе дар дубури ҳамсараш наздикӣ кунад? Фармуд: “Бале, ҷоиз аст.”

*(Ал-истибсор, 3/243)*

***Мухолифат бо насси Қуръон:*** Умедворам хонандагони азиз ба ман иҷоза диҳанд, ки ҷасорат кунам ва ба арз бирасонам, ки ривоятҳои мазкур бо насси сареҳи Қуръон мухолиф аст, зеро Худованд мефармояд:

وَيَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلْمَحِيضِ قُلْ هُوَ أَذًى فَٱعْتَزِلُوا۟ ٱلنِّسَآءَ
فِى ٱلْمَحِيضِ وَلَا تَقْرَبُوهُنَّ حَتَّىٰ يَطْهُرْنَ

**“Туро аз ҳайз мепурсанд. Бигӯ он озорест дар занҳо, аз ин рӯ дар ҳолати ҳайз аз эшон дурӣ ҷӯед ва ба онҳо наздикӣ накунед, то ин ки пок гарданд.”**

*(Бақара: 222)*

Агар наздикӣ бо зан дар дубур (мақъад) ҷоиз мебуд, Худованд фақат дастури дурӣ кардан аз фарҷро содир мефармуд ва мегуфт: Аз фарҷи занон дар ҳолати ҳайз дурӣ биҷӯед. Вале азбаски наздикӣ кардан ба дубур ҳаром аст, Худованд мутлақ фармуд: **“Ва ба занон наздик нашавед.”**

Баъд аз он Аллоҳ таъоло баён фармуд, ки мард чӣ гуна ба ҳамсараш наздик шавад:

فَإِذَا تَطَهَّرْنَ فَأْتُوهُنَّ مِنْ حَيْثُ أَمَرَكُمُ اللَّهُ ۚ

**“Ҳар гоҳ онон (занҳо) пок шуданд аз ҳамон роҳе, ки Худованд ба шумо дастур дода ба онон наздик шавед.”**

Ва низ фармуда:

نِسَاؤُكُمْ حَرْثٌ لَكُمْ فَأْتُوا حَرْثَكُمْ أَنَّىٰ شِئْتُمْ ۖ

**“Ҳамсарони шумо барои шумо киштзоранд, ҳар тавре ки хостед метавонед ба киштзори худ наздик шавед.”** Киштзор ҷое аст ки аз он умеди фарзанд меравад.

***Хилофи фитрат:***

Мафҳуми ривояти Абӯяъфур аз имом Содиқ (ъ) ин аст, ки фарҷ фақат барои талаби фарзанд, вале розӣ кардани ғариза ва лаззат бурдан дар “дубур” аст ё ҳадди ақал барои розӣ сохтани ғариза аз ҳар ду мешавад истифода кард, дар ҳоле, ки ин амр ба таври куллӣ ғалат аст ва танҳо фарҷ аст, ки ҳам барои талаби фарзанд ва ҳам барои розӣ сохтани ғариза мавриди истифода қарор мегирад.

Ин суннати Худовандӣ ва фитрати башарӣ аз оғози таърих то кунун аст ва то қиёмат идома хоҳад дошт. Имом Содиқ (ъ) бисёр поктару шаънашон баландтар аз он аст, ки наъузубиллоҳ ин гуна суханони ёва ва беҳуда бигӯянд. Эшон, ки аз боризтарину огоҳтарини уламои қарнҳои тиллоии Ислом ва аз моҳиртарин шахсиятҳо ба Қуръон ва улуми Қуръонӣ буданд, чӣ гуна ин ояти каримаро бо ин сароҳату равшанӣ омада, наметавонанд бифаҳманд **(Пас ҳар гоҳ пок шуданд....)**

Агар фарз кунем, ки дар дубур ҳам метавонад инсон розӣ шавад, қубул (андоми пеш) ҳам ҳаст, ки роҳи саввумӣ низ вуҷуд надорад, бино бар ин ояти карима ва амре, ки дар он омада ва онро муқайяд ба таҳорату покшавӣ карда каломи бемаънӣ мешавад!

Аз он ҷое, ки яке аз ду роҳи мазкур ҳаром буд ва дигаре ҳалол, зарурат пеш омад, ки роҳи ҳалолро, ки гоҳе муваққатан ҳаром мешавад, баён фармояд, пас Худованд дастур дод ки аз киштзор истифода кунанд ва киштзор ҳамон ҷоест, ки аз он умеди фарзанд бурда мешавад, илова бар он ки ҳар ду ҳамсарро розӣ ҳам мекунад.

***Роҳзанӣ:*** Ва аммо ривояте, ки ба имом Ризо (ъ) мансуб кардаанд, ки ливотати бо занонро ҷоиз мешуморад ва ба қавли ҳазрати Лӯт (ъ) ҳуҷҷату далел оварданд, банда арзам ин аст, ки тафсири ояти мазкур: **(Ҳоъулои банотӣ, ҳунна атҳару лакум)**, дар ояти дигаре омадааст, он ҷое, ки Ҳақ таъоло мефармояд:

﴿٢٧﴾ وَلُوطًا إِذْ قَالَ لِقَوْمِهِۦٓ إِنَّكُمْ لَتَأْتُونَ ٱلْفَٰحِشَةَ مَا سَبَقَكُم بِهَا مِنْ أَحَدٍ مِّنَ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٨﴾ أَئِنَّكُمْ لَتَأْتُونَ ٱلرِّجَالَ وَتَقْطَعُونَ ٱلسَّبِيلَ

**“Ва Лӯтро фиристодем, вақте ки ба қавми худ гуфт: ҳароина кори беҳаёиро *(ливотатро)* ба амал меоваред ки ҳеҷ кас аз ҷаҳониён дар *(иртикоби)* он аз шумо пешӣ нагирифтааст. Оё шумо ба қасди шаҳват ба мардон наздикӣ мекунед ва тариқро қатъ мекунед.”**

*(Анкабут: 28)*

Роҳзанӣ танҳо он нест, ки дуздон роҳзанӣ мекунанд, ин ки касе худашро дар ғайри ҷои машруъ розӣ кунад ва наслро қатъ намояд, низ роҳзанӣ гуфта мешавад. Агар ҳамаи мардон фақат худашонро аз дубур розӣ намоянд ва роҳи талаби фарзандро тарк кунанд, насли башарият мунқариз (маҳв) мегардад. Пас маънои ояти карима равшан аст ва ин маъно аз имом Ризо (ъ) махфӣ набудааст, бинобар ин дурӯғ будани ин ривоят аз забони имом Ризо (ъ) равшану ошкор аст.

## ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

# Хумс ё калиди бонкҳо

Аз хумс низ сӯъистифодаи зиёде ба амал омадааст ва ба василаи он сармояҳои калоне андӯхта шудааст, гарчи нусуси шаръ гӯёи ин ҳақиқат аст, ки бар шиъаён чизе ба номи хумс воҷиб нест, балки як амри мубоҳ, аст ки монанди дигар молҳояшон ҳар тавре ки хостанд, метавонанд дар он тасарруф кунанд.

Барои он ки ҳақиқати хумс равшан гардад ва хонандаи азиз бо хумс ва чигунагии амалкард бо ин падидаи навин ошноии бештару беҳтар пайдо кунад, мо дар ин ҷо нигоҳи гузаро ба собиқаи ин калиди бонкҳо хоҳем дошт.

Албатта дар партави ривоятҳои шаръӣ ва ақволу фатвоҳои уламо ва муҷтаҳидини муътабаре, ки мардум онҳоро ба расмият мешиносанд ва аз эшон тақлид мекунанд.

### *Хумс аз дидгоҳи аима (ъ):*

1. Аз Зурайси Кинонӣ ривоят аст, ки имом Содиқ (ъ) пурсиданд: Зино аз куҷо дар байни мардум роҳ ёфт? Гуфтам: ҷонам фидои шумо бод, намедонам. Фармуданд: “Аз тариқи хумси мо аҳли байт, магар шиъаёни хуби мо, зеро хумс барои онҳо ҳалол аст, то ин ки наслашон пок бимонад.”

*(Усули Кофӣ, 2/502 бо шарҳи шайх Мустафо)*

2. Аз Ҳакими Муаззин ибни Исо ривоят аст, ки гуфт: аз имом Содиқ (ъ) пурсидам, тафсири ояти карима **(Ваъламӯ аннамо ғанимтум мин шайъин, фаинна лиллоҳи хумсаҳу ва лиррасули ва лизилқурбо)** чист?

Имом андаке фикр карданд, сипас фармуданд: "...вале падарам шиъаёни худашро аз он муъоф (озод) кардааст, то ин ки пок шаванд."

*(Усули Кофӣ 2/499)*

3. Аз Умар ибни Язид ривоят аст, ки гуфт Муслимро дар Мадина дидам, ки дар он сол хидмати имом Содиқ (ъ) маблағе пул оварда буд. Имом пулашро ба худаш баргардонду фармуд: Абӯсайёр! Мо ин хумсро ба ту бахшидем ва туро аз адои он муъоф кардем. Ин молатро бардор ва тамоми он чи ки шиъаёни мо доранд, то вақте ки имоми қоим зуҳур накарда барои онҳо ҳалол аст."

*(Усули Кофӣ 2/268)*

4. Аз Муҳаммад ибни Муслим аз яке аз ду имом (ъ) ривоят аст, ки фармуд: сахттарин ҳолате, ки мардум дар он қарор доранд, ин аст, ки соҳиби хумс бархезад ва бигӯяд: "Парвардигоро! Хумсро барои шиъаёни худ ҳалол кардем, то ин ки наслашон ва фарзандонашон пок бимонад."

*(Усули Кофӣ 2/502)*

5. Аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки фармуданд: "Ҳамоно ҳамаи мардум дар сояи фазлу раҳмати мо зиндагӣ мекунанд, магар ин ки мо шиъаёни худро аз он (хумс) муъоф (озод) кардем."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ 2/243)*

6. Аз Юнус ибни Яъқуб ривоят аст, ки гуфт: хидмати имом Содиқ (ъ) будам, ки марде ворид шуду гуфт: ҷонам

фидоят бод, эй имом! Молу сармояи зиёде аз тиҷорат ва роҳҳои дигар ба дасти мо мерасад ва мо медонем, ки шумо дар ин мол ҳақ доред ва мо дар ин ҳаққи шумо муқассирем. Фармуданд: "Агар мо шуморо ба он мукаллаф кунем, дар ҳаққи шумо аз инсоф кор нагрифтаем."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ, 2/23)*

7. Аз Алӣ ибни Маҳзиёр ривоят аст, ки гуфт: дар номае, ки аз имом Боқир (ъ) хондам, ки шахсе хидмати эшон омад ва аз эшон хост, ки вайро аз пардохти хумс муъоф кунанд. Имом бо хати худашон навиштанд: "Касе, ки бар асари тангдастӣ ба чизе аз ҳаққи ман ниёз дошта бошад, барояш ҳалол аст."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ, 2/32)*

8. Марде хидмати амиралмӯъминин (ъ) омад ва гуфт: Моли фаровоне ҷамъ кардаам ва ҳубби (дӯст доштани) он дарунамро сӯзондааст, оё тавбаи ман қабул мешавад?

Фармуданд: Хумси маро ҳозир кун. Вақте хумсро ҳозир кард, имом фармуданд: "Ин мол моли туст, чунки ҳар гоҳ инсон тавба кунад, молаш низ бо ӯ тавба мекунад."

*(Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ, 2/22)*

Инҳо ва бисёр ривоятҳои дигар ҳамагӣ бо сароҳат гӯёи ин ҳақиқат ҳастанд, ки шиъа аз пардохти хумс муъоф аст. Ҳар кас чи тавре ки хоста бошад, метавонад бо ихтиёри комил дар моли хумс тасарруф кунад, ҳеҷ фарди шиъае маҷбур ба пардохти хумс нест, то он ки имоми қоим зуҳур фармояд. Тааҷҷубу шигифт ин ҷост ки вақте бо ҳузури худи аима (ъ) пардохти хумс маҷбурӣ набуда, акнун пас аз гузашти асрҳо чӣ гуна пардохти он илзомӣ (маҷбурӣ) аст.

Аз ҳамин ҷиҳат дар партави ривоятҳои бисёре, ки шиъаёнро аз пардохти хумс муъоф мекунанд, уламову муҳаққиқин ва муҷтаҳидини зиёде, ки дар асри худашон аз мароҷеъи бисёр муътамади ҷаҳони ташайюъ ба шумор мерафтаанд, ҳамаашон фатвоҳое содир кардаанд, ки шиъаёнро аз пардохти хумс муъоф (озод) мекунад. Бинобар мазмуну маънои фатвоҳои мазкур пардохти хумс ба ҳеҷ касе дар ҳар мавқеъияту мақоме, ки бошад, пеш аз зуҳури имоми қоим ҷоиз нест.

***Фатвоҳои воҷиб набудани хумс:***

1. Алломаи муҳаққиқ Наҷмуддин Ҷаъфар ибни Ҳасан ал-Ҳиллӣ (соли вафоташ 676-и ҳ,қ.) мефармояд: "Касоне ки соҳиби хумс ҳастанд, пардохти хумс бар онҳо воҷиб нест."

*(Шароъиу-л-ислом, саҳ.182-183)*

2. Аллома Яҳё ибни Саъид ал-Ҳиллӣ (соли вафоташ 690-и ҳ,қ.): "Аз назари эшон хумс ва дигар вуҷуҳот ба унвони зиёфат ва бақоёи мо яҳтоҷи аима (ъ) бар шиъаён ҳалол аст ва онҳо аз пардохти он муъоф (озод) ҳастанд."

*(Ал-Ҷомеъ ли-ш-шароеъ, саҳ.151)*

3. Аллома Ҳасан бин ал-Мутаҳҳари Ҳиллӣ, ки дар қарни ҳаштум мезиста, соҳиби китоби маъруфи "Минҳоҷу-л-карома" фатво додааст, ки "Хумс барои шиъаён ҳалол аст ва онҳо аз пардохти он муъоф ҳастанд."

*(Таҳриру-л-аҳком, саҳ.75)*

4. Аллома Шаҳиди Сонӣ (соли вафоташ 966-и ҳ,қ.): Эшон ба таври мутлақ хумсро барои шиъаён мубоҳ диниста ва онҳоро аз пардохти он муъоф фармудааст ва

дар поён мефармояд: (Анналасаҳҳа ҳува золика, камо фи китоби *Масолику-л-афҳом*).

*(Маҷмаъу-л-фоида ва-л-бурҳон, ҷ.4, саҳ.355-358)*

5. Аллома Мақдиси Ардабелӣ (соли вафоташ 993 ҳ,қ.) аз донишмандтарин фуқаҳои асри хеш буд, бинобар ин Мақдис лақаб ёфт: Эшон тасарруф дар амволи ғоибро барои шиъаён, ба хусус дар сурате, ки эҳтиёҷ вуҷуд дошта бошад, мутлақо ҳалол медонад ва мефармояд: Умуми ахбор далолаткунанда бар он аст, ки дар замони ғайбат хумс ба таври куллӣ соқит мешавад, яъне пардохти он воҷиб ва ҳатмӣ нест, чунки далели қавие вуҷуд надорад, ки аз фавоиди касбу кор хумс гирифта шавад, ғанимат ҳам ки вуҷуд надорад."

Банда изофа мекунам, ки ин дидгоҳи олимонаи эшон аз ояти карима **(Ваъламӯ аннамо ғанимтум мин шайъин)** истинбот гардидааст. Сипас ӯ дар идома мефармояд: Ривоятҳое аз худи имоми замон собит аст, ки мефармояд: "Мо хумсро барои шиъаён мубоҳ қарор додем."

6. Аллома Солор мефармояд: "Аима хумсро дар замони ғайбат фақат ба хотири навозише, ки бар шиъа доштанд, бахшиданд."

*(Китобу-л-маросим, саҳ.633)*

7. Сайид Муҳаммад Таботабоие, ки дар аввалҳои асри ёздаҳум зиндагӣ кардааст, мефармояд: "Дурусттар ҳамин аст, ки хумс мубоҳ аст."

*(Мадорику-л-афҳом, саҳ.344)*

Яъне воҷиб нест, балки бахшида шудааст, магар ки касе бо майли худаш хоста бошад, бипардозад, ки боз нусуси гузашта аз он манъ мекунад.

8. Шайх Муҳаммад Боқири Сабзворӣ, ки дар авохири қарни ёздаҳум вафот карда, мефармояд: Он чи аз ривоятҳои зиёде, ки дар муҳаббати арбоҳ (фоидаи касбу кор) омада бармеояд, монанди *Саҳиҳ*-и Ҳорис ибни Муғира ва *Саҳеху-л-фузало* ва ривояти Муҳаммад ибни Муслим ва ривояти Довуд ибни Касир ва ривояти Исҳоқ ибни Яъқуб ва ривояти Абдуллоҳ ибни Синон ва *Саҳиҳ*-и Зурора ва *Саҳиҳ*-и Алӣ ибни Маҳзиёр ва *Саҳиҳ*-и Курайб аз ҳамаи ривоятҳои мазкур чунин бармеояд, ки хумс бар шиъа бахшида шудааст. Он гоҳ баъзе ишколотеро, ки дар ин замина омада, рад мекунад ва мефармояд: Ривоятҳои ибоҳат (ҳалол будани хумс) саҳиҳтару сареҳтар аст, бинобар набояд аз онҳо гузашт ва ба ривоёти мазкур таваҷҷӯҳ кард. "Хулоса ин ки назарияи ибоҳати хумс дар замони ғайбат аз қувват холӣ нест."

*(Захирату-л-миъод, 292)*

9. Муҳаммад Ҳасан Файзи Кошонӣ ин дидгоҳро баргузида, ки он чи ба имоми замон тааллуқ мегирад, соқит аст ва мефармояд: "Зеро ки аима (ъ) онро барои шиъаён ҳалол донистаанд."

*(Мафотиҳу-ш-шариъа, саҳ.229, Мифтоҳ 260)*

10. Шайх Ҷаъфар Кошифулғито (вафоташ 127-и ҳ,қ) тасриҳ фармудааст ки "хумс барои шиъаён бахшида шуда ва пардохти он бар онҳо воҷиб нест."

*(Кашфулғито, 364)*

11. Аллома Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ (вафот 1266-и ҳ,қ.) бо қотеъият мефармояд: "Хумс дар замони ғайбат барои шиъаён бахшидааст ва ахбору ривоятҳо дар ин замина мутавотир (саҳиҳ) аст."

*(Ҷавоҳиру-л-калом, 16/141)*

12. Матлабро бо дидгоҳи шайх Ризо Ҳамадонӣ (вафоташ 1310-и ҳ,қ.) ба поён мебарам. Эшон мефармояд: “Хумс дар замони ғайбат бахшидааст.”

*(Мисбоҳу-л-фақиҳ-и Ҳамадонӣ, саҳ.155)*

Дар ҳоле ки эшон хеле мутааххир аст ва фақат чизе беш аз як қарн аз асри эшон мегузарад. Пас мулоҳиза намудед, ки муоф будани шиъа аз хумс ва маҷбур набудан ба пардохти он дар миёни фуқаҳои мутақаддимин ва мутааххирини шиъа қавли бисёр машҳуру муътабар аст, тақрибан то авоили қарни чаҳордаҳуми ҳиҷрии қамарӣ, яъне саду чанд сол пеш ба он амал мешудааст.

***Тақлид аз аима ё оқоён:***

Бинобар ин бо таваҷҷӯҳ ба ривоятҳову фатвоҳое, ки мулоҳиза намудед, чӣ гуна метавон хумс пардохт. Вақте худи аима (ъ) аз пазируфтани хумс инкор намуданд ва онро ба соҳибонаш баргардонданд ва бо сароҳати комил шиъаёнашонро аз пардохти он муъоф карданд, оё мо аз аима (ъ) наъузу биллоҳ олимтарем ё беҳтар ё ба молу сарват мӯҳтоҷтар?!

Қобили зикр аст, ки фуқаҳо ва муҷтаҳидине, ки фатвоҳояшонро нақл кардем, фақат ҳаминҳо нестанд, ки ба муъоф будани шиъа аз хумс фатво додаанд, балки чандин баробар ин шумора фатвоҳояшон дар дохили китобҳо мавҷуд аст. Мо ба хотири он ки мавзӯъро ба таври фишурдаву мухтасар арз карда бошем, тақрибан аз ҳар асре як нафар интихоб кардем, то барои ҳама равшан гардад, ки шиъа ҳеҷ гуна маҷбурияте ба пардохти хумс надорад. Чаро ин эътиқодро матраҳ мекунем, зеро бо Қуръон ва ривоятҳои саҳиҳ ва амали аима (ъ) ва бо ақли

солим ва фатвоҳои фуқаҳо ва муҷтаҳидини шиъа мутобиқат дорад ва ҳамеша ба он амал мешудааст.

Инак ба ду фатвои дигар аз фатвоҳои бузургтарин уламои ҷаҳони ташайюъ таваҷҷӯҳ фармоед:

***Раъйи муфассали Шайх Муфид:***

Мефармояд: гурӯҳе аз асҳоби мо дар бораи хумс дар замони ғайбат ихтилоф кардаанд, ҳар гурӯҳ дидгоҳеро баргузидааст. (Сипас дидгоҳҳои гуногунро зикр мекунад, аз ҷумла) мефармояд: Баъзе ин нуқтаназарро, ки хумсро бояд барои омодагии зуҳури имоми замон пардохт қабул намекунанд, баъзе захира кардани онро воҷиб медонанд, яъне онро дар замин дафн кунад ва ин ривоятро ки мегӯяд: "Замин дар ҳангоми зуҳури имоми замон ганҷҳояшро зоҳир мекунад ва ҳар гоҳ имом қиём фармояд, Худованд эшонро роҳнамоӣ мекунад, ки он ганҷҳоро дар ҳар ҷое ки бошад, баргиранд" ин ривоятро таъвил мекунад.

Он гоҳ аз миёни дидгоҳҳои мухталиф як дидгоҳро баргузидааст, мефармояд: Хумсро барои соҳиби амр, яъне имом Маҳдӣ канор гузошта шавад. Агар тарсад, ки қабл аз зуҳури имом бимирад ва натавонад онро ба эшон бисупорад, ба шахси дигаре, ки ба ақлу диёнаташ эътимод дорад вогузор кунад, то ин ки ӯ ба имом бисупорад. Ӯ агар зуҳури имомро дарёфт, ки бо эшон бисупорад ва илло ба шахси диндор ва мӯътамаде вогузор намояд ва ба ҳамин тартиб то ин ки имом қиём фармояд.

Сипас шайх Муфид мефармояд: "Ин қавл аз дигар дидгоҳҳо ба назари ман ошкортар аст, чунки хумс ҳаққи ғоиб аст, эшон ҳам қабл аз ғайбат равиши муайяне таъйин накарданд, ки аз он пайравӣ шавад."

Сипас вай боз мефармояд: "Ин низ монанди закот аст, ки дар ҳангоми фаро расидани фурсат мустаҳиққони он

ҳозир мешаванд, бинобар ин вақте ки мустаҳиқи он вуҷуд дошта бошад, соқит намешавад.”

Ва низ мефармояд: “Агар касе ин бахш аз хумсро, ки саҳми холиси имом аст, ба тавре ки зикр кардем, адо намояд, яъне амонат бигзорад ва ҳамчунин аввалӣ ба дуввумӣ ва дуввумӣ ба саввумӣ биспорад ва қисмати дигари хумсро барои ятимони оли Муҳаммад (с) ва мусофирон ва бечорагони онҳо ба тартибе, ки дар Қуръони карим омада масраф кунад, аз ҳақ дур нагардидааст, балки ӯ бар ҳақ аст. Аммо ба ҳар ҳол асҳоби мо дар ин боб ихтилофи назар доштаанд.”

*(Ал-муқанниъа, саҳ,46)*

### ***Раъйи муфассали шайх Тӯсӣ:***

Пас аз он ки аҳкоми хумсро баён мекунад, мефармояд: “Ин, яъне хумс дар ҳоли зуҳури имом ҳукме дорад ва дар ҳоли ғайбати эшон ҳукми дигаре. Сипас мефармояд: Ва амма дар ҳоли ғайбати аима (ъ) барои шиъаёнашон иҷоза додаанд, ки дар ҳуқуқи онҳо, аъам аз ҳуқуқи никоҳ, тиҷорат ва маскан ҳар тавре, ки хостанд тасарруф кунанд. Дар ғайри он чи арз кардем, ба ҳеҷ унвон дар хумс, ки ба аима (ъ) марбут мешавад дар замони ғайбат тасарруф ҷоиз нест. Назарияҳои асҳоби мо дар ин бора аз якдигар фарқ мекунад, ҳарчанд насси мушаххасе вуҷуд надорад, вале дар маҷмӯъ ҳар кадоми аз фуқаҳои мо дидгоҳе дорад, ки мазмуну мафҳуми он “иҳтиёт” аст. Он гоҳ шайх Тӯсӣ дидгоҳҳои фуқаҳои шиъаро дар чаҳор нукта хулоса мекунад:

1. Хумс дар замони ғайбат монанди дигар чизҳо аз қабили ҳақи издивоҷ ва ҳақи тиҷорат ва ғайра барои шиъаён мубоҳ аст ва ин саҳиҳтарин қавлҳост, чунки

мувофиқ бо нусусест, ки аз аима (ъ) ривоят шуда ва бисёре аз фуқаҳои мо бар ҳамин назаранд.

2. Воҷиб аст, ки шахси соҳибмол хумсро, то замоне ки зинда аст, ҳифз кунад. Вақте ки вафоташ наздик мешавад. ба каси дигаре аз бародарони мусалмонаш, ки ба ӯ эътимод дорад вогузор кунад, то ин ки ба соҳиби амр агар ҳозир шуд, биспорад ва ӯ низ ба ҳамин сурат.

3. Воҷиб аст, ки хумс дафн гардад, зеро дар вақти хуруҷи қоим, замин ҳама чизҳоеро, ки дар худ пинҳон дорад, ошкор мекунад.

4. Воҷиб аст, ки хумс ба шаш қисмат тақсим шавад, се қисмати он барои имом ки ё дафн гардад ва ё назди шахси муътамаде вадиъат (амонат) гузошта шавад ва се қисмати дигарро барои мустаҳиққон, ки ятимон, фуқаро ва мусофирони оли Муҳаммад (с) ҳастанд, тақсим гардад, ин чизест, ки бояд ба он амал шавад ва ин қавл мувофиқ бо фатвои шайх Муфид аст, ки хумсро бар закот қиёс кардааст.

Сипас шайх Тӯсӣ мефармояд: Агар инсон ҷониби “иҳтиёт”-ро бигирад ва ба яке аз ақволи гузашта амал кунад, гунаҳкор нахоҳад шуд. Поёни суханони шайх Тӯсӣ бо андак тасарруф.

Пас шайх Тӯсӣ тасарруф дар хумсро дар замони ғайбат ба ин дидгоҳҳои чаҳоргона мунҳасир ва маҳдуд кардааст ва худаш қавли чаҳорумро баргузидааст, ки қавли бисёре аз фуқаҳо низ ҳаст. Мулоҳиза кардед, ки дидгоҳҳои чаҳоргонаи мазкур гарчи дар тафсилот андаке бо ҳам фарқ доранд, вале дар умум ҳама бар як чиз муттафиқанд, ки мо мехоҳем ба он бирасем ва он (чизи мазкур) ин аст, ки ин молу сармояе, ки саҳми имоми ғоиб аст ё саҳми дигарон ба каси дигаре дода намешавад, ҳатто ишорае ҳам наметавон ёфт, ки таъйидкунандаи пардохти хумс ба амсоли банда бошад. Пурсиш ин аст, ки худи шайх Тӯсӣ

ва фуқаҳову муҷтаҳидини бешуморе, ки қабл ва баъд аз эшон ба дидгоҳҳои чаҳоргона амал кардаанд ва фатво додаанд ва чандин аср ба он амал шуда, оё ҳамагӣ дар иштибоҳу хато будаанд?!

***Чархиши андеша:***

Ин буд фатвоҳои аввалин раису раҳбар ва бунёдгузори ҳавзаи илмия дар ҷаҳони ташайюъ, шайх Тусӣ дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ ва инак мулоҳиза намоед фатвои охирин раҳбару раиси ҳавзаи илмия, устоди бузургворамон имоми роҳил Абулқосим Хӯӣ дар қарни понздаҳуми ҳиҷрӣ, эшон дар тавзеҳи мустаҳиққини хумс ва чигунагии масрафи он мефармоянд:

Хумс дар замони мо, ки замони ғайбат аст, ба ду қисмат тақсим мешавад *(Нисфун лиимоми-л-ъасри ал-ҳуҷҷати-л-мунтазари, ҷуъила арвоҳуно фидоҳ ва нисфун либани Ҳошимин, айтомиҳим ва масокиниҳим ва абноъи-с-сабил...)* дар идома мефармояд: Нисфи он ба имоми (замон) мутааллиқ аст, дар замони ғайбат ба ноиби эшон таъаллуқ мегирад ва ноиби эшон ҳар фақиҳи амонатдоре аст, ки бидонад чи гуна онро масраф кунад: ё ба ӯ вогузор шавад ё ин ки аз ӯ иҷозаи масрафи онро гирифта шавад..."

*(Зиёу-с-солиҳин, масъалаи 1259, саҳ.347)*

Пас фатвои имом Хӯӣ бо фатвоҳои шайх Тусӣ мухолиф аст, шайх Тусӣ ба ҳеҷ унвон иҷоза намедиҳад, ки хумс ё ҷузъе аз он ба фақиҳи муҷтаҳид ё ноиби имом дода шавад ва ин фатво дар замони эшон мавриди амали тамоми шиъаён будааст. Имом Хӯӣ баръакси ин дидгоҳ роҳро барои истифода аз хумс ҳамвор мекунад!!!

## Хулосаи таҳаввул дар дидгоҳи хумс

***Марҳалаи аввал:***

Пас аз инқитоъи силсилаи имомия ва ғайбати имоми замон дидгоҳи роиҷ ин буд, ки хумс ҳаққи имоми ғоиб аст ва ҳеҷ кас ҳаққе дар он надорад. Ба ҳамин далел буд, ки беш аз бист нафар иддаъо карданд, ки ноиби имом ҳастанд, то битавонанд хумсро бигиранд ва дар он тасарруф кунанд ва гуфтанд мо бо имоми ғоиб мулоқот дорем ва метавонем хумсро ба эшон бирасонем.

Ин замони ғайбати суғро (хурд) буд, ҳудуди ду аср пас аз он ин дидгоҳ ҳамчунон роиҷ буд ва хумс ба касе дода намешуд. Дар ин даврон *Сиҳоҳ*-и чаҳоргона падид омад ва тамоми онҳо ривоятҳое нақл карданд, ки аима (ъ) хумсро бар шиъаёнашон бахшидаанд ва онҳоро аз пардохти он муъоф кардаанд. Ҳеҷ фатвое дар ин даврон вуҷуд надошт, ки хумс бояд пардохт.

***Марҳалаи дуввум:***

Сипас марҳалаи дигаре падид омад ва пас аз марҳалаи аввал, ки шиъаён аз пардохти хумс муъоф буданд, гурӯҳе омаданд ва гуфтанд: Бар шиъаён воҷиб аст, ки хумс бипардозанд, чунки афроди муғриз ва фурсатталаб мехостанд аз онҷи дар марҳалаи аввал бад-он амал мешуд, худашонро наҷот диҳанд, аз ин рӯ гуфтанд: Баровардани хумс воҷиб аст, ба шарте ки дар замин дафн гардад, то замоне, ки имоми ғоиб зуҳур фармояд.

***Марҳалаи саввум:***

Дар ин марҳала гуфтанд: бале, ихроҷи хумс воҷиб аст, ба шарти ин ки назди шахси амонатдоре гузошта шавад ва беҳтарин касоне, ки метавон дар ин замина ба онҳо эътимод

кард, фуқаҳо ҳастанд, бо ин ёдоварӣ, ки амри мазкур истиҳбоб аст, на воҷибу илзомӣ ва фақиҳ наметавонад дар он тасарруф кунад, балки бояд онро нигаҳдорӣ кунад, то замоне, ки ба дасти имоми замон бирасад.

Дар ин ҷо нуктаи муҳиме қобили таваҷҷӯҳ аст ва саволи бисёр ба мавриде матраҳ мешавад ва он, ин аст, ки касоне, ки ҳамвора ин амонат ба онҳо тааллуқ гирифта, то кунун кадом шахсе онро солим ба ашхоси дигаре супурда, то ин ки ӯ низ онро ба дигарон бисупорад?!

Тасаввур намекунам, банда нашунидаам ва на дар ҷое хондаам, ки чунин шахсе ё шахсияте то кунун ин шаҳоматро аз худ нишон дода бошад ва моли амонати хумсро, ки мардум назди ӯ амонат гузоштаанд, ба каси дигаре баъд аз худ супурда бошад, балки дуруст ва мутаассифона ҳақиқати талх ин аст, ки ҳамеша ворисони ин бузургон баъд аз онҳо нишастаанд ва ин моли амонатро дуруст монанди ин ки мулки шахсии (!) ҳоҷӣоқо бошад, байни худашон тақсим кардаанд. Бад-ин тартиб хумси имом бидуни ҳеҷ пурсишу муҳосибае ба ҷайби мо рехта мешавад, ин дар суратест, ки банда худам амонатдор бошам ва шахсан дар он тасарруф накарда бошам ва онро моли худам напиндошта бошам!

***Як пурсиши муҳим:***

Қозӣ ибни Беҳроҷ ё аввалин касе, ки ин амрро аз истиҳбоб ба вуҷуб кашонду гуфт: Воҷиб аст саҳми имомро назди касе аз фуқаҳо ва муҷтаҳидине, ки ба вай эътимод мешавад, гузошта шавад, то ин ки ӯ агар имоми ғоибро дарёфт ба эшон бисупорад, ё ин ки васият кунад, то баъд аз вай ин мол ба касе супурда шавад, ки муътамад бошад ва ӯ ин вазифаро анҷом диҳад ва ба ҳамин тартиб, ки бидуни шак ин гоми бисёр муҳиме ба шумор меравад.

*(Ал-муҳаззаб 8/180)*

***Марҳилаи чаҳорум:***

Сипас уламои мутааххирин омаданд ва гоми муҳими дигаре бардоштанд ва гуфтанд: пардохти хумс ба фуқаҳо воҷиб аст, то ин ки байни мустаҳиқини он, ки ятимон ва мустамандони аҳли байт (ъ) ҳастанд, тақсимаш кунанд. Ғолибан фақиҳ ибни Ҳамза аввалин касе буд, ки дар асри шашум чунин дидгоҳеро матраҳ кард ва изофа кард, ки худи соҳиби мол шахсан онро тавзиъ (тақсим) кунад, ба вижа агар вай тақсими онро балад набошад.

*(Ал-васила фӣ найли-л-фазила, саҳ.682)*

***Марҳалаи панҷум:***

Ин таҳаввул дар асрҳои муттааххир ҳамчунон идома ёфт, тақрибан то ҳудуди як аср пеш ки охирин гом бардошта шуд ва охирин марҳала аз ин таҳаввули бузурги таърихӣ дар ин бахш аз мактаби ташайюъ такмил гардид ва роҳ барои истифодаи хуб (!) аз ин дастранҷи мардум ҳамвор гардид. Баъзе фуқаҳо гуфтанд: “фақиҳ метавонад дар саҳми имом ҳар гуна ки салоҳ бубинад, тасарруф кунад, монанди харҷ бар толибилмон ва барпо кардани шиъори динӣ ва ғайра.” Ин фатвое буд, ки шайх Муҳсинулҳаким содир фармуд.

*(Мустамсаку-л-ъурвату-л-вусқо, 9/584)*

***Иллати таваллуди хумс:***

Ин дар ҳолест, ки аз сӯи дигар гуфтанд: дар ин ки саҳми имом чӣ гуна ба масраф бирасад, зарурате ба пурсиш аз фақиҳ ва муҷтаҳид нест, маънои сухан ин аст, ки саҳми муҷтаҳид аст, ки дар асрҳои бисёр мутаахир падид омада аст. Пас калимаи хумс марҳалаҳои зиёде убур карда, то саранҷом бад-инҷо расида аст, ки пардохти хумси “касб ва кор” ба фуқаҳо ва муҷтаҳидин воҷиб аст, бинобар ин

мулоҳиза мефармоед, ки ҳеҷ нассе дар бораи хумси касбу кор вуҷуд надорад, на Китоб на суннат ва на қавли имом, балки ин дидгоҳест, ки дар асрҳои бисёр мутааххир тавассути баъзе фуқаҳо падид омадааст ва комилан бо Қуръон ва суннат ва ақволи аима (ъ) ва фуқаҳо ва муҷтаҳидини муътабар мухолиф аст.

***Раъйи Имом Хумайнӣ (р):*** Лозим медонам, ки қавли имоми роҳил Оятуллоҳулузмо имом Хумайнӣ (р)-ро дар ин ҷо зикр кунам. Эшон дар суханрониҳои фаровоне, ки соли 1389-и ҳ,қ. дар ҳавзаи илмияи Наҷаф дар ҷамъи устодон ва толибилмон, ки банда низ ифтихори ширкат дар онҳоро доштам, ирод фармуданд. Ва сипас онҳоро ба шакли китобе низ ба номи Ҳукумати исломӣ (ё Вилояти фақиҳ) мунташир карданд. Аз ҷумла фармуданд: Ин кӯтоҳназарӣ аст, агар бигӯем, ки ташриъи хумс сирфан ҷиҳати таъмини маоши зуррияи Расулуллоҳ (с) будааст. Фармуданд: Гӯшае аз ин сармояи бисёр калон барои маоши онон кофӣ аст. Хумси бозорҳои тиҷории бузурге, чун Бағдод, Теҳрон ва ғайра ба назари шумо чӣ сармояи бузургеро ташкил медиҳад, ин сармоя чи гуна бояд масраф шавад?! Сипас фармуданд: ба назари банда ҳукумати исломии одил ба сармояҳои газофе эҳтиёҷ надорад, ки ба корҳои пеши по афтода ва масолеҳи шахсӣ масраф кунад.

Сипас мефармоянд: Хумс молиёте набуда, ки маҳз ҷиҳати таъмини заруриёти оли байти Расулуллоҳ (с) воҷиб шуда бошад ё закот барои он фарз нашуда, ки фақат байни фуқаро ва масокин тақсим гардад, бидуни шак хумс ва закот хеле бештар аз ҳоҷати табақаҳои мазкур аст. Пас оё Ислом зиёдатии хумс ва закот ва дигар вуҷуҳи шаръиро ба мардум вогузор мекунад ё ин ки ба дарё мерезад? Ё роҳи ҳалли дигаре вуҷуд дорад? Теъдоди сайидиҳои аҳли байт (ъ) дар он замон (садри ислом) аз сад нафар намегузашт. Агар фарз кунем, ки теъдодашон ним миллион ҳам мебуд, оё бо ақли солим

мақбул меояд, ки бигӯем ҳадаф аз машруъияти хумс (ин сармояи рӯ ба рушд, ки ҳар рӯз бо рушди тиҷорату санъат афзоиш меёбад, чунон ки имрӯз мушоҳида мекунем), фақат ба хотири он будааст, ки оли Расул (с) сер карда шаванд?! Ҳаргиз наметавонад чунин бошад.

*(Ҳукумати исломӣ, чопи Наҷаф, саҳ.32-42)*

### *Сабабҳои инҳирофи инсон:*

Пас мулоҳиза фармудед, ки имом бо сароҳат мефармоянд: "Амволи хумс сармояи бисёр калонест." Ин сухан дар он замон буд, имрӯз пас аз ҳудуди сӣ сол ин сармоя чи қадар бояд бештар шуда бошад?! Ва ҳамчунин дидем, ки имом тасриҳ фармуданд, ки ҷузъи кучаке, (шумо фарз кунед як ҳазорум 1000 шояд ҳам камтар) барои таъмини маъоши оли байти Паёмбар (с) кофӣ аст. Пас боқимондаи ин сармояи бузург ва сарсомоварро чӣ бояд кард?!

Инсон аз ду роҳ мумкин аст фосид шавад, пул ва шаҳват. Кист, ки битавонад дар муқобили ин ду чиз муқовимат кунад, ба вижа онон, ки мутаассифона ҷуз барои расидан ба ин биҳшти барин дар ин роҳ қадам нагузоштаанд.

### *Дуъои хаммос*

Амиралмӯъминин (ъ) мефармоянд. Хушо ононе, ки дил аз ин ҷаҳон гусастанд ва ба-дон ҷаҳон бастанд, онон мардумеанд, ки заминро густардании худ гирифтаанд ва хоки онро бистар ва оби онро тайибу гуворо, Қуръонро ба ҷонашон баста доранд ва дуъоро вирди забон. Чун Масеҳ дунёро аз худ дур сохтаанд ва нигоҳе бад-он наандохта. Довуд дар чунин соъати аз шаб берун шуд ва

гуфт: Ин соъатест, ки бандае дар он дуъо накунад, ҷуз ин ки аз ӯ пазируфта шавад, магар он ки бозситонад ё гузориши кори мардумонро ба ҳоким расонад ё хидматгузори дорӯға бошад.

*(Наҳҷу-л-балоға, тарҷумаи Шаҳидӣ, с.379-378)*

Ҳоло шумо муқоиса кунед байни ин иршоди амиралмӯъминин(ъ) ва байни ҳолати имрӯзи мо он гоҳ худ қазоват кунед (!) бо камоли таассуф ин насс ва ҳазорон нусуси арзишманд ва тиллоии дигар ҳеҷ таъсире ба ҳоли касоне, ки худро пайравон ва ошиқони оли байт (ъ) мехонанд, надорад. Зиндагии пурнозу неъмате, ки доранд, зуҳду тақвои амиралмӯъминин (ъ)-ро аз ёди онҳо бурдааст ва бо арзи маъзарат чашмонашонро кӯр кардааст, ки суханони пурнури ҳазрати амирро бубинанду тадбир кунанд ва ба кор банданд. Ашшор касест, ки ушр ҷамъ мекунад чуноне ки амиралмӯъминин (ъ) фармуданд: дуъои ӯ қабул намешавад. Пас хаммос чӣ гуна дуъояш қабул шавад. Ушр як ваҷҳи шаръист ва ашшор онро барои байтулмол ҷамъ мекунад, дар ҳоле, ки ҷамъ кардани хумс ғолибан чунин нест. Пас чӣ гуна мехоҳад дуъояш қабул шавад?!

***Кош шеъри форсӣ мегуфт:***

Дар поёни мабҳаси хумс лозим медонам қавле аз дӯсти азизу муборизам, шоъири чирадаст, оқои Аҳмад Софии Наҷафӣ (р)-ро нақл кунам, ки пас аз гирифтани санаду мадраки иҷтиҳод бо таваҷҷӯҳ ба тафовути синние, ки байни ман ва эшон вуҷуд дошт, ки чизе ҳудуди сӣ сол аз ман бузургтар буд, бо ҳам хеле дӯст шуда будем. Мефармуд: фарзандам, Ҳусайни азизам, худатро ба хумс олуда макун,

ки ҳаром аст.” Он гоҳ чанд байте, ки дар ин замина суруда буд бароям хонд ва навиштаашро ба ман дод, ки онро дар сандуқчаи ёддоштҳоям нигоҳ доштам. Инак онро бидуни каму кост барои хонандагони азиз нақл мекунам:

*Таъаҷҷуб мекунам ба ҳоли мардуме, ки гадоияшон*
*ба номи дин аст!*
*Барои марди бо шаҳомат чӣ гуна муносиб аст*
*гадоӣ кунад?!*
*Агар таҳсили илм ангезааш ҳамин бошад,*
*Пас ҷаҳл беҳтар аз ин илм аст!*
*Оё дар замони Паёмбар ҳам гурӯҳе будаанд,*
*Ки бо ин ном аз моли мардум маъош кунанд?*
*Агар Худованд закотро воҷиб кардааст, барои он набуда,*
*Ки бо зиллат пардохта шавад,*
*балки бо зӯр гирифта мешуд.*

## ФАСЛИ ПАНҶУМ

## Бозӣ бо китобҳои осмонӣ

Ҳеҷ мусулмоне шак надорад, ки пас аз саҳоифи осмонӣ ва се китоби маъруфи дигар, ки ҳамагӣ мансух ҳастанд, Қуръони карим ягона китоби осмонӣ аст, ки бар Паёмбари Ислом, ҳазрати Муҳаммад (с) нозил шудааст. Аммо банда тайи мутолиъоте, ки доштаам, пай бурдам, ки фуқаҳо ва рӯҳониёни мо аз китобҳое сухан мегӯянд, ки гӯё илова аз Қуръони карим бар Паёмбари бузургворамон (с) нозил шуда ва эшон ин китобҳоро ба таври ихтисос (махсус) дар ихтиёри амиралмӯъминин (ъ) гузоштаанд! Мулоҳиза фармоед:

### *1. Ал-ҷомиъа:*

Абӯбакр аз имом Содиқ (ъ) ривоят мекунад, ки эшон фармуданд: дар назди мо Ҷомеъа аст. Онҳо чӣ медонанд, ки Ҷомеъа чист?! Гуфтам ҷонам фидои шумо бод, Ҷомиъа чист?! Фармуданд: Саҳифаест, ки тӯли он ҳафтод газ аст, бо андозагирии худи Расули Худо (с) ва имлои эшон ва аз забони худи эшон, ки Алӣ (ъ) онро бо дасти худаш навиштааст. Дар он ҳукми ҳар ҳалол ва ҳароме матраҳ гардидааст. Ва дар он ҳар чизе ҳаст, ки мардум то рӯзи қиёмат бад-он эҳтиёҷ дошта бошанд. Ҳатто, ки ҷазои захме, ки касе бардошта бошад.

*(Усули Кофӣ, 1/239. Биҳору-л-анвор 22/26)*

Дар ин бора ривоятҳои бисёре вуҷуд дорад, ки ба хотири ихтисор аз зикри он сарфи назар мекунем. Нигаред ба: “Биҳор”, “Басоиру-д-дараҷот”, “Васоилу-ш-шиъа” ва ғайра.

Ин ки Ҷомиъа акнун дар куҷост? Ва бо ин ҳама илме, ки дар он нуҳуфта, балки шомили тамоми чизҳоест, ки мардум, то қиёмат ба он мӯҳтоҷанд чаро пинҳон дошта шуда. Чаро миллионҳо инсон аз истифодаи он маҳруманд? банда ҷавобе барои ин саволҳо наёфтам?!

### *2. Саҳифаи Ан-номӯс:*

Аз ҳазрати Ризо (ъ) дар ҳадиси аломатҳои имом омадааст, ки фармуданд: Дар назди имом саҳифае хоҳад буд, ки “дар он номи тамоми шиъаёнашон то рӯзи қиёмат дарҷ хоҳад буд” ва саҳифаи дигаре, ки “дар он номи тамоми душманонашон то рӯзи қиёмат дарҷ хоҳад буд.”

*(Биҳору-л-анвор, 25/117)*

Намедонам чӣ ҷур саҳифаест, ки битавонад номҳои ҳама шиъаёни ҷаҳонро аз оғоз то қиёмат дар худ ҷой диҳад?! Ва намедонам он чи гуна саҳифае хоҳад буд, ки битавонад ин ҳама душманони оли байт (ъ)-ро дар худ бигунҷонад?!

Ба назари шумо ҳама компютерҳо ва ақлҳои электронии дунё метавонанд ин адади хаёлиро бишуморанд ва дар худ ҷой диҳанд? Агар мӯъҷиза ҳам хостаанд собит кунанд, он фақат дар ихтиёри паёмбарон қарор мегирад, он ҳам дар ашёи малмус (эҳсосшаванда), на чизҳои ғайбӣ?!

Ин ки чи зарурате буда, ки дурӯғ ба ин гундае аз забони аима ва аҳли байт (ъ) гуфта шавад мо ки сар дар наёвардем

ва Худо кунад, ки ин расвоиҳои мо ба дасти душманони Ислом наяфтад, вагарна баҳонаҳои хеле хубе барои тамасхур ва интиқоми бештар аз Ислом ва мусалмонон хоҳад буд!

### *3. Саҳифаҳи Ал-ъубайита:*

Аз амиралмӯъминин (ъ) ривоят аст, ки фармуданд: Ба Худо қасам, дар назди ман саҳифаҳои зиёде аз Расули Худо (с) ва аҳли байти эшон мавҷуд аст, дар он миён саҳифаест, ки Ал-ъубайита номида мешавад, ки сахттар аз он бар арабҳо ворид нашудааст. Дар он номи шаст қабилаи араб аст, ки хуни онҳо мубоҳ дониста шуда ва гуфта шуда, ки онҳо ҳеҷ саҳме дар дини Худо надоранд.” Ин ривоят ба ҳеҷ унвон қобили қабул нест ва на бо ақли солим мувофиқ меояд. Агар ин ҳама қабилаҳо ҳеҷ саҳме дар дини Ислом надошта бошанд, маънояш ин аст, ки дар миёни тамоми арабҳо мусалмонон вуҷуд надорад. Илова бар он аз махсус кардани қабилаҳои Араб ба ин тамғаи золимона бӯи миллатгароӣ ба машом мерасад.

### *4. Саҳифаи Зуобату-с-сайф:*

Абӯбусайр аз имом Содиқ (ъ) нақл мекунад, ки дар ғилофи шамшери Расули Худо (с) саҳифаи хурде буд, ки дар он ҳарфҳои махсусе навишта шуда буд, ки ҳар яке аз он ҳарфҳо ҳазор ҳарфи дигарро мекушод. Абӯбусайр мегӯяд: имом Содиқ (ъ) фармуданд: то кунун аз он ду ҳарф бештар боз нашудааст.

*(Биҳору-л-анвор, 26/25)*

Оё мо метавонем бипурсем, ки ҳарфҳои дигар куҷост? Оё набояд онҳоро низ берун оваранд, то ин ки мо шиъаёни

аҳли байт (ъ) аз он истифода кунем ё ин ки то зуҳури имоми замон ин илм пӯшида хоҳад монд?!

### *5. Саҳифаи Алӣ (ъ):*

Аз имом Содиқ (ъ) ривоят аст, ки фармуд: "Дар ғилофи шамшери Расули Худо (с) саҳифае ёфта шуд, ки дар он навишта буд: "**Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим**.

Саркаштарин мардум дар рӯзи қиёмат касе хоҳад буд ки ба ҷои қотилаш каси дигареро бикушад ва ба ҷои касе, ки ӯро зада каси дигареро бизанад. Касе, ки ба ҷои мавлояш бо каси дигаре дӯстӣ кунад, яқинан бар он чи бар Муҳаммад (с) нозил шуда, кофир гардидааст ва касе, ки бидъате падид оварад ё бидъатгузореро паноҳ диҳад, Худованд ҳеҷ ибодати ӯро дар рӯзи қиёмат қабул нахоҳад кард."

*(Биҳору-л-анвор, 27/65-104-375)*

### *6. Ал-ҷафр:*

Ва он бар ду қисм аст, Ҷафри сафед ва Ҷафри сурх. Аз Абулъало ривоят аст, ки гуфт аз имом Содиқ (ъ) шунидам, ки мефармуд: "Дар назди ман Ҷафри сафед аст. Гуфтам: дар он чист? Фармуданд: Забури Довуд ва Тавроти Мӯсо ва Инҷили Исо ва Суҳуфи Иброҳим (ъ) ва ҳукми ҳалол ва ҳаром ва фармуд: дар назди ман Ҷафри сурх аст. Гуфтам: дар он чист? Фармуд: силоҳ, ки фақат барои хунрезӣ боз мешавад ва соҳиби шамшер барои куштан онро боз хоҳад кард."

### *Кина бо аҳли байт:*

Абдуллоҳ ибни Абияъфур гуфт: аслаҳакаллоҳу, оё фарзандони (имом) Ҳасани (Муҷтабо) аз ин амр иттилоъ доранд? Фармуд: Ба Худо савганд, бале, ҳамчунон ки

шабро шаб ва рӯзро рӯз медонанд, вале ҳасаду ҳирси дунё (!) онҳоро водор мекунад, ки инкор кунанд. Агар ҳақро бо ҳақ ҷустуҷӯ мекарданд, ҳатман барои онҳо беҳтар буд.”

*(Усули Кофӣ, 1/24)*

***Интиқом аз аҳли байт:***

Аз имоми роҳил, имом Хӯӣ пурсидам, ки Ҷафри сурхро кӣ боз хоҳад кард ва хуни кӣ рехта хоҳад шуд? Фармуданд: имоми замон “ъаҷҷаллоҳу фараҷаҳу-ш-шариф” онро бозхоҳанд кард ва хуни ома (аҳли суннат)-ро хоҳанд рехт, онҳоро тика-тика хоҳанд фармуд ва чунон кушторе дар онҳо ба роҳ хоҳанд андохт, ки ҳамчун Даҷла ва Фурот хун ҷорӣ шавад ва аз ду санами Қурайш (Абӯбакр ва Умар) ва духтаронашон (Оиша ва Ҳафса) ва Наътал (Усмон) ва бани Умайя ва бани Аббос интиқом хоҳанд гирифт ва қабрҳояшонро яке баъди дигаре меканaнд.”

Намедонистам, ки дар ҷавоби имом Хӯӣ чӣ аксулъамале дошта бошам, ман бовар намекунам, ки оли байт (ъ) ин гуна ахлоқ ва рафторе дошта бошанд ва аслан ба ботинияти поки онҳо мувофиқ намеояд, ки қабреро, ки асре аз он мегузарад биканaнд ва мурдаашро берун бароранд!

Аима (ъ) бо касоне, ки ба онҳо бозӣ мекарданд, бархӯрди хуб доштанд ва ба онҳо эҳсон мекарданд ва онҳоро мебахшиданду аз камбудиҳои эшон дармегузаштанд, пас ин ҳадиси сохтаву дурӯғиро чӣ гуна тафсиру таъвил кард?

Саффоктарин инсонҳо низ аз ин гуна кирдори зишт ибо меварзанд, он инсонҳои муқаддас, ки хуни нубувват дар вуҷуди эшон ҷорӣ буда ва аз манбаъи софи рисолат илму ахлоқ омӯхтаанд, чӣ гуна мумкин аст, ки чунин

ҳаракати зиште аз онҳо сар занад?! Пас ин ривоятҳо аз куҷо омада?!

### *7. Мусҳафи Фотима:*

Аз Алӣ ибни Саъид ривоятаст, ки имом Содиқ (ъ) фармуданд: “Дар назди мо Мусҳафи Фотима аст, як оят аз Қуръон ҳам дар он нест. Расули Худо (с) имло кардаву Алӣ (ъ) онро бо дасти худаш навиштааст.”

*(Биҳору-л-анвор, 26/41)*

Ва аз Муҳаммад ибни Муслим аз яке аз ду имом ривоят аст ки “ҳазрати Фотима (с) Мусҳафе ба ҷой гузошта, ки Қуръон нест, аммо каломи Худованд аст, ки бар эшон нозил шудааст. Онро Паёмбари Худо (с) имло кардаву ҳазрати Алӣ (ъ) бо дасти худ навиштаанд.”

*(Биҳору-л-анвор 26/42)*

Аз Алӣ ибни Абиҳамза ривоятаст, ки имом Содиқ (ъ) фармуданд: “дар назди мо Мусҳафи Фотима аст, ки ба Худо қасам як ҳарфе аз Қуръон дар он нест, бо имлои Расули Худо (с) ва хати Алӣ навишта шудааст.”

*(Биҳору-л-анвор, 26/48)*

Агар ин Мусҳафро Паёмбари Худо (с) имло фармуда ва Алӣ (ъ) онро навиштааст, пас чаро аз уммат пинҳонаш доштаанд.

Магар Худованд Паёмбараш (с)-ро дастур надода, ки тамоми он чиро ки ба таблиғи он амр шудааст, ба мардум бирасонад, вагарна рисолату пайғоми Илоҳиро иблоғ накарда (нарасонида) аст.

Пас чӣ гуна Паёмбар (с) ин Қуръонро аз уммат пинҳон медорад ва ҳазрати амир ва дигар аима (ъ) чӣ гуна онро аз шиъаёнашон пинҳон доштаанд?!

### *8. Таврот ва Инҷил ва Забур:*

Аз имом Содиқ (ъ) ривоятаст, ки “эшон Таврот, Инҷил ва Забурро бо забони сурёнӣ мехонданд.”

*(Усули Кофӣ, 1/207)*

### *9. Қуръони карим:*

Дар ҳоле ки Қуръони карим бидуни ҳеҷ гуна шакку шубҳае каломи Худованд аст ва Аллоҳ таъоло ҳифозату нигаҳбонии онро ба ӯҳда гирифтааст, мутаассифона фуқаҳо ва рӯҳонияти мо нусус ва ривоёте нақл кардаанд, ки мегӯяд Қуръони карим таҳрифшудаву дастхӯрдааст!

### *Бо далел бояд гуфтан:*

Муҳаддиси бузурги мо шайх Нурии Табрисӣисботи таҳрифи Қуръон китоби бузурге навишта ва онро “Фаслу-л-хитоб фӣ исботи таҳрифи китоби Рабби-л-арбоб” ном гузоштааст, ки дар он ҳудуди ду ҳазор ривоят ҷамъоварӣ карда ки далолаткунанда бар таҳрифи Қуръон аст ва дар он ақволи тамоми фуқаҳо ва уламои моро, ки бо сароҳат таҳрифи Қуръонро баён мекунанд, дарҷ кардаву собит намудааст, ки тамоми уламо ва фуқаҳои мутақаддим ва мутааххири шиъа мӯътақиданд ки Қуръони феълӣ ки дар дасти мусалмонон аст таҳриф шудааст!

Сайид Ҳошими Баҳронӣ мефармояд: “Пас аз баҳсу баррасии осор ва ривоятҳо банда ба вузуҳ метавонам бар ин қавл (таҳрифи Қуръон) сиҳҳат бигзорам ва балки бояд гуфт, ки эътиқод ба он (қавли мазкур) аз заруриёти мазҳаби

ташайюъ аст ва аз бузургтарин мақосиде, ки хилофат ба хотири он ғасб гардидааст” диққат кунед!

*(Муқаддимату-л-бурҳон, саҳ.49)*

Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар ради касоне, ки таҳрифи Қуръонро қабул надоранд, мефармояд: “Пазируфтани ин ки Қуръон мутавотир аз ваҳйи илоҳӣ аст ва ин ки ҳамаи он бар Ҷабраил (ъ) нозил шуда мунҷар ба ин мегардад, ки бисёре аз ривоятҳои муътабари мо дур андохта шаванд, дар ҳоле ки асҳоби мо бар сиҳату дурустии онҳо ва боваркунии онҳо таъкид кардаанд.”

*(Ал-анвору-н-нӯъмония, 2/357)*

Аз ҳамин ҷиҳат имом Боқир (ъ) чунончи Ҷобир аз эшон ривоят мекунад, мефармоянд: “Ҳеҷ касе аз мардум иддаъо накарда, ки ҳама Қуръонро ҷамъ намуда, магар ин ки дурӯғгӯ аст. Он гунае ки Қуръон нозил шуда, ҳеҷ касе ҷуз Алӣ ибни Абитолиб ва аима баъд аз эшон онро ҳифз ва ҷамъоварӣ накардааст.”

*(Усули Кофӣ, 1/26)*

Бидуни шак, ин ривоят барои исботи таҳрифи Қуръоне, ки инак дар ихтиёри мусалмонон аст, бисёр сареҳу равшан аст. Бинобар ин Қуръони ҳақиқӣ ба таври комил фақат дар назди ҳазрати амир ва дигар аима будааст, то ин ки саранҷом ба дасти имоми қоим расидааст!

***Як саволи беҷавоб:***

Агар воқеан ин китобҳо аз тарафи Худо нозил шуда бошанд ва ба ростӣ ҳазрати амир ва дигар аима (ъ) онҳоро дар ихтиёр доштаанд, бо ҳама эҳтиёҷи сахте, ки уммати (Ислом) ба онҳо дошта ва дорад, чаро махфӣ нигоҳ дошта

шуда, бинобар ин фоидаи нозилшавии китобҳои мазкур чист?!

Бисёре аз фуқаҳои мо гуфтаанд аз тарси ин ки мабодо душманон ба онҳо осебе ворид кунанд, онҳоро махфӣ доштаанд, аммо чӣ баҳонаи пӯче!

Оё шахсияти мӯъмин ва қаҳрамоне чун амиралмӯъминин (ъ), шери бани Ҳошим он қадар тарсӯ ва буздил буда, ки натавонад аз китобҳои осмонӣ дифоъ кунад?!

Оё бовар карда мешавад, ки оятҳои Худоро, ки ба хотири ҳидояти башар нозил шуда аз тарси душманон пинҳон нигоҳ дошта шавад?! Ҳаргиз ба Худое, ки осмонро бидуни сутун нигаҳ дошта ҳазрати амир (ъ) марде набуда, ки ҷуз Худо аз каси дигаре битарсад.

### *Эътироф ба як ҳақиқати талх:*

Саволи муҳими дигаре, ки матраҳ мешавад, ин аст, ки ҳазрати амир ва дигар аима (ъ) чӣ эҳтиёҷе ба Таврот, Инҷил ва Забур доштаанд, ки онҳоро даст ба даст кунанд ва махфиёна бихонанд?!

Вақте мо муддаъӣ ҳастем, ки Қуръонро ба таври комил ва чунончи нозил гардида ҷуз ҳазрати амир ва аима (ъ) ҳеҷ каси дигаре ҳифзу ҷамъоварӣ накарда, пас онҳо чӣ эҳтиёҷе ба Таврот, Инҷил ва Забур доштаанд (?!) он ҳам китобҳое, ки бо омадани Қуръон мансӯх (бекор) шудааст?!

Росташро бихоҳед ҳақиқат чизи дигарест, ки бо камоли таассуф маҷбурем ба он тан диҳем ва бо дарду андӯҳи фаровон бипазирем, ки дастҳои шуме кор карда, ки чунин ривоятҳоеро ба номи поки аима (ъ) бофтаву сохтанд, то он шахсиятҳои муқаддасро бадном кунанд ва зери номи онҳо аз Ислом интиқом бигиранд. Ин матлабро дар фасли дигаре иншоаллоҳ тавзеҳ хоҳем дод.

Оре, мо ҳама медонем ва ҳама шиъаёни мо имон доранд, ки Ислом як китоб бештар надорад ва он Қуръони карим аст. Ин касрат ва бисёрии китобҳои муқаддас хоси яҳуд ва насоро аст. Бинобар ин як бори дигар бояд ин ҳақиқати талхро бипазирем ва эътироф кунем, ки ин гуна дасисаҳову тавтиаҳо дастоварди душманони қасамхӯрдаи Ислом аст, ки боз мутаассифона таҳти номи поки ташайюъ ва исми Ислом ва иддаъои муҳаббати аҳли байт (ъ) фарҳанги Ислом ва улуми аҳли байтро олуда кард.

## ФАСЛИ ШАШУМ

## Аҳли суннат аз дидгоҳи ташайюъ

Вақте ки мо шиъаён китобҳои муътабарамонро мехонем ва ба ақволи фуқаҳо ва муҷтаҳидини худамон бармегардем, мебинем, ки ягона душмани шиъа аҳли суннат ҳастанд. Аз ҳамин ҷиҳат номҳову лақабҳои зиёде барои онҳо гузоштаем, гоҳо ома, гоҳе навосиб ва аҳёнан бо номҳои дигаре ба онҳо ишора мекунем. Ҳанӯз баъзе шиъаёни мо муътақиданд ки аҳли суннат дум доранд ва агар касе бихоҳад, якеро дашном диҳад ва хашми худашро бар ӯ фурӯ бирезад, мегӯяд: “устухони суннӣ дар гӯри падарат бод” ва аз ин қабил ҳарфҳо!

Иллати ин амр он аст, ки мо сунниро ба қадре наҷису палид медонем, ки агар ҳазор бор ҳам шустушӯ дода шавад, наҷосаташ аз байн намеравад ва пок намешавад!

Ҳанӯз ба ёд дорам, ки падари марҳумам марди ғариберо дар яке аз бозорҳои шаҳр дида буд ва азбаски дилаш ба ҳоли ӯ сӯхта буд, ӯро бо худаш ба хона овард, то ин ки шаб меҳмони мо бошад. Падарам, Худо раҳматаш кунад, одами хайрхоҳе буд. Ба ҳар ҳол тибқи маъмул аз ӯ пазирои кардем ва баъд аз шом сари сӯҳбат боз шуд. Банда дар он замон нав ба ҳавза рафта будам. Аз миёни сӯҳбатҳо муайян шуд, ки бандаи Худо (меҳмон) суннӣ аст, аз атрофи Сомиро барои коре ба Наҷафи ашраф омадааст.

Хулоса шабро хобидем ва фардояш баъд аз субҳона марди мазкур зимни сипосгузориву ташаккур Худоҳофизӣ кард ва дунболи кораш рафт. Иттифоқан, падарам маблағе ҳам ба ӯ кумак кард, шояд эҳтиёҷ дошта бошад. Баъд аз рафтани ӯ падарам дастур дод, ки рахтхобе, ки ӯ дар он хобида, бисӯзонанд ва зарфҳое, ки ӯ дар онҳо чизе хӯрда хуб бишӯянд, зеро мӯътақид будем, ки суннӣ наҷис (палид) аст (!) ва ин эътиқоди аксари шиъаён аст. Аз ин рӯ, фуқаҳои мо сунниро дар радифи кофир ва мушрик ва ҳатто хӯк шумурда ва онро ҷузъи чизҳои наҷис муаррифӣ кардаанд, (!) ба ҳамин далел аст, ки ҳар коре онҳо мекунанд, воҷиб аст, ки акси онҳо амал кунем!

### *1. Ихтилоф бо ома воҷиб аст:*

Шайх Садуқ аз Алӣ ибни Асбот ривоят мекунад, ки гуфт ба имом Ризо (ъ) гуфтам: гоҳе масъалае пеш меояд, ки фаҳмидани он лозим аст ва дар шаҳре, ки ман ҳастам, касе аз шиъаёни шумо нест, ки аз ӯ фатво бигирам. Имом фармуданд: назди фақиҳи ҳамон шаҳр бирав ва аз ӯ фатво бихоҳ, ҳар чи ҷавоб дод, баръакси он амал кун, ки ҳақ дар ҳамин аст.

*(Уюну ахбори-р-Ризо, 1/275, чопи Теҳрон)*

Ва аз Ҳасан ибни Холид ривоят шуда, ки гуфт: аз имом Ризо (ъ) нақл гардида ки фармуданд: “шиъаёни мо касоне ҳастанд, ки ҳарфи моро мепазиранд ва бо душманони мо мухолифат мекунанд. Касе ки чунин набошад, аз мо нест.”

*(Алфусулу-л-муҳимма, 225, чопи Қум)*

Муфаззал ибни Умар аз имом Содиқ (ъ) ривоят карда ки фармуданд: “Дурӯғ мегӯяд касе, ки муддаъӣ аст аз

шиъаёни мост, дар ҳоле ки ба ресмони ғайри мо чанг задааст.”

*(Алфусулу-л-муҳимма, саҳ.225)*

### *2. Мувофиқати ома ҷоиз нест:*

Ин сарлавҳаи бобест, ки Ҳиромулӣ дар китоби худаш “Васоилу-ш-шиъа” овардааст, мефармояд: “Аҳодис дар ин бора мутавотир аст, аз ҷумла қавли имом Содиқ (ъ) дар бораи ду ҳадиси мутаъориз, ки фармуданд: “Онҳоро бо ривоятҳои ома мутобиқат диҳед,ончи бо ривоятҳои эшон мувофиқ буд, таркаш кунед ва он чи бо ривоятҳои онҳо мухолиф буд, ба он амал кунед.”

Ҳамчунин фармуданд: “Ҳар гоҳ ду ҳадиси бо ҳам зид ба шумо расид, ба он чи мухолифи онҳост, амал кунед.” Ва низ фармуданд: “Ба он чи хилофи ома аст, амал кун ва фармуд: он чи мухолифи ома бошад, саъодат дар он аст.”

Ҳамчунин фармуданд: Ба Худо савганд ҳаргиз Худованд дар пайравӣ аз ғайри мо барои касе ҳеҷ хайре нагузоштааст, касе ки мувофиқи мо амал кунад, мухолифи душмани мост ва касе ки дар гуфтор ё кирдоре мувофиқи душмани мо бошад, на ӯ аз мост ва на мо аз ӯ ҳастем.”

Имом Ризо (ъ) фармуданд: “Ҳар гоҳ ду ҳадисро мутаъориз (бо ҳам зид) ёфтед, бубинед, ки кадом як бо ома мухолиф аст, ба он амал кунед ва он чи бо ривоятҳои онҳо мувофиқ буд, онро бигзоред.”

Ҳамчунин аз қавли имом Содиқ (ъ) нақл шуда ки “ба Худо савганд ҷуз истиқболи қибла дар назди онҳо чизе аз ҳақ намондааст.”

*(Алфусулу-л-муҳимма, саҳ.325-326)*

Ҳуромулӣ дар бораи ин гуна ривоятҳо мефармояд: “Аз ҳадди тавотур гузаштааст, тааҷҷуб аст, ки баъзе

мутааххирин хаёл кардаанд, ки далели мо дар ин ҷо хабари воҳид аст.”

Ҳамчунин мефармояд: “Он чи аз ин ҳадисҳои мутавотир собит мешавад, ин аст, ки аксари қавоиди усулие, ки дар китобҳои ома (аҳли суннат) вуҷуд дорад, ботил аст.”

*(Алфусулу-л-муҳимма, саҳ.326)*

### *3. Бо ома муштарак нестем:*

Неъматуллоҳ Ҷазоирӣ мефармояд: “Мо бо онҳо дар ҳеҷ асле муштарак нестем (!) на дар Илоҳ, на дар Паёмбар ва на дар имом, зеро онҳо мӯътақиданд Парвардигорашон Зотест, ки Паёмбараш Муҳаммад (с) ва халифааш Абӯбакр аст, дар ҳоле ки мо чунин Худое ва чунин паёмбареро қабул надорем. Парвардигоре, ки халифаи паёмбараш Абӯбакр бошад, Худои мо нест ва он паёмбар ҳам паёмбари мо нест.”

*(Анвору-н-нӯъмония, 2/278)*

Шайх Садуқ аз Абӯисҳоқи Арҷоӣ ривоят мекунад, ки гуфт: имом Содиқ (ъ) фармуданд: “Оё медонӣ чаро ба шумо дастур дода шуда бар хилофи аҳли суннат амал кунед? Гуфтам: намедонам. Фармуд: Зеро ки Алӣ (ъ) ҳеҷ коре набуда, ки анҷом диҳад, магар ин ки уммат (!) бо ӯ мухолифат мекард, то ин ки амри ӯро ботил кунанд. Аз он чӣ намедонистанд аз амиралмӯъминин (ъ) мепурсиданд, вале ҳарчи эшон фатво медод, онҳо аз пеши худашон барои он зиддие метарошиданд, то ин ки ҳақро барои мардум воруна ҷилва диҳанд.”

*(Илалу-ш-шароиъ, саҳ.531, чопи Эрон)*

Ин ҷо саволе матраҳ мешавад, фарз кунем, ки дар масъалае ҳақ бо ома аст, оё бо вуҷуди ин воҷиб аст, ки бар хилофи қавли онҳо амал кунем?

Боре Сайид Муҳаммад Боқири Садр дар ҷавоби ин суоли банда чунин фармуданд: “Бале, воҷиб аст, ки бар хилофи қавли онҳо амал кунем, зеро мухолифат бо эшон, ҳатто агар бар хилофи ҳақиқат бошад, беҳтар аз он аст, ки бо онҳо мувофиқ бошем!”

## Душманӣ бо саҳоба!

Душманӣ бо аҳли суннат амри тозае нест, балки решаи бисёр тӯлонӣ дорад, ҳатто ба асри аввал мерасад, яъне бо худи саҳобаи Паёмбар, ки мо мӯътақидем, ҳамаи онҳо аз доираи Ислом хориҷанд, ба ҷуз се нафар, ки сиққатулислом Кулайнӣ дар китоби арзишмандаш “Кофӣ” онҳоро истисно кардааст, чунончи мефармояд: “Ҳама мардум баъд аз Паёмбар (с) муртад шуданд, ба ҷуз се нафар: Миқдод ибни Асвад, Салмони Форсӣ ва Абӯзари Ғифорӣ”.

*(Равзату-л-Кофӣ, 8/246)*

Росташ банда фаҳмидам ки ин чӣ муаммоест (?!), яъне дастоварди Паёмбар (с) дар тамоми бисту се сол зиндагии рисолат ва даъват фақат се нафар буда? Чаро Паёмбари бузургвори Ислом (с) бо чунин мушкиле рӯ ба рӯ шуданд?!

Агар аз яҳуд бипурсанд, ки дар дини шумо беҳтарин афрод пас аз паёмбари шумо киҳо ҳастанд? Дар ҷавоб хоҳанд гуфт: ёрони ҳазрати Мӯсо. Агар аз насоро ҳам пурсида шавад, онҳо ҳам хоҳанд гуфт: Ҳавворионӣ ҳазрати Исо (ъ), вале агар аз мо шиъаён бипурсанд, ки бадтарин афрод дар дини шумо баъд аз Паёмбар (с) киҳо

ҳастанд? Дар ҷавоб хоҳем гуфт: Асҳоби Паёмбари Худо (с)! Ба ростӣ ман ин муамморо намефаҳмам, бузургтарин асҳоби Расули акрам (с), ки дар воқеъ динро пас аз риҳлати эшон на танҳо ҳифзу нигаҳбонӣ карданд, балки бо ҷонҳову молҳояшон аз он дифоъ карданду то дуртарин нуқтаҳои ҷаҳон онро расониданд, мавриди бадтарин ҳамлаҳо қарор гирифтанд.

Ҳатто ҳамсарони Паёмбар (с), ки аҳли байти дараҷаи аввал эшон ҳастанд ва тибқи фармони илоҳӣ **(Ва азвоҷуҳу уммаҳотуҳум)** модарони мӯъминонанд, аз тавҳину носазо маҳфуз намонданд. Аз ин рӯ, дар дуои маъруфи мо, ки ба номи "дуои Санамаи Қурайш" шӯҳрат дорад ва дар китобҳои мӯътабари мо аз қабили Биҳору-л-анвор ва Мифтоҳ-и Кафъамӣ ва ғайра дарҷ гардида чунин омадааст: "Аллоҳуммалъан санамай Қурайшин ва ҷибтайҳумо ва тоғутайҳумо вабнатайҳумо" ки манзур аз ду санами Қурайш ва ду ҷибту тоғӯт Абӯбакр ва Умар, падарзанони (хусурони) Паёмбари Худо (с) ва манзур аз духтарони санамайн" Оиша ва Ҳафса саломуллоҳи ъалайҳим аҷмаъин (ҳамсарони Паёмбар (с) ҳастанд. Имоми роҳил, имом Хумайнӣ (р) ҳар рӯз субҳ баъд аз намоз ин дуоро мехонданд!

Аз Ҳамза ибни Муҳаммади Тайёр нақл шуда, ки фармуд: Дар маҷлиси имом Содиқ (ъ) будем, ки сӯҳбат аз Муҳаммад писари Абӯбакр ба миён омад, фармуданд: "Худоят раҳмат кунад, рӯзе хитоб ба амиралмӯъминин (ъ) фармуд: дастатонро бидиҳед, ки бо шумо байъат кунам. Пурсиданд: магар байъат накардаӣ. Фармуд: чаро, байъат кардаам, вале барои амри дигаре мехоҳам байъат кунам. Амиралмӯъминин дасташонро дароз карданд, Муҳаммад дасти ҳазрати амирро гирифту фармуд: "Гувоҳӣ медиҳам, ки шумо имоми воҷибулитоат ҳастед ва падарам дар дӯзах аст!"

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.61)*

Аз Шуъайб нақл гардида, ки имом Содиқ (ъ) фармуданд: “Ҳеҷ хонаводае нест, магар ин ки дар онҳо шахси наҷибе аз худашон вуҷуд дорад ва наҷибтарин шахс аз бадтарин хонавода (!) Муҳаммад ибни Абӯбакр аст.”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.61)*

Илова бар он ин воқеъиятро ҳадди ақал эрониён медонанд, ки дар шаҳри Кошон зиёратгоҳест, ки ба номи Бобошуҷоъ шӯҳрат дорад ва бисёре аз мардум аз дур ва наздик барои дидани ин зиёратгоҳ меоянд, тақрибан чизе шабиҳи қабри сарбози гумномест, ки дар баъзе кишварҳои ғарбӣ вуҷуд дорад. Ин қабри хаёлӣ гӯё қабри Абӯлуълуи маҷӯсӣ, қотили Умар ибни Хаттоб (р) аст. Бар дару девори ин зиёратгоҳ калимоте аз қабили марг бар Абӯбакр, марг бар Умар, марг бар Усмонро метавонед мушоҳида кунед.

Ба вижа эрониён, ки бисёре аз онҳо ҳақиқатро намедонанд, хеле ба ин зиёратгоҳ мераванд ва пулҳову назрҳои зиёде ҳам бар он мерезанд. Банда шахсан ин зиёратгоҳро дидаам ва дар солҳои аввали инқилоб Вазорати Иршод зиёратгоҳи Бобошуҷоъ (!)-ро тавсиъаву тармим карда буд ва кортҳои табрикӣ ҳам чоп карда буданд, ки акси зиёратгоҳи мазкур бар рӯи онҳо мушоҳида мешуд!

Сиққатулислом Кулайнӣ аз имом Боқир (ъ) ривоят мекунад, ки фармуданд: “Шайхайн (Абӯбакр ва Умар) дар ҳоле аз дунё рафтанд, ки он чи бо амиралмӯъминин карда буданд ба ёд наёварданд ва аз он тавба нанамуданд, лаънати Худо ва фариштагон ва ҳамаи мардум бар онҳо бод.”

*(Равзату-л-Кофӣ, 8/246)*

Ва аммо Усмон ибни Аффон, ки ду духтари Паёмбар (с)-ро ба ҳамсарӣ гирифта буд, аз Алӣ ибни Юнуси Баёзӣ ривоят аст, ки “Усмон номард буд, ки бо ӯ бозӣ мешуд”.

*(Ас-сироту-л-мустақим, 2/30)*

Ва аммо Оиша ҳамсари Расули Худо (с), ки чанд оят аз сураи Нур дар исботи покдомании эшон нозил шуд, ибни Раҷаби ал-Бурсӣ мегӯяд: “Оиша чиҳил динор аз хиёнат (!) ҷамъ карда буд.”

*(Машорифу анвори-л-яқин, саҳ.86)*

Суоли банда ҳамчун як мусалмони озода ин аст, ки агар хулафои сегона дорои чунин сифатҳое буданд, пас чаро амиралмӯъминин (ъ) бо онҳо байъат кард ва чаро дар тамоми муддати хилофати онҳо ба унвони як вазири мушовир бо онҳо ҳамкорӣ кард, оё аз онҳо метарсид?!

Ва чаро духтараш Уммикулсумро ба издивоҷи Умар дод (!), дар ҳоле ки Умар чунин беморие (!) дошт ё ин ки амиралмӯъминин аз ин бемории Умар иттилоъ надошт, вале оқои Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ иттилоъ пайдо кард?!

Фақат андаке фикру тааммул лозим аст, масъала бисёр равшан аст, ба шарте ки касе бихоҳад аз ақл кор бигирад. Оқои Кулайнӣ ҳадис нақл мекунад, ки “ҷуз шиъаёни мо ҳамаи мардум нутфаи зино ҳастанд!”

*(Равзату-л-Кофӣ, 8/135)*

Ба ҳамин иллат аст, ки уламои мо хун ва моли сунниҳоро мубоҳ донистаанд! Аз Довуд ибни Фарқат ривоят аст, ки гуфт: хидмати имом Содиқ (ъ) арз кардам, ки назари шумо дар бораи куштани носибӣ чист? Фармуданд: Ҳалолу-д-дам аст, вале метарсам ба ту зараре бирасонанд. Агар битавонӣ ӯро зери девор кунӣ ё дар об

ғарқ кунӣ, ки бар алайҳи ту гувоҳӣ надиҳад, ин корро бикун."

*(Васоилу-ш-шиъа, 18/463, Биҳору-л-анвор, 27/23)*

Хулосаи ин бахши китобро бо матлаби ҷомиъу муҳим аз оқои Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ дар бораи ҳукми навосиб ба поён мебарам, эшон мефармояд: "Онҳо ба иҷмоъи (иттифоқи) уламои шиъаи имомӣ кофир (!) ва наҷис (!) ҳастанд ва аз яҳуд (!) ва насоро (!) бадтаранд! Аз аломатҳои носибӣ ин аст, ки ғайри Алиро дар имомат бар ӯ муқаддам дорад!"

*(Ал-анвору-н-нӯъмония, саҳ.206-207)*

***Ҷамъбандӣ:***

Оре, касоне, ки дар тамоми майдонҳои даъват ва ҷиҳод дар канори Паёмбар (с) истода буданд (!) ман намедонам чӣ бигӯям, воқеан, агар онҳо набуданд, Расули акрам (с) ба танҳоӣ ё ҳадди аксар бо даҳ нафар чи гуна бо ин ҳама душман, аъам аз яҳуд, насоро, маҷус, мушрикон ва мунофиқин меҷангиданд?! Ва Ислом чӣ гуна ба саросари дунё мерасид?!

Банда бо ҳама иродату ихлосе ки ба фуқаҳо ва уламои мутақаддим ва мутааххирамон дорам, наметавонам ин иддаъои онҳоро бипазирам, бинобар ин ҷасорат мекунам, ки ҳақ барои мо мӯҳтарамтар аз ҳар шахси дигаре аст ва бедалел худро бо беш аз як миллиард мусалмони аҳли суннат даргир карданро ба салоҳу фоидаи Ислом ва мактаби аҳли байт (ъ) намедонам ва беҷиҳат дар муқобили Қуръон, суннати Паёмбар (с) ва сирати аимаи атҳор (ъ) мавқеъ гирифтанро ҷуз зарба ба Ислом ва кӯмак ба душманони Ислом ва Қуръон чизе болотар намешуморам.

## ФАСЛИ ҲАФТУМ

## Нақши бегонагон дар инҳирофи ташайюъ

Дар фасли аввали китоб нақши Абдуллоҳ ибни Сабои яҳудиро дар инҳирофи ташайюъ мулоҳиза кардед ва ин ҳақиқатест, ки мутаассифона аксари мо шиъаён аз он бехабарем. Солиёни дароз аст, ки банда дар ин бора фикру мутолиа мекунам, ки чаро бояд бисёре аз мундарачоту мӯҳтаваёти китобҳои мо мухолиф бо Қуръон ва суннати Паёмбар (с) ва амали аимаи атҳор (ъ) бошад?!

Саранҷом дарёфтам, ки чеҳраҳои машкуки зиёде ҳастанд, ки дар дохил кардани ин ақоиди ботил ва афкори инҳирофӣ ба мактаби ташайюъ нақши муҳим доштаанд. Албатта ёдовар шавам ин лутфи Худо буд, ки ба ман мӯҳлат дод, ин ҳама муддати тӯлонӣ дар ҳавзаи илмияи Наҷафи ашраф таҳсил ва сипас тадрис кунам ва ба ҳама манобиъ ва сарчашмаҳои илмиамон дастрасӣ дошта бошам. Ҳақиқатан фурсати бисёр тиллоӣ буд, ки ба мутолиоту таҳқиқотам идома диҳам, ба хусус дар ин чанд соли ахир ба ҳақиқатҳое даст ёфтаам, ки бисёр муҳим аст ва низ шахсиятҳоеро шинохтам, ки яқинан дар мунҳариф кардани мактаби ташайюъ нақши бисёр бориз ва асосӣ доштаанд.

Шояд ангезаи аслие, ки бандаро маҷбур кард дар ин замина ба ковиш ва ҷустуҷӯ бипардозам, зулму хиёнате буд, ки эҳсос кардам шиъаёни Кӯфа ба аҳли байт (ъ) раво

доштаанд, воқеан барои ман на танҳо хеле дардовар, ки бисёр суолбарангез буд, ки охир чаро?!

Ва акнун хурсандам ба арз бирасонам ки на танҳо тааҷҷубовару шигифтангез, балки таассуфовар аст бидонем, ки ин ҳама душманӣ, ситам ва хиёнат ба аҳли байт (ъ) тавассути касоне буда, ки худро ба ном шиъа ҷор зада буданд ва иддаъои муҳаббати аҳли байт (ъ)-ро доштанд. Инак чанд намуна аз шиъаёни дурӯғин ва душманони воқии аҳли байт (ъ)-ро бишносем:

***Ҳишом ибни ал-Ҳакам:***

Ҳадисҳои Ҳишом дар кутуби *Сиҳоҳ*-и ҳаштгонаи мо бисёр ба чашм мехӯрад. Ҳамин Ҳишом ибну-л-Ҳакам буд, ки сababи зиндонӣ шудани имом Козим (ъ) ва сипас шаҳодати эшон гардид, мулоҳиза фармоед: "Ҳишом ибну-л-Ҳакам гумроҳ ва гумроҳкунанда буд, дар хуни имом Козим (ъ) шарик буд."

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.229)*

Ҳишом ба имом Козим (ъ) гуфт: маро насиҳат кунед, имом фармуданд: насиҳати ман ба ту ин аст, ки дар бораи хуни ман аз Худо битарсӣ!"

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.226)*

То ҷое ки имом Козим аз ӯ хоста буданд, ки ҳарф назанад, як моҳ сабр кард, вале боз ба сухан гуфтан шурӯъ кард. Имом ба ӯ фармуданд: "Эй Ҳишом, оё хушҳол мешавӣ ки дар хуни як шахси мусалмон шарик шавӣ? Гуфт: На, фармуданд: пас чи гуна дар рехтани хуни ман дорӣ кумак мекунӣ, хомӯш меистӣ ё ин ки розӣ ҳастӣ маро сар бибуранд? Хомӯш нашуд, то ин ки имом (ъ)-ро ба шаҳодат расонданд."

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.231)*

Оё як дӯстдори аҳли байт (ъ), ки воқиан мухлис бошад, қасдан боиси шаҳодати имоми маъсуме мешавад?!

Мулоҳиза фармоед: Аз Муҳаммад ибни Фараҷи Ар-рухҷӣ ривоят аст, ки гуфт ба имом Козим (ъ) нома навиштам ва пурсидам, ки дар бораи қавли Ҳишом ибни ал-Ҳакам дар "ҷисм" ва қавли Ҳишом ибни Солими Ҷаволиқӣ дар "сурат" чӣ мефармоед? Имом дар ҷавоб навиштанд: "Ба саргардон таваҷҷӯҳ накун ва аз шарри шайтон ба Худованд паноҳ биҷӯй, он чи ду Ҳишом гуфтаанд, дуруст нест."

*(Усули Кофӣ, 1/105, Биҳору-л-анвор, 3/288. Ал-фусулу-л-муҳимма, саҳ.51)*

Ҳишом ибни ал-Ҳакам мӯътақид буда, ки Худованд ҷисм аст ва Ҳишом ибни Солим мегуфта: Худованд сурат аст ва аз Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Ҳароз ва Муҳаммад ибни ал-Ҳасан ривоят аст, ки гуфтанд: Хидмати имом Ризо (ъ) расидам ва пурсидам: дар бораи ривояте, ки мегӯяд ҳазрати Муҳаммад (с) Парвардигорашро ба шакли ҷавони шодоб ва сисола дидааст, ки поҳояш дар камараш!!! буда чӣ мефармоед?

Ва гуфтем, ки Ҳишом ибни Солим ва шайтони тоқ ва Майсамӣ мегӯянд: Худованд то ноф (!) дарунхолӣ аст (!) ва бақияаш "самад" аст.

*(Усули Кофӣ, 1/101. Биҳору-л-анвор, 4/40)*

Ин айнан ақидаи яҳуд аст. Дар Тавроти таҳрифшуда, дар Сифри таквин омадааст, ки "Худованд иборат аз инсоне аст ки захомати (пайкари) бузург дорад." Пас ин ақоиди яҳудият аст, ки тавассути Ҳишом ибни Ҳакам ва Ҳишом ибни Солим ва шайтони тоқ ва Алӣ ибни Исмоъили Майсамӣ, муаллифи китоби "Имомат" ба ташайюъ рахна кардааст.

Агар ба китобҳои мӯътабари мо, бахусус *Сиҳоҳ*-и ҳаштгона диққат кунем мебинем, ки ривоятҳои ин гуна афроди мунҳариф ва гумроҳ дар аввал қарор доранд!

***Зурора ибни Аъюн:***

Шайх Тӯсӣ мефармояд: Зурора аз хонаводаи насронӣ аст. Падарбузургаш Сансан аст, ки як роҳиби насронӣ буд. Падараш ғуломи румӣ дар хидмати марде аз бани Шайбон буд.

*(Ал-феҳрист, саҳ.114)*

Ин ҳамон Зурора аст, ки мегуфт: “Аз имом Содиқ (ъ) дар бораи ташаҳҳуд пурсидам.. чун берун омадам, ба ришаш гузидам ва гуфтам: ҳаргиз растагор (!) нахоҳад шуд!”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.142)*

Ҳамчунин Зурора мегӯяд: Ба Худо савганд, агар ҳама он чи ки аз имом Содиқ (ъ) шунидам, баён кунам: “Олати таносулии мардон бар чӯб мехезад!!!”

Яъне, наъузу биллоҳ имом он қадар масоили ҷинсии таҳриккунандае ба ин оқо гуфтаанд, ки агар ривоят кунад, мардон наметавонанд худро контрол кунанд ва маҷбур хоҳанд шуд, ҳатто агар бар рӯи чӯб ҳам ки бошад, худашонро розӣ кунанд!!!

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.123)*

Аз Ибни Мискон ривоят аст, ки аз Зурора шунидам, ки мегуфт: “Худованд раҳмат кунад имом Боқирро, вале имом Содиқ дар бораи ӯ дар дилам чизе дорам! Гуфтам: чаро Зурора чунин мавқеъ гирифта? Гуфт: ба ин далел, ки имом Содиқ расвоиҳои ӯро ошкор кардааст.

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.131)*

Аз ҳамин ҷиҳат имом Содиқ (ъ) фармуданд: “Худованд лаънат кунад Зурораро.” Ва низ фармуданд: “Парвардигоро, агар дӯзах ба андозаи як бушқоб ҳам бештар набошад, умедворам оли Аъюн ибни Сансанро дар худ ҷой диҳад.”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.133)*

Ҳамчунин фармуданд: “Худованд Барид ва Зурораро лаънат кунад.” Ва низ фармуданд: Зурора нахоҳад мурд, магар саргардон. Лаънати Худо бар ӯ бод. Ҳамчунин фармуданд: “Ба Худо савганд, Зурора ибни Аъюн аз касоне аст, ки Худованд онҳоро дар китобаш чунин баён кардааст: **“Ва ба ҳар гуна коре ки кардаанд, мепардозем ва онро ҳеҷ ва пуч мегардонем.”**

*(Фурқон: 23)*
*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.126)*

Ҳамчунин имом Содиқ (ъ) фармуданд: “Зурора аз касонест, ки имон ба онҳо амонат дода мешавад ва сипас аз онҳо салб мегардад. Дар рӯзи қиёмат ба онҳо ал-муъорун, яъне амонатдорон гуфта мешавад. Бидонед, ки Зурора ибни Аъюн аз онҳост.”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.414)*

Ва низ фармуданд: Агар бемор шуд, ҳолашро напурсед, агар мурд дар ҷанозааш ширкат накунед. Касе бо тааҷҷуб пурсид: Зурора? Фармуданд: “Бале, Зурора, аз яҳуд ва насоро бадтар аст, касе ки гуфтааст, ки Худованд яке аз сетост (Солису салосатин, ақидаи масиҳиён аст). Худованд Зурораро сарнагун кунад. Ва фармуданд: Зурора дар имомати ман шак кард.”

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.138)*

Ҳоло банда намедонам, ки баъд аз дарҷи бахшҳое аз зиндагии тиллоии Зурора ибни Аъюн ровии бузург ва шояд бузургтарин ровии ҳадиси мо, ки дар тамоми китобҳои ҳадис метавонед ривоятҳояшро мулоҳиза намоед, чӣ кунам? Бовар кунед, аз шармандагӣ қалам кашидан ҳам бароям душвор аст! Чунин шахсе чӣ мехоҳад барои Ислом тақдим кунад ва он чӣ ӯ ба номи ҳадис нақл мекунад, чӣ гуна метавонад дин қарор бигирад?!

***Абӯбусайри Муродӣ:***

Ин ҳамон Абӯбусайр аст, ки ба имом Мӯсои Козим (ъ) тавҳин кард. Рӯзе пурсид: Агар марде бо зани шавҳардоре издивоҷ кунад, чӣ ҳукме дорад? Имом фармуданд: Сангсор мешавад. Албата агар касе чизе надонад, айбе нест. Абӯбусайр тамасхуркунон гуфт: тавре ки маълум мешавад, дӯстамон ҳануз илмаш комил нашуда!

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.154)*

Рӯзе ибни Абуяъфур бо Абӯбусайр (Лайс ибнул-Бухтар) дар бораи дунё гуфтугӯ мекарданд. Абӯбусайр гуфт: агар дӯсти шумо имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) дастрасӣ пайдо кунад, дунёро бо каси дигаре нахоҳад дод! Ногаҳон Абӯбусайр дид саге дар канори ӯ пояшро боло гирифта, мехоҳад шоша кунад, Ҳамад ибни Усмон баланд шуд, ки онро битарсонад, ибни Абуяъфур гуфт: бигзораш, ӯ омадааст, ки дар гӯши Абӯбусайр шоша кунад!!!

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ,145)*

Азбаски ӯ ба имом Содиқ (ъ) тавҳину таҳқир кард ва ҳазраташро ба муҳаббати дунё ва алоқа бо ҷамъоварии он муттаҳам намуд, Худованд барои танбеҳи ӯ саге фиристод, ки дар гӯшаш шоша кунад. Аз Ҳумоди Ноб нақл шуда, ки гуфт: Абӯбусайр дами дарвозаи имом Содиқ (ъ)

нишаста буд, то ки барояш иҷозаи даромадан диҳанд, вале иҷозат намерасид. Гуфт: агар мо ҳам дастпӯрӣ медоштем, ҳатман ба мо иҷозат медод. Дар ин асно саге омад ва бар чеҳраи Абӯбусайр шоша кард! Абӯбусайр (ки нобино буд) гуфт: уф-уф, ин чист? Касе, ки бо ӯ нишаста буд, гуфт: ин саге буд, ки бар чеҳраат шоша кард!

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.155)*

Абӯбусайр аз назари ахлоқӣ низ марди пасте буд, чунон ки худаш бар худ гувоҳӣ медиҳаду мегӯяд: Занеро дарси Қуръон медодам, рӯзе бо ӯ шӯхии номуносибе кардам. Вай назди имом Боқир (ъ) омада, аз ман шикоят кард. Имом фармуданд: Абӯбусайр ба зан чӣ гуфтӣ? Бо дастам ишора кардам ва гуфтам ин тавр кардам ва чеҳраамро аз хиҷолат пӯшидам. Имом фармуданд: Дубора такрор накунӣ.

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.145)*

***Ту худ хон тафсили ин муҷмал:*** Абӯбусайр дар ривояти ҳадис мухаллит (изофакунанда) буд. Аз Муҳаммад ибни Масъуд нақл шуда, ки гуфт: аз Алӣ ибни Ҳасан дар бораи Абӯбусайр пурсидам, фармуд: Абӯбусайр қабл аз ин ба Абӯ Муҳаммад шӯҳрат дошт ва ғуломи озодшудаи бани Асад буд ва дар ҳамон замон нобино буд. Пурсидам, ки оё ба ғулувв (ифротандешӣ) ҳам муттаҳам шуда? Фармуд: ба ғулувв ҳеҷ вақт муттаҳам нашуда, вале мухаллит (изофакунанда) будааст.

*(Риҷоли Кашӣ, 145)*

Ҳоло ҷои тааммул аст, ки бо диққат ба аҳодиси зиёде, ки ин оқоён ва амсоли инҳо ривоят кардаанд, чӣ гуна бояд ташхис карду фаҳмид, ки чӣ қадар аҷоиб аз он қисм ривоёт(!) дар дин дохил карда бошанд? Ин суолест, ки

ҷавобашро чанд китоби таҳқиқии мустақил бояд бидиҳад. Ба умеди он ки уламо ва донишмандони муҳаққиқ ва дилсӯзи мо шукри Худо кам нестанд, ин ҷойгоҳи холиро низ пур кунанд. Албатта холигоҳ зиёд аст, аммо аз теъдоди муҳаққиқин бештар нест.

## Дуздии фарҳангӣ!

Ин як паҳлӯи қазия аст, услубҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки бегонагон тавонистаанд ба воситаи онҳо дар мазҳаби ташайюъ рахна кунанд. Онҳо тавонистанд бо муҳимтарин кутуб ва бузургтарин мароҷиъи мо бозӣ кунанд. Инак чанд намунае зикр мекунам, ки хонанда метавонад ба василаи он ҳаҷми ин хиёнати ошкор ба мактаби ташайюъро тахмин бизанад.

***Манзалату мақоми Усули Кофӣ:***

Ҳама медонем, ки китоби Кофӣ бузургтарин масдари ҳадиси шомил дар мазҳаби ташайюъ аст, ки аз тарафи имоми замон ҳам таъйид шудааст. Зеро вақте сиққатулислом Кулайнӣ онро таълиф карданд ва ба ҳазрат арза шуд, фармуданд: “Кофӣ барои шиъаёни мо кофӣ аст.”

*(Муқаддимаи Кофӣ, саҳ.25)*

Аллома муҳаққиқ шайх Аббоси Қумӣ мефармоянд: Кофӣ арзишмандтарин китоби Исломӣ ва бузургтарин марҷаъи имомия аст, ки баъд аз он китоби муҳимтаре барои имомия навишта нашудааст.

Мавло Муҳаммад Амини Астарободӣ мефармояд: Аз уламо ва машоихамон шунидаам, ки дар Ислом китобе таълиф нашуда, ки бо Кофӣ рақобат кунад ё ҳамдасти он бошад.

***Кофӣ фарбеҳ мешавад:***

Ҳоло бо назардошти ин мақолаи баланд ва шаъну манзалати фавқулоддае, ки Кофӣ дорад, мулоҳиза фармоед: Аллома Хонсорӣ мефармояд: Дар бораи китоби Равза, ки маҷмӯъае аз бобҳоро дар бар мегирад, ихтилофи назар вуҷуд дорад, ки оё бахше аз китоби Кофӣ аст, ки ба дасти сиққатулислом Кулайнӣ таълиф гардида ё ин ки баъдҳо ба он изофа шудааст.

*(Равзату-л-ҷаннот, 118/6)*

Шайхи сиққа, Сайид Ҳусайн ибни Сайид Ҳайдарии Куракии Омулӣ (вафоташ 1076-и қамарӣ) мефармояд: китоби Кофӣ панҷоҳ китоб аст, ки ҳар ҳадиси он бо санади муттасил ба аима (ъ) мерасад.

*(Равзату-л-ҷаннот, 114/6)*

Дар ҳоле, ки Абӯҷаъфари Тусӣ (вафоташ 460-и қамарӣ) мефармояд: китоби Кофӣ сӣ китоб аст.

*(Ал-феҳрист, саҳ.161)*

Аз гуфтаҳои мазкур ба равшанӣ мушаххас мешавад, ки ҳудуди бист китобе, ки ҳар китоб чандин бобро дар бар мегирад, яъне чизе ҳудуди чил дарсади кулли китоб дар қарнҳои панҷум то ёздаҳуми қамарӣ ба асли китоби Кофӣ афзуда шудааст! Ин илова ба дигар тағйиротест, ки дар китоб оварда шуда, аз қабили табдили ривоёт, тағйири алфоз, ҳазфи баъзе ҷумлаҳо ва изофа кардани ҷумлаҳои дигар.

Ҳоло чӣ касе Кофиро ба ин рӯзгор расонидааст?! Оё воқиан касе ё касоне, ки чунин хиёнате кардаанд, метавонанд инсонҳои поке буда ва дӯстдори аҳли байт (ъ)

бошанд?! Ин хидмат ба аҳли байт ва мактабӣ онон аст?! Оё банда ё ҳар шиъаи дигаре ҳақ дорем, бипурсем, ки оё акнун ҳам Кофӣ аз назари ҳазрати Маъсум мавриди таъйид аст?! Кош метавонистем аз худи Маъсум бипурсем!

### *Кадом фарбеҳтар аст?!*

Биёем намунаи дигареро баррасӣ кунем. Китобе ки баъд аз Кофӣ болотарин мартабаро дорост ва яке дигар аз *Сиҳоҳ*-и арбаъа аст. *Таҳзибу-л-аҳком* аз шайх Тӯсӣ, асосгузори ҳавзаи илмияи Наҷафи ашраф: Шумораи ривоёте, ки акнун дар Таҳзиб аст, бинобар гуфтаи уламову муҳаққиқини мо ҳудуди сездаҳ ҳазору панҷсаду навад (13590) ҳадис аст, дар ҳоле, ки худи муаллифи китоб тавре ки дар *Иддату-л-усул* аст, мефармояд: Ривоёти Таҳзиб чизе беш аз панҷ ҳазор ҳадис аст. Пас кадом шахсе беш аз кулли аҳодиси китобро ба он афзудааст?!

### *Масъул кист?*

Илова бар он бо таваҷҷӯҳ ба аҷоиботе, ки акнун дар *Кофӣ* ва *Таҳзиб* вуҷуд дорад, метавон бо қатъият гуфт, ки дастҳои пинҳоне дар кор буда, ки ба номи Ислом ва дар либоси дӯстдори аҳли байт (ъ) муртакиби чунин хиёнатҳои шигифтангезе шуда ва чизҳоеро ба номи Ислом дар китобҳоямон дарҷ карда, ки Ислом аз он безор аст. Ин вазъияти ду марҷаъ аз чаҳор марҷаъи бузургест, ки дар асрҳои чаҳорум ва панҷум навишта шуда ва тақрибан тамоми таълифоти дигар уламои мо, ки баъд аз қарни даҳум навишта шуда, аз ин чаҳор марҷаъ сарчашма мегирад (Чун аз қарни панҷум то ёздаҳум ҳеҷ таълифи муҳиме надоштаем.” Агар бақияро баррасӣ кунем, чӣ хоҳем ёфт?!

***Эътирофи шуҷоъона:***

1. Аз ин рӯ, Сайид Ҳошим Маъруфи Ҳусайнӣ мефармояд: "Достонсароёни шиъа дар муқобили ривоёти дурӯғине, ки душманони аима (ъ) бофта буданд, достонҳои дурӯғини мушобиҳе ба нафъи аима (ъ) бофтанд, ки мутаассифона ин теъдод бисёр аст!!"

2. Ҳамчунин мефармояд: Пас аз баҳсу баррасии ривоёти мавҷуд дар кутуби ҳадис, монанди *Кофӣ, Вофӣ* ва ғайра дармеёбем, ки касоне, ки дар бораи аима (ъ) ғулув ва ифрот мекарданд ва аз онҳо кина ба дил доштанд, ҳеҷ роҳеро нагузоштаанд, магар ин ки аз он дохил шуда ва барои фосид кардани аҳодиси аима (ъ) ва хароб кардани обрӯи эшон талош кардаанд.

*(Ал-мавзӯъот, саҳ.165-253)*

3. Шайх Тусӣ низ дар муқаддимаи *Таҳзиб* ба ин амр эътироф карда мефармояд: Баъзе дӯстон дар бораи аҳодиси асҳоби мо ба ман гуфтугӯ карданд, ки чаро ин қадар ихтилоф, тафовут, тазод ва мунофот байни ривоёт вуҷуд дорад, то ҷое ки тақрибан ҳеҷ ривояте нест, магар ин ки дар муқобили он ривоёте дар тазоду муқобили он қарор дорад ва ҳеҷ ҳадисе вуҷуд надорад, магар ин ки дар муқобил ҳадиси дигаре онро инкор мекунад. Ҳамин зиддиятҳо боис шуда, ки мухолифин онро ба унвони бузургтарин васила барои таъна бар мазҳаби мо истеъмол кунанд. Мутаассифона, бо ҳама ҳирси сахте, ки шайх Тӯсӣ дошта, китоби эшон аз таҳрифот ва таноқузот маҳфуз намондааст.

4. Оқои Дилдор Алӣ аз уламои имомия дар Ҳинд мефармояд: "Ҳадисҳои маъсур аз аима (ъ) воқиан хеле мутаноқиз аст, тақрибан ҳеҷ ҳадисе нест, магар ин ки дар муқобил ҳадисе вуҷуд дорад, ки онро инкор мекунад ва

ҳеҷ ривояте нест, магар ин ки дар муқобил ривояти зид ба он қарор дорад.”

*(Асосу-л-усул, саҳ.51)*

Шояд ҳамин амр боис шуда ки бисёре аз огоҳон ва равшанфикрон ва чи басо аз худи рӯҳониюн аз мазҳаби мо даст бикашанд. Оре, сӯҳбату калом аз нақши бегонагон дар мунҳариф кардани мазҳаби аҳли байт (ъ) буд.

Масъалаи таҳрифи Қуръонро нигоҳ кунед, ҳеҷ мусалмоне нест, ки мӯътақид бошад Қуръон дастхӯрда (тағирёфта) аст, ҳатто имрӯз дар тамоми ҷаҳони ташайюъ ман гумон намекунам як фарде вуҷуд дошта бошад, ки бигӯяд Қуръони карим дастхуши таҳриф шудааст. Бо вуҷуди ин мебинем дар китобҳои мо ривоятҳое вуҷуд дорад, ки собит мекунад Қуръон таҳриф шудааст, на аз имрӯз балки аз ҳамон қарни аввал ин ривоятҳо вуҷуд доранд.

Аввалин китобе, ки аз таҳрифи Қуръон сухан гуфт, китоби Сулайм ибни Қайси Ҳилолӣ (вафоташ соли 76-и ҳиҷрии қамарӣ аст). Ин аввалин китобест, ки барои мазҳаби шиъа навишта шуда. Дар ин китоб ду ривоят дар бораи таҳриф вуҷуд дорад, вале агар ба китобҳои мӯътабари мо, ки асрҳо баъд аз китоби Сулайм ибни Қайс навишта шуда баргардем, мебинем пур аз ривоятҳои таҳриф аст. Чунончи ишора кардем, ки олим ва фақиҳи маъруфамон шайх Нурии Табрисӣ тавонистааст ҳудуди ду ҳазор ривоят ҷамъ кунад ва собит намояд, ки Қуръон таҳриф шудааст.

Суоли мо ин аст, ки ин ривоятҳоро кадом шахсҳо бофтаву сохтанд? Бо назардошти матлабе, ки қаблан тавзеҳ додем ва намунаҳое, ки бозгӯ намудем ба равшанӣ дармеёбем, ки ҳамаи ин ривоятҳо хеле баъд аз замони Сулайм бини Қайс сохта шудаанд.

Зеро шайх Садуқ (соли вафот 381-и ҳ.қ.) мефармояд: "Ҳар кас мисли ин қавлро (таҳрифи Қуръон) ба шиъа нисбат диҳад, дурӯғгӯ аст." Чунки ин ривоёт дар замони эшон вуҷуд надошта, агар мебуд, ҳатман мешуниду рад мекард. Ҳамчунин шайх Тусӣ нисбати таҳрифи Қуръонро ба шиъа рад мекунад. Аммо китоби Сулайм ибни Қайс дарвоқеъ таълифи Абон ибни Абиъайёш аст, ки навишта ва ба Сулайм ибни Қайс мансуб кардааст. Ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ ва Ардабилӣ дар бораи Абон мефармоянд: (Дар ривоят) ниҳоят заъиф аст ва асҳоби мо навиштани китоби Сулайм ибни Қайсро ба ӯ нисбат медиҳанд.

*(Ал-Ҳиллӣ, саҳ.206. Ҷомиъу-р-рувоти Ардабилӣ, 1/9)*

Ҳангоме ки ҳукумати сафавиён рӯи кор омад, фурсати муносибе буд, ки ҳадис бофтаву сохта шавад ва ба имом Содиқ ва дигар аима (ъ) нисбат дода шавад. Китобҳое, ки дар ин давра навишта шуда, беҳтарин далел бар ин муддаои мост, ки феълан маҷоли тафсили он нест.

***Вуҷуди хориҷӣ надорад:***

Масъалаи дигаре, ки бояд матраҳ мешуд, масъалаи имоми дувоздаҳум аст, ки бародари мӯҳтарамамон оқои Сайид Аҳмад Котиб дар ин бора таҳқиқ карда, мефармояд: "Имоми дувоздаҳум вуҷуди хориҷӣ надорад." Банда зарур намебинам, ки ҷудогона дар ин бора баҳс кунам, баҳсу таҳқиқоти оқои Котиб кофӣ аст.

Фақат бо ихтисор арз мекунам, ки чӣ гуна метавонад имоми дувоздаҳумӣ вуҷуд дошта бошад (?) он ҳам фарзанди имом Ҳасани Аскарӣ (ъ) бошад? Дар ҳоле ки эшон бидуни фарзанд фавт кард, ҳатто барои он ки мутмаин гарданд, баъди фавти эшон дар миёни ҳамсарон ва канизонашон ҷустуҷӯ карданд, на танҳо фарзанде набуд,

балки ҳеҷ кадоми онҳоро ҳомила наёфтанд. Аз ин рӯ, мероси ҳазрат (с) ба бародарашон расид.

Барои тафсили бештар метавонед ба китобҳои зайл муроҷиа кунед: "*Китобу-л-ғайба*", аз шайх Тӯсӣ, саҳ.74, "*Ал-иршод*" аз шайх Муфид, саҳ.354, "*Аълому-л-варо*" аз Фазли Табрисӣ, саҳ.380, "*Алмақолот ва-л-фирақи Ашъарии Қумӣ*", саҳ.102, "*Усули Кофӣ*", ҷ.1, саҳ.505.

Ҳамчунин бародари азизамон оқои Сайид Аҳмад Котиб дар бораи ҷонишинони имоми дувоздаҳум таҳқиқ карда мефармояд: "Онҳо гурӯҳи дунёпараст ва фурсатталаб буданд, ки барои истифода аз амволи хумс ва дигар ҳадияҳое, ки дар қабристон ё сирдоб гузошта мешуд, худашонро ҷонишинони имом муаррифӣ карданд."

Онҷи бештар ҳар мусалмони шиъаро дар бораи ҳақиқати имоми дувоздаҳум кунҷков мекунад, иддаъоҳои аҷибу ғарибест, ки бофандагони ривоёти мо дар бораи эшон муддаъӣ ҳастанд. Агар чунин шахсияте вуҷуд медошт, банда аввалин ғуломи ҳалқабаргӯши эшон мебудам. Вале мутаассифона, бо ақли комил мувофиқ намеояд, ки имоме аз насли Паёмбари Худо (с) барои ислоҳи ҷомиъа омада бошад, кораш кори Паёмбар (с) бошад, аммо ин гуна амал кунад.

## Шоҳкориҳои ҳазрат (Ъаҷаллоҳу...)

### *1. Куштори арабҳо:*

Аллома мулло Боқири Маҷлисӣ ривоят мекунад, ки имоми қоим бо арабҳо ҳамон кореро хоҳад кард, ки дар "*Ҷафри аҳмар*" омадааст, яъне ҳамаро хоҳад кушт."

*(Биҳору-л-анвор, 52/318)*

Ҳамчунин ривоят мекунад: “Миёни мо ва арабҳо ҷуз забҳ чизе намондааст.”

*(Биҳору-л-анвор, 52/349)*

Ҳамчунин ривоят мекунад: “Аз арабҳо битарсед, ки оқибати баде доранд, ҳатто як нафар аз онон ҳам бо имоми қоим нахоҳад буд.”

*(Биҳору-л-анвор, 52/333)*

Чунки бисёре аз шиъаёни мо араб ҳастанд, мепурсем: оё имоми қоим ҳамаро аз дами теғ мегузаронад? Магар Паёмбар ва оли ӯ араб нестанд? Магар худаш араб нест? Падар ва аҷдодаш араб нестанд?

Пас ин чи сиррест, оё набояд эҳтимол бидиҳем, балки бо яқин фарёд бизанем ки на, на ҳаргиз наметавонад ин кори набераи Паёмбар (с) ва фарде аз оли байт бошад. Ҳоло ҷилавтар бубинед, ки чӣ мешавад: Оқои Маҷлисӣ аз амиралмӯъминин ҳадис ривоят мекунанд, ки “Худованд Кисроро аз дӯзах наҷот додааст ва дӯзах бар ӯ ҳаром аст!!!”

*(Биҳору-л-анвор, 41/4)*

Чаро (?!) магар биҳишт ва дӯзах бар чӣ асосе тақсим мешавад? Агар банда, худам ин ривоётро надида будам, шояд бисёр душвор буд, ки бовар кунам, оё мумкин аст дар китобҳои мо чунин ривоятҳое вуҷуд дошта бошад? Ин масъулияти аввали имоми қоим буд!

### *2. Тахриби Масҷиду-л-ҳаром:*

Маҷлисӣ ривоят мекунад ки “имоми қоим Масҷидулҳаромро хароб мекунад, то ки онро ба аслаш баргардонад, ҳамчунин Масҷиди набавиро.”

*(Биҳору-л-анвор, 52/338), Китобу-л-ғайба аз Тусӣ, саҳ.282)*

Ҳамчунин аллома Маҷлисӣ дар тавзеҳи ин амр мефармояд: “Аввалин коре, ки имоми қоим анҷом медиҳанд, ин аст, ки ин дуто (Абӯбакр ва Умар)-ро аз қабрҳояшон дар ҳоле бирун мекунад (!!), ки онҳо тоза (!) ва шодоб (!) ҳастанд. Он гоҳ мисли хокистар онҳоро ба ҳаво мепошад, сипас масҷидро мешиканад!!!”

*(Биҳору-л-анвор, 52/386)*

***Каъбаи ҷадид (нав):***

Табиист, ки баъзеҳо имкон дорад бипурсанд, ки имоми замон чаро ин корро мекунад?! Бале, мутаассифона бояд гуфт аз дидгоҳи мо Каъба дар муқоиса бо Карбало аҳамияте надорад (!!) ва Карбало аз Каъба муҳимтару беҳтар аст!!!

Бинобар нусусе, ки фуқаҳои мо накл кардаанд, на танҳо Карбало муборактарину мукаддастарин минтақаи рӯи замин аст, балки ин ҷойгоҳест, ки Худованд онро аз миёни тамоми нуқоти (шаҳрҳои) ҷаҳон баргузида, бинобар ин аз ҳар ҷои дигар беҳтару муҳимтар аст! Оре, Карбало ҳарами Худо (!) ва Расул (!) ва қиблаи (!) Ислом ва хоки он шифост!!!

Устоди бузургворамон аллома Муҳаммад Ҳусайн Оли Кошифулғито ҳамеша ин байтро такрор мекарданд:

Ва матну ҳадиси Карбало ва-л-каъбату, ликарбало бона улуввулрутба: Яъне он ҷое, ки сӯҳбат аз Карбало ва Каъба бошад, албатта баланд будани манзалати Карбало ошкор аст!”

Шоири дигаре гуфтааст:

*“Ин аст мақоми баланд, пас ҳафт бор онро тавоф кун,*
*Зеро Макка ин мӯҳтаворо надорад, ки ин ҷо дорад!*
*Заминест, аммо ҳафт осмон дар муқобили он,*
*Оре, баландиҳо дар баробари он сар фуруд овардааст!”*

***3. Ҳукми Оли Довуд:***

Оқои Кулайнӣ бобе тартиб дода, ки аима (ъ) ҳар гоҳ қудрат биёбанд, мувофиқ бо ҳукми оли Довуд қазоват хоҳанд кард ва гувоҳ талаб намекунанд. Он гоҳ аз имом Содиқ (ъ) ривоят мекунад, ки фармуданд: Ҳар гоҳ қоими оли Муҳаммад зуҳур кунад, мувофиқи ҳукми Довуд ва Сулаймон (ъ) ҳукм хоҳад кард ва шоҳид талаб нахоҳад кард."

*(Усули Кофӣ, 1/397)*

Маҷлисӣ ривоят мекунад, ки "ҳар гоҳ қоим баланд шавад, амри ҷадид (!) ва китоби ҷадид (!) ва қазои ҷадиде хоҳад дошт!"

*(Биҳору-л-анвор, 52/354, Ал-ғайба-и Нӯъмонӣ, саҳ. 154)*

Ин ки амри ҷадид чӣ хоҳад буд?! Мо намедонем, китобаш ҳам ҷадид аст, ғайр аз Қуръон ва қазоваташ ҳам ҷадид аст?! Имом Содиқ (ъ) мефармояд: Гӯё ман алъон дорам, эшонро мебинам, ки дар байни рукни Ҳаҷару-л-асвад ва Мақоми Иброҳимӣ дорад бо мардум бар китоби ҷадиде байъат мекунанд."

*(Биҳору-л-анвор, 2/135, Ал-ғайба, саҳ.176)*

***Ин ҳадисро ҳифз кунед:***

Ин фаслро бо ривояти даҳшатнок ба поён мебарем, Маҷлисӣ аз имом Содиқ (ъ) нақл мекунад, ки эшон фармуданд: "Агар мардум бидонанд, ки имоми қоим вақте зуҳур кунад, чӣ хоҳад кард? Аксари онҳо орзу мекарданд, ки кош ӯро набинанд. Азбаски мардумро мекушад... ҳатто бисёре аз мардум хоҳанд гуфт: Ин аз оли Муҳаммад (с) нест, агар аз оли Муҳаммад (с) мебуд, раҳм мекард!"

*(Биҳору-л-анвор, 52/353, Ал-ғайба, саҳ.153)*

Вақте аз оқои оятуллои Садр дар бораи ин ривоят тавзеҳ хостам, фармуданд: Қатле, ки анҷом мегирад, аксаран, дар миёни мусалмонон хоҳад буд. Он гоҳ нусхае аз китоби худашон (*“Таърих баъд аз зуҳур”*)-ро бароям эҳдо (тӯҳфа) карданд, дар саҳифаи аввалаш бо хати худашон навиштаанд: эҳдо ба фалонӣ... эшон дар китоби мазкур ин матлабро тавзеҳ додаанд.

***Чанд пурсиши бадеҳӣ:***

Чаро имоми қоим дар миёни араб шамшер мекашад, магар Расули Худо (с) араб набуданд?! Оё амиралмӯъминин ва дигар аимаи атҳор ва зуррияи поки онҳо араб набуданд?! Магар худи эшон (имоми қоим) араб ва аз насли амиралмӯъминин нест?! Магар дар миёни арабҳо миллионҳо нафар шиъа нест, ки ба хуруҷи эшон имон дорад?! Пас чаро ба таври махсус арабҳоро мекушад ва гуфта мешавад ҳеҷ фарде аз арабҳо бо эшон қиём намекунад?!

В-онгаҳе чи гуна мумкин аст, ки Масҷиду-л-ҳаром ва Масҷиди набавиро хароб мекунад?! Дар ҳоле, ки Масҷиду-л-ҳаром, тавре ки дар Қуръон омада, қиблаи мусалмонон аст ва аввалин хонаест, ки барои ибодат дар рӯи замин бино шудааст ва Расули Худо (с) ва амиралмӯъминин ва дигар аима (ъ) дар он намоз хондаанд, хусусан имом Содиқ (ъ) муддати тӯлонӣ дар он иқомат доштааст.

***Хушхабарӣ барои ироқиҳо:***

Мо гумон мекардем, ки имоми қоим Масҷидул-ҳаромро ба ҳолати аслияш, ки дар замони Расули Худо (с) будааст, бозмегардонад. Вале баъдҳо фаҳмидам, ки манзур аз (ба ҳолати аслияш мегардонад) ин аст, ки онро хароб мекунад ва бо замин ҳамвор менамояд, чунки қибла ба сӯи Кӯфа тағйир дода хоҳад шуд!

Файзи Кошонӣ ривоят мекунад: Эй мардуми Кӯфа, Худованд касеро ба андозаи шумо дӯст надорад, аз ин рӯ ба шумо имтиёзотеро хос гардондааст: "Мусаллои шумо хонаи Одам ва хонаи Нӯҳ ва хонаи Идрис ва мусаллои Иброҳим аст." Тӯле намекашад, ки саранҷом Ҳаҷару-л-асвад дар он насб хоҳад шуд."

*(ал-Вофӣ, 1/215)*

Бинобар ин интиқол додани Ҳаҷаруласвад аз Макка ба Кӯфа ва Кӯфаро мусаллои Одам, Нӯҳ, Идрис ва Иброҳим (ъ) донистан далел бар ин аст, ки пас аз хароб кардани Масҷиду-л-ҳаром Кӯфа қиблаи намоз таъйин хоҳад шуд. Бо назардошти ин ривоят тасаввури ин ки Масҷиду-л-ҳаромро ба ҳолати аслии қабл аз тавсиъа бозхоҳад гардонд, тасаввури дурусте нест, аз ин рӯ чунончи дар ривоёт омада, бояд хароб гардад ва қиблаву Ҳаҷару-л-асвад дар Кӯфа бошад.

***Ин аст адолат:***

Мо ба навбати худ мепурсем: ростӣ имоми қоим аз куҷо шурӯъ хоҳанд кард ва аз кадом шахсҳо интиқом хоҳанд гирифт ва ин ҳама хуне, ки мерезад, хуни кист? Бале, чунончи ривоятҳо гӯёст ва чунончи оқои Садр фармуданд: ин хуни муслимин аст, пас зуҳури имоми қоим бар мусалмонон азобе хоҳад буд, на раҳмате. Бинобар ин ҳақ доранд бигӯянд, ки ӯ аз оли Муҳаммад нест! Зеро оли Муҳаммад (с) бар мусалмонҳо раҳму шафқат доранд, вале ин имоми қоим раҳму шафқат надорад!

Магар чунин нест, ки эшон заминро баъди он ки зулму ситам бар он ҳоким аст, саршор аз адолату баробарӣ хоҳад кард? Пас бо куштани навад дар сади (тибқи фармудаи Тусӣ) мусалмонон тавассути имоми қоим куҷост он адолату баробарӣ?!

Аз забони имом Содиқ (ъ) ривояте нақл шуда, ки фармуданд: Албатта эшон аз ин ривоят ва ҳазорон ривояти дигаре, ки ба номи эшон даст ба даст мегардад, иттилоъе надоранд. "Касе ки бо мо мухолифат кунад, дар давлати мо ҳеҷ саҳме надорад, ба дурустӣ ки Худованд дар ҳангоми зуҳури имоми қоим хуни онҳоро барои мо ҳалол кардааст."

*(Биҳору-л-анвор, 52/376)*

### ***Намози ҷумъа чаро таътил (бекор) шуд?!***

Аз бузургтарину равшантарин осоре, ки нақши бегонагонро дар мунҳариф кардани ташайюъ аз қофилаи уммати исломӣ ошкор мекунад, ин идея ва назария аст, ки намози ҷумъа бояд тарк гардад ва ҷуз пушти сари имоми маъсум намози ҷумъа дуруст нест!

Дар ин чанд соли охир, шукри Худо фатвоҳое мунташир шуда, ки иқомаи намозҳои ҷумъаро таъйид мекунад. Ин воқеан, гоми бисёр бузурге барои тасҳеҳи мазҳаби шиъа аст. Банда бисёр аз Парвардигорам сипосгузорам, ки талошҳои маро бебаҳра нагзошт, зеро ба лутфи илоҳӣ шахсан дар таҳрик ва қонеъ кардани мароҷиъи мӯҳтарам ҷиҳати баргузории намозҳои ҷумъа нақши калидӣ доштаам, ки умедворам Худованд маро аз подошу савоби бузурги он маҳрум нафармояд.

Аммо пурсиши банда ин аст, ки чаро мо то кунун, яъне беш аз ҳазор сол (!) ба ин тарфанди хатарнок пай набурдем ва даҳҳо насл аз мусалмонони шиъаи мо аз намози ҷумъа маҳрум будаанд?!

Ин чи дасти пинҳоне дар кор буда, ки тавонистааст бо зиракиву маккорӣ бар як мактаби бузург чира ва ғолиб шавад ва моро аз намози ҷумъае, ки бо насси сареҳи Қуръон собит аст, маҳрум гардонад?

## ФАСЛИ ПОЁНӢ

## Дар ду роҳагӣ!

Пас аз ин сафари хастакунандае, ки саъй кардам аз ҳақоиқи муҳиме парда бардорам ва ноилоҷ шуморо ҳам хаста кардам. Бо таваҷҷӯҳ ба шинохте, ки аз ташайюъи таҳрифшуда (!) пайдо кардем ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ки худи имом Содиқ (ъ) гувоҳӣ медиҳанд, ки шиъаёни аввалин рофиза будаанд ва Худованд ҳам онҳоро рофиза хондааст, “зеро аҳли байт (ъ)-ро канор гузоштанд.”

Ҳадди ақал барои худам матлаби хеле муҳиме боқӣ мондааст ва он ин аст, ки ҳоло бояд чӣ кор кунам? Оё боз ҳам ба истилоҳ шиъа бошам?! Дар ҷоям боқӣ бимонам? Мансабамро ҳифз кунам? Ва ҳамчунон сармояҳои бузургеро аз мардуми соддаву бечора ба номи хумс бигирам ва ба ҷайб бизанам? Ва мошинҳои мудили олӣ савор шавам? Ва (бубахшед) аз занҳои хушгил ком бигирам? Ё ин ки аз ин муҳаррамот канора бигирам ва ҳақро ошкоро баён кунам, зеро сукуткунандаи аз ҳақ шайтони гунг аст?!

Ҳарчанд то кунун мухлисона онро хондааму тадрис кардаам ва аз он дифоъ намудаам, бо ин эҳсос, ки ман аз мактаби аҳли байт (ъ) дорам пайравӣ мекунам, на аз тарфандҳои душманони онҳо. Алҳамдулиллоҳ, акнун ҳам муҳаббати аҳли байт ва пайравӣ аз сирати аимаи атҳор (ъ), албатта баъд аз пайравӣ аз Расули акрам (с) дар қалбам дорад мавҷ мезанад. Вале аз дурӯғҳое, ки ба он сулолаи

тоҳира ва пок басташуда сахт мутанаффирам ва аз душманони воқиии онҳо сахт эҳсоси нафрат ва безорӣ мекунам.

***Тарс аз шамшери қоим?***

Аз Муфаззал ибни Умар ривоят аст, ки гуфт: аз имом Содиқ (ъ) шунидам, ки мефармуданд: "Ҳар гоҳ имоми қоим зуҳур кунад, аз шиъаёни дурӯғин шурӯъ хоҳад кард ва онҳоро хоҳад кушт."

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.253)*

Чаро имоми қоим аз шиъаёни дурӯғин шурӯъ мекунад ва аввал онҳоро мекушад?! Зеро тӯҳматҳову дурӯғҳое, ки онҳо сохтаанд ва ба номи дин ва аҳли байт (ъ) ба мардум тақдим кардаанд, хеле зишт аст ва паёмадҳову осори баде дорад, монанди сиға, ливота, хумс, таҳрифи Қуръон, бидоъ, раҷъат ва ғайра, ки мутаассифона ҳамаи инҳо ҷузъи имон (!) қарор гирифтааст. Пас кадом шахс аз шамшери имоми қоим наҷот хоҳад ёфт?! Ъаҷҷалаллоҳу фараҷаҳу-ш-шариф?!

Ва аз имом Содиқ (ъ) ривоятаст, ки фармуданд: "Худованди пок ҳеҷ ояте дар бораи мунофиқин нозил нафармуда, магар ин ки бар пайравони ташайюъ татбиқ мегирад!"

*(Риҷоли Кашӣ, саҳ.254)*

Ҷонам ва падару модарам фидои имом Содиқ (ъ) бод, хуб шинохтааст! Пас вақте оятҳои нифоқ бар касоне, ки аз ташайюъ пайравӣ мекунанд, татбиқ меёбад, чӣ гуна ман бо онҳо ҳамроҳ бошам?! Оё боз ҳам дуруст аст, ки иддаъо кунанд, аз мазҳаби аҳли байт (ъ) пайравӣ мекунанд?

Ва оё боз ҳам иддаъои муҳаббати аҳли байт (ъ) содиқ аст, инак посухи ҳамаи он пурсишҳоеро, ки ҳамвора маро ба ҳайрат водошта ва зеҳнамро ба худ машғул медошт, дарёфтам.

### *Чаро шиъа будам?*

Пас аз он ки ин ҳақоиқ бароям ошкор гардид ва дигар масоил равшан шуд, шурӯъ ба баҳсу ҷустуҷӯи дигаре кардам ва он ин ки банда чаро шиъа ҳастам ва аслан хонавода ва хешони ман чаро шиъа ҳастанд?

Саранҷом дарёфтам, ки қабилаи мо ҳамагӣ аҳли суннат будаанд, тақрибан ҳудуди саду панҷоҳ сол пеш даъватгароне аз Эрон ба ҷануби Ироқ омада буданд ва бо баъзе сарварони қабилаҳо иртиботе пайдо намуданд ва бо истифода аз хушахлоқиву камилмии онҳо фурсатро ғанимат шумурда, онҳоро фиреб медиҳанд. Қабилаи мо ва бисёр қабилаҳои дигар фақат ба ҳамин иллат шиъа шудаанд ва аслан чизе аз ҳақиқати қазия намедонанд. Ба хотири ин ки амонати илмиро ривоят карда бошам дар ин ҷо номҳои баъзе аз ин қабилаҳоро зикр мекунам, мисли:

Банӯ Рабиъа, банӯ Тамим, ал-Хазоъил, аз-Зубайдот, ал-Умайр (шохае аз Тамим аст), Хазраҷ, Шамар, Туканддавор, ад-Дафофиъа, Оли Муҳаммад (аз қабилаҳои ал-Амора), Ашоиру-д-Девония (оли Акраъ ва оли Будайр), Афаҷ, ал-Ҷаюр, ал-Ҷалиҳа, Ашираи Каъб, Банӯ Лом ва ғайра.

Инҳо ҳама аз қабоили маъруф ва асили Ироқӣ ҳастанд, ки ба шуҷоату карамашон шӯҳрат доранд ва ҳамаашон низ қабилаҳои бузург ҳастанд, ки мутаассифона дар ҳамин саду панҷоҳ сол ба дасти доъиёни моҳир, ки аз Эрон омада буданд, фиреб хӯрдаанд ва ҳар кас ба тарзе дар ин дом афтодааст.

Ин қабоили шуҷоъ фаромӯш кардаанд, ки бо вуҷуди шиъа буданашон шамшери имоми қоим ҳамчунон мунтазир аст, то гарданашонро бибӯсад. Зеро имоми қоим тасмим дорад тамоми арабҳоро, ҳатто агар шиъа ҳам бошанд, ба бадтарин шакл қатли ом кунад (!) чунончи дар китобҳои бузургамон ин ҳақиқат равшан аст.

**Интихоб кардам:**

Аз он ҷое, ки Худованд аз аҳли илм аҳду паймон гирифтааст, ки ҳақро бар мардум ошкор кунанд, вазифаи худ донистам, ки андӯхтаҳоямро ба шумо хонандагони азиз бозгӯям *(салоҳи мамлакати хеш хусравон донанд)*. Ман ки роҳи худамро шинохтаму интихоб кардам ва бо расондани ин матлаб хидмати шумо, умедворам, ки бахше аз дини худамро адо карда бошам.

Парвардигоро, ба муҳаббате, ки ба Паёмбари хотимат (с) ва аҳли байти атҳораш (ъ) дорам, аз Ту мехоҳам, ки ин китобамро мавриди қабули даргоҳат қарор диҳӣ ва нафъи онро ом гардонӣ ва маро аз аҷру савоби он маҳрум нафармоӣ ва онро холис барои худат бигардонӣ, Омин!!!

## **Манобиъ ва сарчашмаҳое, ки дар таълифи ин китоб мавриди истифода қарор гирифтанд**


1. Қуръони карим
2. Иҳтиҷоҷи Табрисӣ
3. Асосу-л-усули Дилдори Ҳиндӣ
4. Аслу-ш-шиъа ва усулуҳо, Кошифулғито
5. Истибсори Тӯсӣ
6. Усули Кофӣ, Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ
7. Усули Кофӣ ба шарҳи шайх Мустафо
8. Аълому-л-варо, Фазл Табрисӣ
9. Аъёни шиъа, Оқобузурги Теҳронӣ
10. Иршод-и шайх Муфид
11. Анвори нӯъмония, Неъматуллоҳи Ҷазоирӣ
12. Албурҳон фӣ тафсири-л-Қуръон
13. Алҷомиъ ли-ш-шароиъ, Яҳё ибни Саъиди Ҳиллӣ
14. Ас-сирота-л-мустақим
15. Ал-ғайба, шайх Тусӣ
16. Ал-ғайбаи Нӯъмонӣ
17. Ал-куно ва-л-алқоб, Аббоси Қумӣ
18. Ал-мақолот ва-л-фирақ-и Ашъарии Қумӣ
19. Ал-муқниъа, шайх Муфид
20. Ал-мавзӯъот
21. Ал-муҳаззаб
22. Ал-васила фӣ найли-л-фазила
23. Биҳору-л-анвор, Мулло Боқири Маҷлисӣ
24. Таҳриру-л-аҳком, Ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ
25. Таҳриру-л-васила-и имом Хумайнӣ (р)
26. Таҳрир-и Товусӣ
27. Тафсир-и Қумӣ
28. Танқиҳу-л-мақол-и Моликонӣ;
29. Таҳзиб-и Тусӣ;
30. Ҷомиъу-р-рувот, Мақдиси Ардабилӣ
31. Ҷавоҳиру-л-калом, Муҳаммад Ҳасани Наҷафӣ
32. Ҳукумати исломӣ, имом Хумайнӣ (р)
33. Ҳаллу-л-ишкол-и ибни Товус
34. Доирату-л-маъориф-и Аъламии Ҳоирӣ (Муқтабасу-л-асар)
35. Захирату-л-маъод, Муҳаммад Боқири Сабзворӣ

36. Риҷол-и Кашӣ
37. Риҷол-и ибни Довуд
38. Риҷол-и Ҳиллӣ
39. Риҷол-и Тусӣ
40. Равзату-л-ҷаннот-и Хонсорӣ
41. Равзату-л-кофӣ-и Кулайнӣ
42. Шароъиу-л-ислом, Наҷмуддин Ҷаъфари Ҳиллӣ
43. Шарҳи Наҳҷу-л-балоға, Ибни Абилҳадид
44. Зиёу-с-солиҳин, Абулқосим Хӯӣ
45. Абдуллоҳ ибни Сабо ва афсонаҳои дигар, Муртазо Аскарӣ
46. Илалу-ш-шароиъ
47. Уюну ахбори-р-Ризо, Садуқ
48. Ғорот-и Сақафӣ
49. Фироқу-ш-шиъа, Навбахтӣ
50. Фуруъу-л-кофӣ, Кулайнӣ
51. Фаслу-л-хитоб, Нурии Табрисӣ
52. Фусулу-л-муҳимма
53. Феҳрист-и Ибни Надим
54. Қомусу-р-риҷол-и Тастарӣ;
55. Китобу-л-маросим, Солор
56. Китоби Сулайм ибни Қайси Ҳилолӣ
57. Кашфулғито, Ҷаъфари Кошифулғито
58. Кашфу-л-ғумма
59. Маҷмаъу-р-риҷол-и Қаҳбоӣ
60. Маҷмаъу-л-фоида ва-л-бурҳон, Шаҳиди Сонӣ
61. Мадорику-л-афҳом, Сайид Муҳаммади Таботабоӣ
62. Миръоту-л-анвор, Муҳаммад ибни Тоҳири Омилӣ
63. Мустамсаку урвату-л-вусқо, Муҳсинулҳаким
64. Мишрофу анвори-л-яқин
65. Мисбоҳу-л-фақиҳ, Ризо Ҳамадонӣ
66. Мӯъҷаму риҷоли-ш-шиъа, Абулқосим Хӯӣ
67. Мафотиҳу-ш-шариъа, Муҳаммадҳасан Файзи Кошонӣ
68. Мақотилу-т-толибин, Исфаҳонӣ
69. Ман ло яҳзуруҳу-л-фақиҳ
70. Маноқибу оли Абӯтолиб, аз Ибни Шаҳрошӯб
71. Нақду-р-риҷол-и Тафришӣ
72. Наҳҷу-л-балоға, тарҷумаи доктор Ҷаъфари Шаҳидӣ
73. Васоилу-ш-шиъа, Ҳуромулӣ.

## МУНДАРИЧА


ЭҲДО ........................................................................ 3
ПЕШ АЗ ДАРОМАД .......................................................... 4
*Тарҷума:* ....................................................................*16*
*Муаллиф:* ....................................................................*17*

МУҚАДДИМАИ МУАЛЛИФ ...............................................18
*Шиноснома:* ................................................................*19*
*Васвасаҳо:* ..................................................................*19*
*Кунҷковӣ:* ...................................................................*20*
*Огози таҳқиқ:* ..............................................................*21*
*Ҳамфикрон:* .................................................................*22*
*Хӯшхабар:* ...................................................................*23*
*Пешбинӣ:* .....................................................................*24*
*Масири ислоҳталабон:* ..................................................*25*
*Омодагӣ:* ......................................................................*26*
*Умедворӣ:* ....................................................................*26*

ФАСЛИ АВВАЛ ..............................................................28
Абдуллоҳ ибни Сабо афсона ё ҳақиқат? ........................28
*Ибни Сабо дар умқи ривоятҳо:* ....................................*29*
*Натиҷагирӣ:* .................................................................*32*

ФАСЛИ ДУВВУМ ............................................................34
Ташайюъ ва мазҳаби аҳли байт (ъ) ...............................34
Ташайюъ аз дидгоҳи аҳли байт (ъ) ...............................35
*Раъйи имом Ҳасан (ъ):* ...............................................*36*
*Раъйи имом Ҳусайн (ъ):* .............................................*36*
*Раъйи имом Зайнулобиддин (ъ):* ................................*37*
*Раъйи имом Боқир (ъ):* ...............................................*38*
*Раъйи имом Содиқ (ъ):* ...............................................*38*
*Раъйи Фотимаи Сугро (с):* ..........................................*38*
*Раъйи ҳазрати Зайнаб (с):* ..........................................*39*
*Натиҷагирӣ:* .................................................................*39*

“Худо шуморо Рофиза номид!” .................................40
*Сабри аҳли байт (ъ):*................................................*40*
Тавҳину таҳқир ба Паёмбар (с) .................................41
*Хар ва ҳадис!* ...........................................................*41*
*Натиҷагирӣ:*...............................................................*42*
*Ҳатто Паёмбар?!:* .....................................................*42*
Тавҳину таҳқир ба амиралмӯъминин (ъ) ...................44
Муттаҳам кист? ..........................................................45
*Фақат хандарӯ:* .........................................................*45*
*Пирмарди ҳуққабоз:*..................................................*45*
Тавҳин ба ҳазрати Фотима (с)!..................................46
Тавҳин ба имом Ҳусайн (ъ)! .......................................47
Тавҳин ба Уммикулсум (ъ) ........................................49
Тавҳин ба имом Ҳасани Муҷтабо (ъ) ........................50
Тавҳину таҳқир ба имом Содиқ (ъ)!...........................51
Тавҳин идома дорад!..................................................53
*Ҳазрати Аббос (ъ):*...................................................*53*
*Фарзандони Аббос (ъ):* ...............................................*53*
*Ҳазрати Ақил (ъ):*.......................................................*53*
*Имом Зайнулобиддин (ъ):*..........................................*54*
Тавҳин ба имом Ризо (ъ)!...........................................55
*Тақлид аз мунофиқин:*...............................................*56*
*Тавҳин ба Ҷаъфар (ъ):* ..............................................*57*
*Қотили аҳли байт кист?!:*..........................................*58*

ФАСЛИ САВВУМ ............................................................59
Издивоҷи муваққат ....................................................59
*Баъзе мафосиди (табоҳиҳои) сиға:* ...........................*66*
*Хотираи як хонум:*......................................................*70*
*Раъйи Қуръон чист:* ....................................................*70*
*Ҳадис бихонем:*............................................................*74*
*Машруъияти (ҷавози) ливот:* .....................................*76*

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ ........................................................81
Хумс ё калиди бонкҳо .................................................81

*Хумс аз дидгоҳи аима (ъ): ..........................................81*
*Фатвоҳои воҷиб набудани хумс: .............................84*
*Тақлид аз аима ё оқоён: ..................................................87*
*Раъйи муфассали Шайх Муфид: .........................................88*
*Раъйи муфассали шайх Тӯсӣ: ........................................89*
*Чархиши андеша: .............................................................91*
Хулосаи таҳаввул дар дидгохи хумс ..........................92
*Марҳалаи аввал: ................................................................92*
*Марҳалаи дуввум: ...............................................................92*
*Марҳалаи саввум: ..............................................................92*
*Як пурсиши муҳим: ...........................................................93*
*Марҳилаи чаҳорум: .............................................................94*
*Марҳалаи панҷум: ...............................................................94*
*Иллати таваллуди хумс: .....................................................94*
*Сабабҳои инҳирофи инсон: ...............................................96*
*Дуъои хаммос .....................................................................96*
*Кош шеъри форсӣ мегуфт: .................................................97*

ФАСЛИ ПАНҶУМ .......................................................................99
Бозӣ бо китобҳои осмонӣ ..........................................99
*1. Ал-ҷомиъа: ........................................................................99*
*2. Саҳифаи Ан-номӯс: ......................................................100*
*3. Саҳифаҳи Ал-ъубайита: ..................................................101*
*4. Саҳифаи Зуобату-с-сайф: ..................................................101*
*5. Саҳифаи Алӣ (ъ): ...........................................................102*
*6. Ал-ҷафр: ..........................................................................102*
*Кина бо аҳли байт: ...........................................................102*
*Интиқом аз аҳли байт: .......................................................103*
*7. Мусҳафи Фотима: ..........................................................104*
*8. Таврот ва Инҷил ва Забур: ..............................................105*
*9. Қуръони карим: ................................................................105*
*Бо далел бояд гуфтан: .......................................................105*
*Як саволи беҷавоб: .............................................................106*
*Эътироф ба як ҳақиқати талх: ...........................................107*

ФАСЛИ ШАШУМ ........................................................ 109
Аҳли суннат аз дидгоҳи ташайюъ ........................... 109
*1. Ихтилоф бо ома воҷиб аст: ................................. 110*
*2. Мувофиқати ома ҷоиз нест:................................. 111*
*3. Бо ома муштарак нестем:.................................... 112*
Душманӣ бо саҳоба! ................................................. 113
*Ҷамъбандӣ:............................................................. 117*

ФАСЛИ ҲАФТУМ ........................................................ 118
Нақши бегонагон дар инҳирофи ташайюъ ............. 118
*Ҳишом ибни ал-Ҳакам:............................................ 119*
*Зурора ибни Аъюн: .................................................. 121*
*Абӯбусайри Муродӣ: ............................................... 123*
Дуздии фарҳангӣ! .................................................... 125
*Манзалату мақоми Усули Кофӣ: ............................. 125*
*Кофӣ фарбеҳ мешавад: ............................................ 126*
*Кадом фарбеҳтар аст?!............................................ 127*
*Масъул кист?............................................................ 127*
*Эътирофи шуҷоъона: ............................................... 128*
*Вуҷуди хориҷӣ надорад: .......................................... 130*
Шоҳкориҳои ҳазрат (Ъаҷаллоҳу...)......................... 131
*1. Куштори арабҳо: .................................................. 131*
*2. Тахриби Масҷиду-л-ҳаром:.................................. 132*
*Каъбаи ҷадид (нав): ................................................ 133*
*3. Ҳукми Оли Довуд:................................................. 134*
*Ин ҳадисро ҳифз кунед: .......................................... 134*
*Чанд пурсиши бадеҳӣ: ............................................ 135*
*Хушхабарӣ барои ироқиҳо: ..................................... 135*
*Ин аст адолат: ......................................................... 136*
*Намози ҷумъа чаро таътил (бекор) шуд?! .............. 137*
ФАСЛИ ПОЁНӢ .......................................................... 138
Дар ду роҳагӣ! ......................................................... 138
*Тарс аз шамшери қоим?........................................... 139*
*Чаро шиъа будам? ................................................... 140*
Манобиъ ва сарчашмаҳое, ки дар таълифи ин китоб
мавриди истифода қарор гирифтанд .............................. 142

**مؤلف:**

**دکتر حسین موسوی**

# اهل بیت (ع)

## از خود دفاع می کنند

**تلاشی مخلصانه در راستای تصحیح بعضی مفاهیم وتحکیم وحدت بین امت اسلامی**

**مترجم:**

**جواد منتظری**

**Muntazeri@yahoo.com**

بهار ۱۳۸۱خورشیدی